НАИМҶОН
НАЗИРӢ

# ШОХҶОРӮБ

Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-5
Н-19

**Ин китоб бо дастгирии
Ҷаноби Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ
Раҳмон нашр шудааст.**

Муҳаррир *Одина Мирак*

Н-19 **Наимҷон Назирӣ. Шохҷорӯб** (маҷмӯаи шеърҳои ҳаҷвӣ). – Душанбе, «Адиб», 2012, 208 саҳ.

«Шохҷорӯб»-и шоири ҳаҷвнигор Наимҷон Назирӣ шеъру масал, ҳазлу мутоибаҳои дар солҳои охир навиштаи ӯро дар бар мегирад.

Муаллиф бо забони нешдори ҳаҷв унсурони нопоки ҷамъият – тороҷгарон, бепарвофалакон, молпарастон, хушомадгӯён, қаллобон, муфтхӯрон, тамаъкорон, майпарастон, маҳалгароён ва ғайраро расвои олам сохтааст.

Умед аст, ки «Шохҷорӯб» писанди дӯстдорони ҳаҷв мегардад.

ISBN 978-99947-2-177-1

© Наимҷон Назирӣ, 2012

# ШУМГИЁҲ

*(Шеъҳо)*

## АЛО, АЛО МЕГӮЯД

Ҳама гӯё серкоранд,
Дар дастҳо телефон доранд.
Хушдоман аз болхона,
Келинаш аз таҳхона,
Ало, ало мегӯяд!

Ронанда дар сари рул,
Фикру ёдаш банди пул
Писарчааш аз боғча,
Овозаш мисли зоғча,
Ало, ало мегӯяд!

Таннозхон аз меҳмонӣ,
Чун рамзи меҳрубонӣ.
Ба шавҳараш карда ноз,
Ҳамчу оши бепиёз,
Ало, ало мегӯяд!

Дар ҳангоми шустушӯй,
Акмалҷон аз лаби ҷӯй.
Мефаҳмонад ба дадош,
Ҷои носдони бобош
Ало, ало мегӯяд!

Кампир зери хавоза,
Чилимро карда тоза.
Бо абераащ Ихлос,
Менамояд пурсупос,
Ало, ало мегӯяд!

Ба мизоҷаш сартарош,
Оби даҳон дода пош.
Занг мезанад Мирсафо,
Одам кам, тезтар биёр.
Ало, ало мегӯяд!

Шабонаю рӯзона,
Дар кӯчаю дар хона.
Олуфтаю безорӣ,
Нашъаманду қиморӣ,
Ало, ало мегӯяд!

Даври телефонбозӣ шуд,
Телефон гӯё бозӣ шуд.
Каллаҳо гардид гаранг,
Асабҳо ҳам шуд таранг.
Аз ало алогӯӣ,
Аз дарду бало гӯӣ!

## ТӮЙИ КОРИ КАЛОН ШУД

Дирӯз дар деҳаи мо,
Тӯйи кори калон шуд.
Хешони соҳиби тӯй
Аз шаҳру деҳ меҳмон шуд.

Баландгӯ дар дасташ,
Баранда ар-ар мекард.
Ҳофиз бод доду фарёд,
Гӯши мардум кар мекард.

Вот-вот карда карнайчӣ,
Ҳунараш медод нишон.
Сурнайчӣ ҳам шуда ҷӯр,
Ҳайрон мекард одамон.

Таблаки нотасфида,
Нофорам садо медод.
Раққоса бо ишваҳо,
Худ ҳар сӯ ҳаво медод.

Бо ҳай гиру бо ҳай мон,
Майзадаҳо дар бозӣ.
Танҳо аз ин гирумон,
Мӯйсафедон норозӣ…

Субҳи содиқ бо ҳамин,
Тӯй оқибат тамом шуд.
Хоби шаби аҳли деҳ,
Сад ҳайфо, ки ҳаром шуд.

## НАФРАТ МЕКУНАД

Марги ин хел зиндагии ноҷавонмардонаат,
Марги ин тоқу равоқу бар ҷиҳози хонаат.
Марги қасру кӯшкҳои сар ба гардунҳои ту,
Марги ин дороию ин давлати шоҳонаат.

Аспи мансабро ҳамеша чунки бар чап мезадӣ,
Бо ғуруру ман-манӣ бар сина тап-тап мезадӣ.
Карда ғорат одамони соддаро ту рӯзу шаб,
Боз аз виҷдони покат ҳар куҷо гап мезадӣ.

Бо фиребу фитнаҳо сарват ба даст овардаӣ,
Моҳии мақсуди худро ту ба шаст овардаӣ.
Харро бо хингилащ бе пӯшт-пӯшт дода фурӯ,
Оқибат бар тоҷу тахти худ шикаст овардаӣ.

Ҳар ки акнун дида монад, ба ту лаънат мекунад,
Мегурезад аз туву пайваста нафрат мекунад.

## САРДОРИ БЕИНСОФ

Рафта ба назди сардор,
Гуфтам, ки гапе дорам.
Ба арзи ман бидеҳ гӯш,
Мадад расон ба корам.

Ӯ бо кибру бо ғурур,
Гуфто вақте надорам.
Бовар бикун имрӯзҳо,
Бениҳоят пуркорам.

Агар оӣ пасфардо.
Ба гапат медиҳам гӯш.
Маслиҳати маро ту,
Нанамоӣ фаромӯш?!

Чандин пасфардо гузашт,
Сардорро намеёбам.
Баҳри арзи дил гуфтан,
Дилрешу дар азобам.

Аз рафтуо, сад афсӯс,
Туфлиҳоям шуд шикоф.
Раҳме надорад аммо,
Он сардори беинсоф.

## МӮЙСАФЕДИ БЕДАНДОН

Як шӯхи чеҳрахандон,
Ки буд духтури дандон.
Бо ҳусну бо малоҳат,
Маро кард моту ҳайрон.
Ҳар рӯз бо як баҳона,
Наздаш мешудам меҳмон.
Мегуфтам, ки дандонам,
Дард мекунад духтурҷон.
Ӯ бесаволу ҷавоб
Тез меканд яктои он.
Ба ҳар рафтан кам мешуд,
Як дандонам аз даҳон.
Оқибат гардидам ман,
Мӯйсафеди бедандон.
Аз булҳавасии худ,
Ҳоло ҳастам пушаймон.

## БА НАҲАНГИ ҶАМЪИЯТ

Наҳанги ҷамъият ҳастӣ,
Палиду бадният ҳастӣ.
Даҳонат гӯри тангу тор,
Забонат чун забони мор.
Ба мардум мезанӣ ту неш,
Ба мисли афъии бадкеш.
Надорӣ заррае виҷдон,
Ту ноодам, ту беимон.
Даҳ ангушт бар даҳон хаста,
Ба курсӣ чаппа биншаста.
Басе доллар намудӣ ҷамъ,
(Ба фикри ту агарчи кам).
Ту дорои замон гаштӣ,
Ба мардум бадзабон гаштӣ.
Ба ин фикру хаёли хом,
Фитодӣ оқибат бар дом.
Бишуд сирру пиёзат фош,
Бишуд тасбеҳи макрат чош.
Ҳама кӯшку манорат монд,
«Зим»-у «Чипп»-и қаторат монд.
Гурехтӣ беватан гаштӣ,
Намурда дар кафан гаштӣ.
Кадом мушхона ҷоят шуд,
Ба дарди бад давоят шуд?!

## ТАНҲО ЛАЪНАТ МЕХОНАД

Як ҷавони фиребгар,
Аз бисёр кас буд қарздор.
Рӯзе ногаҳ дар кӯча,
Бо Мушфиқӣ шуд дучор.

Гуфто: – Хоҷаи азиз,
Камтар таъби ман хира.
Хӯрдагиам ҳамчу заҳр,
Рӯзам чу шоми тира.

Намедонам қарзамро,
Тамом карда метонам.
Азроил гирад ҷонам,
Ман рӯсиёҳ мемонам.

Мушфиқӣ бо табассум,
Гуфто: – Писари нодон.
То қарзатро додана,
Ӯ мешавад хастаҷон.

Мадори ҷони туро,
Гирифтан намемонад.
Танҳо зери лаб пич-пич,
Карда лаънат мехонад.

## ДАР ҒАФЛАТ НАМОН
*(Ба шоири шеърҳои фаҷ)*

Ҳар чи дорӣ дар бисотат чоп кун,
Чашмаи шаффофро гирдоб кун.
Шаҳди моро ҳамчу ғӯлунгоб кун,
Даврат омад рону дар ғафлат намон!

Ҳарзаи худро ақиқи ноб гӯй,
Шеъри хоматро гули маҳтоб гӯй.
Достонатро ба вақти хоб гӯй,
Даврат омад рону дар ғафлат намон!

Чунки садри ноширон почои ту,
Нест аз ин рӯ касе ҳамтои ту.
Минбари боло ҳамеша ҷои ту,
Даврат омад рону дар ғафлат намон!

Шеърҳоят гарчи тифли мурда аст,
Лахти дил нею ғадуди гурда аст.
Чун анори шарааш бифшурда аст,
Даврат омад рону дар ғафлат намон!

Кӯзаат рӯзе ба санге мезанад,
Тавқи лаънат ар ту ранге мезанад.
Панҷаи ҳақ бар ту ҷанге мезанад,
Даврат омад рону дар ғафлат намон!

## ДАЪВОИ МАНСАБ МЕКУНАД

Гунҷишкаки белона ҳам,
Зоғу буму бедона ҳам.
Дар гирди шамъ парвона ҳам,
Даъвои мансаб мекунад.

Дар ҳавзи бадбӯ баққа ҳам,
Дар шохи ар-ар акка ҳам.
Ба-д бӯ намуда такка ҳам,
Даъвои мансаб мекунад.

Дар кундаи чӯб фона ҳам,
Посбони меҳмонхона ҳам.
Пешхизмати ошхона ҳам,
Даъвои мансаб мекунад.

То ки каме даврон кунад,
Кайфу сафо аз ҷон кунад.
Бар дарди худ дармон кунад,
Даъвои мансаб мекунад.

## СИНАИ МАН РЕШ ШУД

*(Пушаймонии Мастуллохӯҷа)*

Шӯхӣ-шӯхӣ ҷоми майро нӯшидам,
Мисли дарёи Зарафшон ҷӯшидам.
Кала шуд монанди чархи осиё,
Чаппа карда куртаамро пӯшидам.

Маст гашта кӯчатозӣ кардаме,
Маймуносо рақсу бозӣ кардаме.
Одамон ҳайрону ман бошам вале,
Шодмонӣ сарфарозӣ кардаме.

Ногаҳон як мардаки шофмӯйлаб,
Омаду гуфто, ки бас кун беадаб.
Бар сару рӯям чунон ҳам сахт зад,
Мути худро карда қумғон бо ғазаб.

Кӯча гуфто ҷои маркабтозӣ не,
Боғи шаҳрӣ ҷои найрангбозӣ не.
Бас намо авбошию майхорагӣ,
Раҳгузарҳо бин, ки аз ту розӣ не.

Дар ҳамин вақт завҷаам ҳам аз куҷо,
Гашта пайдо гуфт, ки рӯзат сиёҳ.
Тилаконат ар раҳат бо чашми чор,
Кори ту майнӯшию кайфу сафо.

Аз хиҷолат синаи ман реш шуд,
Нафрати мардум ба тан чун неш шуд.
Мешавад беобрӯ монанди ман,
Ҳар касе беақлу бадандеш шуд.

## САНГИ ТАҲИ ДАНДОН ҚАМАР

Ваъдабозу нокасу ноодаму шайтон Қамар,
Ҳамчу афъӣ мезанӣ нешу ту заҳрдандон Қамар.
Медиҳӣ бо лофу қофи худ ба мардум ваъдаҳо,
Бахри иҷрояш надорӣ заррае виҷдон Қамар.
Аз буғи ҳаммом ҳам ҳавлои пашмак мепазӣ,
Риштаи мақсуди худ гум карда саргардон Қамар.
Бар замин нокишта доне дорӣ уммеди самар,
Бешараф рӯбаҳмизоҷу марди беимон Қамар.
Рӯзи равшанро чу шоми тира созӣ дар назар,
Бо дили сангини худ беаҳду бепаймон Қамар.

Ту хиёнаткори халқию ғуломи ман-манӣ,
Хонамат дар ҷомеа санги тахи дандон Қамар.
Пӯстини макри ту рӯзе чаппагардон мешавад,
Баски ҳастӣ доғи маҳ дар чеҳраи даврон Қамар.

## ЭЙ НАШЪАМАНДУ ЭЙ НАШЪАҶАЛЛОБ

Эй нашъаманду эй нашъаҷаллоб,
Марги сафедро арзонӣ кардӣ.
Ноҷинсу қаллоб, ноҷинсу қаллоб,
Умри азизро зиндонӣ кардӣ.

Ҳар соддалавҳро афтонда бар дом,
Девона кардӣ, девона кардӣ.
Аз хонаву дар, ёри гуландом,
Бегона кардӣ, бегона кардӣ.

Чун худ касонро бинмуда бангӣ,
Қарсак задию шодмонӣ кардӣ.
Монанди маркаб гардида ҳангӣ,
Хуррам шудию комронӣ кардӣ.

Дунё ба чашмат гардид шаби тор,
Пошидӣ ту заҳр чун мору каждум.
Кардӣ чу маймун найранги бисёр,
Аз рӯи дунё номат шавад гум.

Ҷамъ карда сарват гардидӣ Қорун,
Аз доллари муфт шуд кисаат пур.
Кӯшку манорат шуд сар ба гардун,
Аз «Ҷип»-у «Некси»-т гардидӣ масрур.

Нонро ба равған тар карда ҳар рӯз,
Мекардӣ пулро чун оби ҷӯ сарф.
Доштӣ ба аллоҳ бо қалби пурсӯз,
Доим ту саҷда бикшода ду каф…

Сирри пиёзат шуд оқибат фош,
Афтодӣ бар даст чун муш ба қапқон.
Танг шуд ду чашмат монанди мош,
Баски будӣ ту маҳрум зи виҷдон.

Дар назди қонун ҳастӣ гунаҳкор,
Эй нашъаманду эй нашъаҷаллоб.
Ҷои ту акнун дар пушти симхор,
Эй нашъаманду эй нашъаҷаллоб.

## АЗ КАРДА ПУШАЙМОН ШУД

Мӯи Салтанатпошо,
Якборагӣ кӯтоҳ шуд.
Каҷаки бари рӯяш,
Ҳамчун думи рӯбоҳ шуд.
        Шими писарбачаҳо,
        Барои ӯ мода шуд.
        Пояш дар даруни он,
        Гумон кунӣ хода шуд.
Нохунҳои ангушташ,
Ҳамчун пари товус шуд.
Кораш бо дугонаҳо,
Чақ-чақу бӯсобӯс шуд.
        Деги хӯрокпазиаш,
        Ногаҳ чапагардон шуд.
        Гуфтугӯяш бо шавҳар,
        Чун яхмоси яхдон шуд.
Шуғлаш аз саҳар то шом,
Фақат кӯчатозӣ шуд.
Хушдоман дида инро,
Аз келин норозӣ шуд.
        Шавҳар ба рафтори зан,
        Якборагӣ ҳайрон шуд.
        Бо афсӯсу надомат,
        Ангушт зери дандон шуд.

Маза аз қайла гурехт,
Аз хона гурезон шуд.
Фарзанди ҷигарбандаш,
Дар кӯчаҳо сарсон шуд.
Охир Салтанатпошо,
Аз карда пушаймон шуд.
Ашки ғам дар рухсораш,
Чун шаддаи марҷон шуд.

## ҲАСРАТИ БУЛҲАВАС

Нозанини маҳлиқоеро гирифтораш шудам,
Дода дилро бар кафи ӯ ошиқи зораш шудам.
Ман ба нахли ҷони худ онро харидораш шудам,
Аз висолаш баҳраҳо бардошта ғамхораш шудам.

Парваридам нахли ишқаш аз ҷавонӣ бо умед,
Дар баҳори бехазни зиндагонӣ бо умед.
Аз сару рӯяш намудам гулфишонӣ бо умед,
Боғбон гардида кардам посбонӣ бо умед.

Хонам аз мақдами он гулбадан обод шуд,
Дил зи тавлид гаштани фарзандҳоям шод шуд.
Кохи ишқи мо чи хуш дар зиндагӣ бунёд шуд,
Ҳамсарам Ширин шуду ин банда чун Фарҳод шуд.

Дил вале моил ба як ёри дигар шуд, чун кунам,
Ишқи он ҷонона дар мағзи ҷигар шуд, чун кунам.
Қоматаш ҳамчун санавбар ҷилвагар шуд, чун ку-
нам,
Дар хаёлам оразаш садбарги тар шуд, чун кунам.

Ман аз ин рӯ аз зану фарзандҳо кардам гузар,
Ҳамчу ку-ку паридам аз шох ба шохи дигар.
Дар ҷавонӣ зиндагӣ кардам ба пирӣ кард ҳазар,
Ронд ӯ аз хона, ҳоло гаштаам ман дар бар дар.

Во дареғо, ман кунун бо чашми тар ғам мехӯрам,
Аз пушаймонӣ ба монанди камон хам мехӯрам.
Гар бубинам одамон, чун оҳуе рам мехӯрам,
Ҳар куҷо рӯ оварам як мушти маҳкам мехӯрам.

## ЯЛЛАЛА ДОРАНД

Ба мағозаи «Савсан»,
Ҳар кас, ки медарояд.
Бо абрӯи пургиреҳ,
Ба берун мебарояд.
Аз даҳони коргарҳош,
Мору каждум меборад.
Харидор аз ин рафтор,
Гиребонаш медорад.
Нархи маводҳои он,
Ниҳояти гарон аст.
Бӯлкаҳои нимхомаш,
Ҳатто як-ду сомон аст.
Намаки гилолудаш,
Меистад ҳаштод дирам.
Чои мағорбастааш,
Мардумро медиҳад ғам.
Орди бесифати он,
Монанди талха дар таъм.
Чизе диҳанд бо баркаш,
Албатта мебошад кам.
Аз пули муфти ҳаром,
Кисаашон дӯнбоқ аст.
Аз паси фиребгарӣ,
Нонашон дар қаймоқ аст.
Худ подшоҳу табъ вазир,
Гӯён Яллала доранд.
Муштарӣ содда, онҳо
Гӯё, ки калла доранд.

## БА САРРОФОНИ ГАВҲАРНОШИНОС

Шумо саррофи гавҳарношиносед,
Шумо аз сояи ман меҳаросед.
Намедонед гавҳарро,
Намедонед ҷавҳарро,
Ки дар вақти баҳо беҳ мешуморед мӯҳраи харро.
Шумо ноодаму нокас,
Ба рӯи мавҷи дарёи ҳақиқат хас.
Шумо буздил,
Шумо дар луқмаи нони ҳалоли мо ба мисли қил.
(Агарчи поятон дар гил)
Шумо ҳамчун муши дупо,
Ба ҳар манзил,
Ба ҳар маҳфил.
Шумо чун мурдаоб ҳастед,
Зи ҳарфи ҳақ қимоб ҳастед.
Намедонед ҳаргиз одаму одамгариро ҳам,
Намедонед қадру қимати шеъри дариро ҳам.
Намедонед ҳатто Рӯдакию Ҷавҳариро ҳам.
Шумо буми шаби торед,
Чу афъӣ заҳргуфторед.
Шумо чун ғӯлаи ғафсед,
Ғуломи мансабу нафсед.
Шумо як хамбаи мурдор,
Ниҳоят нокасу айёр.
Ҳамеша мезанед теша,
Ба ҳар реша.
Ки дар майдони худ ҷавлонгаҳе созед,
Ки мисли лӯхтаки сурнайчиҳо бозед.
Шумо бар дарди ҳирсу савлату давлат гирифторед,
Шумо гулзори умри одамиро ҳамчу як хоред.
Агарчи ҷайбатон аз пул бувад лабрез,
Надоред эътиборе назди халқи меҳнатӣ чун без.
Шумо виҷдони худро бар ҷиғилдон додаед подош,
Намедонед фарқи лӯбиё аз мош.

Ба кӯшку хонаҳои сар ба гардунҳоятон лаънат,
Ҳазор лаънат!
Агарчи аз ғуруру ман-манӣ мастед,
Шумо оқи падар ҳастед,
Ниҳоли бесамар ҳастед.
Аз ин хел зиндагонӣ мурдан авлотар,
Ки ҷони хеш бар ҷонофарин биспурдан авлотар.
Шумо бозичаи дастед!
Шумо бозичаи дастед!

## ДАР ОШХОНА

Якбора дар ошхона,
Бобо Сафо қаҳ-қаҳ зад.
Овози хандаи ӯ,
Дакка ба меҳру маҳ зад.
Чӣ гап гуфтам species бобоҷон?
Гуфто, ки намедонӣ.
Дар зиндагӣ ҳоло ту,
Камтаҷриба, нодонӣ.
Ҳар гаҳ, ки ба кампирам,
Гӯям, ки самбӯса паз.
Мегӯяд, ки аз бозор,
Биёред як гӯшти нағз.
Мана бин, мешудаст-ку,
Бо пиёз ҳам самбӯса.
Рафта ошпазро биёр,
Аз рӯяш кунам бӯса.

## ВОЙ БА ҲОЛАТ

Аспи ҳирсу ман-маниро тохтӣ,
Қасрҳои сар ба гардун сохтӣ.
Гарчи гаштӣ Қоруни давру замон,
Обрӯю эътиборат бохтӣ.
Вой ба ҳолат!

Одамонро рӯзу шаб додӣ фиреб,
Баҳрашон кардӣ зи ар-ар ваъда себ.
Дар амал хӯрдӣ ғами авлоди худ,
Оқибат рафтӣ зи мансаб сарнишеб.
Вой ба ҳолат!

Байни мардум бешараф расво шудӣ,
Радди мардум гашта нопайдо шудӣ.
Давлату савлат зи дастони ту рафт,
Дар кадом мушхона рафтӣ ҷо шудӣ.
Вой ба ҳолат!

Ҳар ки бинад бар ту нафрин мекунад,
Лаб каҷу пешонӣ пурчин мекунад.
Решакан гардад зи гулшан гуфта хор,
Дасти худ бикшода омин мекунад.
Вой ба ҳолат!

## КЕЛИН

*(Сурудн хушдоман)*

Ҷонро фидо намоям ман аз барои келин,
Гардам чу шамъи маҳфил обу адои келин.
Биншаста кунҷи хона тасбеҳ намуда дона,
Дида намеканам ман аз ҷилваҳои келин.
Гаҳ хонаро бирӯбад, талқон ба ман бикӯбад,
Дарди дилам шифо ёфт аз ин давои келин.
Дегу табақ бишӯяд, бар тифл алла гӯяд,
Ёрӣ намерасонам ба корҳои келин.
Гаҳ бар писар ҳамеша ғайбат намуда истам,
То боваре насозад ӯ бар вафои келин.
Бар ин нигоҳ накарда, бар пушти ӯ занам зин,
То ин ки канда гардад умру бақои келин.
Гардида тоқаташ тоқ даргоҳи ман намуд тарк,
Гардидаам кунун зор бар хоки пои келин.
Ёрон, мадад намоед, ӯро гирифта оед,
Дар ҳавлиам ҳамеша холист ҷои келин.
З-ин пас варо навозам, бо ӯ муросо созам,
Ҳаргиз раво набинам ҷабру ҷафои келин.

## КАШФИЁТИ ТОЗА

Оинае дар дӯкон,
Қассобе овезон кард.
Ӯ бо ин рафтори худ,
Одамонро ҳайрон кард.
Харидорон бо тааҷҷуб,
Ангушт мебурданд бар лаб.
Худ ба худ ҳайрон шуда,
Мегуфтанд, ки ин чӣ гап?
Ширинкоре хандида,
Гуфто қассоби қаллоб.
Занҳои харидорро
Ба ҳар фиреб кунад боб.
Ба ҷои гӯшти тоза,
Устухонро фурӯшад.
Ин кашфиёти тоза
Дар ҷони ӯ биҷӯшад.

## ИНТИЗОРИ МИЗОҶОН

Ошпази як ошхона,
Пешхизматро наздаш хонд.
Лабро бурда ба гӯшаш,
Оҳиста ба ӯ фаҳмонд.
Гуфто имрӯз, духтарҷон,
Мизоҷонро иззат кун.
Кафро монда рӯи дил,
Бо тавозӯ хизмат кун.
Вақти рафтан онҳоро,
Гуселон бо табассум.
Роҳи ошхонаро гӯй,
Асло нанамоед гум.
Чунки хӯрокҳо имрӯз,
Аз гӯшти бузи пир аст.
Угро, самбӯса, манту,
Шабмондаю хамир аст.

Агар монем дар ғафлат,
Сиррамон мешавад фош.
Чашми мо аз хиҷолат,
Танг мегардад мисли мош…
Пас ҳарду хандакунон,
Шуданд ба кор омода.
Интизори мизоҷон,
Ошхонаро кушода.

## КЛАССИКИ ҚИШЛОҚӢ

Дар васфи қишлоқи худ,
Коҳӣ менависад шеър.
Ки занҳояш боодоб,
Кони лутфу кони меҳр.
Ҷавононаш бофарҳанг,
Меҳнатию марди кор
Пирони он хирадманд,
Ба корафтода ғамхор.
Говҳои чанбаршохаш,
Серширанду серқаймоқ.
Шохи шаҳбузҳои он,
Хушрӯ ба мисли қайроқ.
Сагу гурбаҳои он,
Бениҳоят зебоянд.
Ҳатто акаю зоғаш,
Дилҷӯтар менамоянд.
Себу ноку анҷираш,
Дар таъм монанди асал.
Лимӯҳои хушбӯяш,
Давои дарди касал.
Ангурҳояш сершира,
Анораш роҳати ҷон.
Хӯрда мешавад қоил,
Касе, ки шавад меҳмон.
Боду ҳавояш дилкаш,
Тоза аз чангу ғубор.

Дашту даманаш гулпӯш,
Чашмаҳояш беғубор.
Сонӣ мекунад даъво,
Классики замонам.
Дар байни ҳамқаламҳо,
Фахрида метавонам.
Чунки васфи қишлоқам,
Офаридам ман асар.
Касе наметавонад,
Ба ман шавад баробар.
Гуфтам, ки шоир Коҳӣ,
Ту аз дунё бехабар.
Ман-маниро як сӯ мон,
Хоксорӣ намо камтар.
Классик бошӣ ҳам ту,
Классики қишлоқӣ.
Лофу қофро карда бас,
Камтар бихон варсоқӣ.
Чашмат кушо намо васф,
Ин замину замонро.
Пеш аз асар навиштан,
Ҳис кун набзи замонро.
Аз доми маҳалбозӣ,
Ҷуръат куну берун шав.
Бо халқи Тоҷикистон,
Ҳамчун гӯшту нохун шав.
Нагӯ ин ки фалонӣ,
Аз куҷою кадом шаҳр.
Парто ту одати бад,
Тоза шав чун оби баҳр.
Маҳалгароӣ заҳр аст,
Бовиҷдон шав, ҳазар кун.
Ҳамаро бин ба як чашм,
Аз хулқи бад гузар кун.
Пас мегӯяд хонанда,
Фарзанди фозили халқ.
Меҳри ту ҷо мегардад,
Ҳамеша дар дили халқ.

## ХИЁНАТКОРИ ВИҶДОН

Кори ман афтод бар як порахӯр,
Порахӯри чобулусу кисабур.
Ӯ зи фардогӯиҳо дил об кард,
Хаставу бемору бедорхоб кард.
Пора бурдам оқибат як даста пул,
Бо табассум кард ӯ манро қабул.
Ӯ хиёнат гарчи бар виҷдон намуд,
Мушкиламро тезакак осон намуд.

## ЭҶОД МЕКУНАМ АСАР

Ба нависандаи ҷавон,
Савол дода одамон.
Пурсиданд вақти холӣ,
Китоб мехонад-мӣ он?!

Ӯ бо оҳи оташин,
Даҳон намуда яла.
Гуфто вақти холӣ ҳаст,
Ба одами бекалла.

Ман, ки вақте надорам,
Гардида хуни ҷигар.
Ягон китоб нахонда,
Эҷод мекунам асар.

## МАЙХОРА ШУДАМ

Май нӯшида майхора шудам,
Ошиқи майкада ҳамвора шудам.
Зулфини хона худ гум кардам,
Дар раҳу пайраҳа овора шудам.
Даст ба раҳгузарон карда дароз,
Садақа пурсида бечора шудам.
Занам аз хашму ғазаб заб ба сарам,
Боиси таънаи Сайёра шудам.

«Хайр»-ро нася намуданд зи кор,
Ман фурӯмоя бекора шудам.
Обрӯ гашт зи май обаки ҷӯй,
Хастадил гашта ҷигарпора шудам.

## НОМИ МАН ҲАНГИХӮҶА

Ман сардори «фарқ» ҳастам,
Корчаллони Шарқ ҳастам.
Ба дарёи ман-манӣ,
То хекиртак ғарқ ҳастам.
Номи ман ҳангихӯҷа,
Нӯл мезанам чу чӯҷа.

Ба дӯстонам ғамхорам,
Ёвару мададгорам.
Вале ба корафтода,
Илтифоте надорам.
Номи ман ҳангихӯҷа,
Нӯл мезанам чу чӯҷа.

Ситораро аз осмон,
Ман меканам бенардбон.
Дарсе медиҳам ҳатто,
Ба рӯбаҳу ба шайтон.
Номи ман ҳангихӯҷа,
Нӯл мезанам чу чӯҷа.

Агар пурсед аз виҷдон,
Виҷдонам дар ҷиғилдон.
Ба ин гуфтаҳои ман,
Шумо нашавед ҳайрон.
Номи ман ҳангихӯҷа,
Нӯл мезанам чу чӯҷа.

## АРЗИ МОРО ГӮШ КУН

Хорпуштак! Хорпуштак! Арзи моро гӯш кун,
Ҳамраҳи мо шин ба «Роҳат» шаммачое нӯш кун.
Гарчи «Роҳат» номаш аммо нест аз роҳат дарак,
З-ин сабаб бо қалби сӯзон арз дорам камтарак.
Доимо пешхизматаш сернозу ишва, бадзабон,
Мешавад мушту гиребон бесабаб бо одамон.
Мантуяш пур аз пиёзу шӯрбо шулдурмаоб,
Гар биёрад қимаи нимхом номи он кабоб.
Лахчаки таърифии худро бимонад пеши кас,
Ҷои кашничу шибит болои он пур аз магас.
Сихкабобе гар хӯрӣ, дандони фӯлодӣ намо,
Варна лаҳми он кунад касро зи дандонаш ҷудо.
Нони ӯро пуф кунӣ бар осмон пар мезанад,
Ин чӣ гап гӯӣ, ба нонво, гӯши худ кар мезанад.
Чирки дегу косаву чумча, табоқаш як ваҷаб,
Бо тааҷҷуб мебарад ангушти худро кас ба лаб.
Эй азизам, хорпуштак, ин суханҳо лоф нест,
Чашм пӯшидан аз ин камбудиҳо инсоф нест!

## АЁНАМ ШУД, КИ ТУ ДУРӮЯ БУДӢ

Ту бо ман дӯст будӣ, дӯст будӣ,
Дугонамағзи дар як пӯст будӣ.
Кушода бар ту асрори дили худ,
Ҳамехондам гаҳе бар манзили худ.
Чу додар менишастӣ бар сари хон,
Қасам мехӯрдӣ аз виҷдону виҷдон.
Ки бар ман меҳри беандоза дорӣ,
Ба дунё ғайри ман ҳамдам надорӣ.
Ба ту бовар намуда бо дили шод,
Ҳамегуфтам ба ман дӯсте худо дод.
Ҳикоят карда бар ту сирру асрор,
Таманно доштам гардӣ зафарёр.
Вале дирӯз аҷоиб кор кардӣ,
Ба дӯшам бори ғамро бор кардӣ.

Ба душманҳои як якҷоя будӣ,
Ту андар пушти онҳо соя будӣ.
Якеро кимчи мегуфтӣ ту дар гӯш,
Дигарро мегирифтӣ андар оғӯш.
Ба сейӯмӣ ҳамекардӣ қадаҳчанг,
Маро дидӣ дигаргун шуд туро ранг.
Аёнам шуд, ки ту дурӯя будӣ,
Ба ҳар ҷое бар ҳар ранг менамудӣ.

## АЗ ҲАҚИҚАТ ЧАШМ ПӮШИД

Аз вилоят муфаттиш,
Омад аз баҳри тафтиш.
Мудири пайпо назар,
Ду дасташ пеши бар.
Лабҳо инҷ то баногӯш,
Рафту кашид ба оғӯш.
Гуфто: «Ако, марҳабо!
Пушту паноҳ марҳабо!»
Пас ба хона меҳмон кард,
Чанбаршохе қурбон кард.
Сӯҳбат шуду чақ-чақ шуд,
Нуқли сӯҳбат арақ шуд.
Барои газаки он,
Тайёр шуд баррабирён.
Меҳмон актҳоро ҷамъ кард,
Миқдорашонро кам кард.
Корро чун оби шаффоф,
Аз лойоба намуд соф.
Гуфто, ки корҳо сара,
Чун чормағзи Исфара.
Ҳамин хел гар равад кор,
Комёбӣ мешавад ёр.
Пас ба аспи худ зин зад,
Баҳри сафар қамчин зад.
Бо раис чун май нӯшид,
Аз камбудӣ чашм пӯшид.

## АВВАЛО ИНСОН БИШАВ

Ҷӯраам мехост, ки гардад каси мансабсавор,
То ба аспи мансабе биншаста созад ифтихор.
Маълумоташ олӣ буд,
Каллаи ӯ холӣ буд.
Рафта бар чандин идора кард вай ҷангу мағал,
Гаҳ чу мум нарме шуду гаҳ ҳамчу санг сахту дағал.

Гуфтанаш беинтизом,
Ин хаёлат пучу хом.
Ӯ ба ҷои ин ки бар коре диҳад худро нишон,
Баҳри тӯҳмат, баҳри иғво баст маҳкамтар миён.
Бар ҳама хурду калон,
Тӯҳмате зад бадгумон.
Чанд идора, чанд коргар гашта сарсону гаранг,
Лек аз мансабпараст завқе намуд кайфаш таранг.
Карда қоғазро сиёҳ,
Ҷуст доғ аз рӯи моҳ.

Гӯш кун бар ҳарфи ман мансабпарасти бадният,
Бар ту ман аз рӯи инсоф медиҳам як маслиҳат.
Пеш аз он ки шавӣ бар курсии мансаб савор,
Аввало бояд намоӣ хоксорӣ ихтиёр.
Шахси бовиҷдон бишав,
Аввало инсон бишав!

## АРЗИ ЧОРПО БА МУДИР

Мудирҷон, ҳамчу ҳотам ту саховатпешагӣ бинмо,
Ба ман камтар алаф деҳу зи лутфи хеш чоқам кун.
Аз он рӯзе мудири мо шудӣ кай гуфтаам бар ту.
Худатро ту намо фарбеҳ, маро шафтолуқоқам кун.
Ту аз кунҷораву ҷаву алаф кун ишкамамро сер,
Агар кам шир диҳам бегуфтугӯ зери таёқам кун.
Занам лофе ту бар ин гарданам корди дударро мон,
Зи сар то пои манро реза-реза чун қӯноқам кун.

## БА ЗАБОНБУРИДА

Забонбуридаию боз сарбони забонӣ ту,
Зи дониш бенасибию ба ирфон посбонӣ ту.
Ба устодони таълими забон дасту гиребонӣ,
Надида қатраеро толиби баҳри дамонӣ ту.
Ба аспи ман-манию ҳарзагӯӣ мезанӣ маҳмез.
Агарчанде чу сангпуштак ба ҳар сӯе равонӣ ту.
Гаҳе чун раъди ғуррон бо фалак дар моҷаро ҳастӣ,
Валекин дар амал бовар намо чизе надонӣ ту.
Фақат виҷдони худро бар ҷиғилдон мекунӣ қурбон,
Хурӯсак мешуморӣ хешрою мокиёнӣ ту.
Гилолуд карда оби чашмаҳоро моҳӣ медорӣ,
Ба мардум ақрабосо мерасад доим зиёни ту.
Яқин донам мукофоти ту ради одамон гаштан,
Ба мисли буми кӯрдил кунҷи қабристон макони ту.
Мақоли халқ мегӯяд: саҳар аз пушти шом ояд,
Шавад рӯзе канам аз бехи нопокаш забони ту.

## БУЛҲАВАСҲО

Булҳавасҳо рӯю мӯи хеш рангин мекунанд,
Чун арӯсон зулф мемонанду чин-чин мекунанд.
Дасту поро пур зи суратҳои нақшин мекунанд,
Гаҳ ба гардан занҷиру марҷони зарин мекунанд.

Он яке дорад либоси ношинам бар ҷуссааш,
В-он дигар дар пой карда туфлии дуҳисааш.
Ӯсмадону сурмадон доим бувад дар кисааш,
Дида инро одамон сад бор нафрин мекунанд.

Он яке номи падар пеш оварад бо лофу қоф,
Моҳӣ медорад дигар бо хӯрҷини зераш шикоф.
Дар миён ханҷар ҳамоил карда аз тилло ғилоф,
Кордбозиҳои пурошӯбу хашмин мекунанд.

Аз пагоҳӣ то шабона, аз шабона то саҳар,
Мӯйро молида равған, карда шона то саҳар.
Ҷангу нӯшонӯшу фарёду тарона то саҳар.
Оқибат худро миёни халқ нангин мекунанд.

## БА ЯК АДАБИЁТШИНОС

Менависад ҳар шаб ду-се мақола,
Пас мекунад ба рӯзнома ҳавола.
Дар садову дар симо ҳам тез-тез он,
Мебарояд мисли нохонда меҳмон,
Халтаи ҷоғашро сонӣ сар дода,
Даҳонашро ҳамчун калӯш кушода.
Мегӯяд, ки Белинский ин хел гуфт,
Дурри маънӣ Байрон-амак ин хел суфт.
Фикри Пушкин дар ин бора аҷоиб,
Байти Саъдӣ дар ин мавзӯъ муносиб.
Тахтаву тиракро бо чанд иқтибос,
Меғундорад, мекунад ҷонро халос.
Аз фикри худ аммо ҳаргиз дарак нест,
Дар ҳарзааш як ошӣ ҳам намак нест.

## БЕОР МЕБИНАМ ТУРО

Холабеғам, то ба кай бекор мебинам туро?
Доимо дар кӯчаю бозор мебинам туро.
Тоқӣ дар пешониву мехонӣ доим «ёр-ёр»,
Танбали шармандаи беор мебинам туро.

Меҳнати шоиста мекардӣ ба саҳро кошкӣ,
Шод мегардид аз ту пиру барно кошкӣ.
Мардум аз рафтори ту безор, медонӣ магар?
Заррае ғайрат ба ту мегашт пайдо кошкӣ!

Обрӯят байни мардум рехт як сар бар замин,
Пиру барно карда нафрат гуфта дар ҳаққат чунин:
«Майпарасту танбалу номардию меҳнатгурез,
Бо чунин аҳволи худ ту нестӣ одам барин».

## БА ҲАҶВНАВИС

Кардаӣ бозори ҳазлу шӯхие арзон аҷаб,
Мухлисони ҳаҷвро бинмуда саргардон аҷаб.
Чӯбкадуро додаӣ ташбеҳ ба таблак, ин чӣ гап?
Мо зи килки халачӯбмонанди ту ҳайрон аҷаб.
Мезанӣ бо лофи худ истораро аз осмон,
Ҳарзаатро менамоӣ шаддаи марҷон аҷаб.
Менавозӣ най зи шохи уштурони калтадум,
Мекунӣ завқе ба монанди гули хандон аҷаб.
Гар ту бошӣ ҳаҷвгӯю ворисӣ Зоконихо,
Мегазам лабро зи ҳайрат дар паси дандон аҷаб.

## БОЗӢ-БОЗӢ

Бозӣ-бозӣ ошиқи шайдо шудам,
Бозӣ-бозӣ бо ту ман якҷо шудам.
Бозӣ-бозӣ ман расидам бар висол,
Гирди ту пар-пар задам соҳибҷамол.
Бӯса кардам аз рухи ҳамчун гулат,
Ту задӣ манро ба нӯги кокулат.
Нозҳои ту намудам доғ-доғ,
Хӯрдамаш шафтолу аз шафтолу боғ.
Бозӣ-бозӣ дар лаби дарё шудем,
Ғусл карда моҳии тилло шудем.
Бозӣ-бозӣ ногаҳон зери дарахт,
Шишта мондем ҳайкалосо мо карахт.
Аз қазо бе тӯю бе ақди никоҳ,
Мо шудем соҳиб ба тифли бегуноҳ.
На расид бар гӯши мардум сози даф,
На суруди ҳофизу овози каф.

## БУЗУРГТАРОШ

Як ҷавони навқалам назди адиби номдор,
Шеърҳои хоми худро бурда гуфто бо виқор:
Дар фазои назм акнун ахтари тобон шудам,
Дафтари шеърам гирифта пешатон меҳмон шудам.

Марҳамат, бигрифта хонед як ба як ин сӯзи дил,
Баъд гӯед ман булӯрам ё сафоле ё ки гил.
Хонд шеърашро адибу гуфт: бас сусту хом,
Рав ту бо роҳи бузургон бо машаққат субҳу шом!
Дӣ бидидам мокуосо он ҷавон дар рафтуо,
Дар хиёбони Низомиву Дақиқиву Сино.

## БА НОСИПОС

Маро ҳамчун қаламфур тунд гуфтӣ,
Надорӣ ақлу теғи кунд гуфтӣ.
Бигир аввал ту ашъори маро хон,
Зи фазл бегонаву маҳрум зи виҷдон.
Сиёҳро аз сафед гар мекунӣ фарқ,
Ба баҳри дониши ман мешавӣ ғарқ.
Ту пас медонӣ қадру қимати ман,
Саховатпешагиву ҳиммати ман.

## БА ШОИРТАРОШ

Яке шоиртароши бефазилат,
Ба наздам мокуи бофанда бошад.
Чунон лофе занад, гӯё зи осмон,
Ду-сето ахтареро канда бошад.
Бихонад пас вай абёти фаҷашро,
Агар гӯи хато, дар ханда бошад.
Даҳони шеърбофи ланҷи ӯро,
Чи хуш буд мушти маҳкам ранда бошад.
Худо, раҳме бикун то пои шумаш,
Зи даргоҳи Назирӣ канда бошад.

## БОДИ РАҲГУЗАР ҲАСТӢ

*(Шикояти зан аз шавҳари булҳавасаш)*

Ба гулзори муҳаббат ҳамчу боди раҳгузар ҳастӣ,
Ба гулбоғи садоқат ҳамчу нахли бесамар ҳастӣ.
Надонистам бо рӯи кушоду қалби нопокат,
Ба монанди танӯри беалав андар назар ҳастӣ.

Агарчанде маро мекардӣ сад афсун, аёнам шуд,
Ки дар афлоки бахти ким-кадом духтар қамар ҳастӣ.
Ту ки монанди гулқоғаз надорӣ рангу бӯ, ҳай-ҳай,
Зи ту дасту дилам шустам, ҷавони бадгуҳар ҳастӣ.
Ту дар ҷӯши ҳаёт на зарра, не хуршеди тобонӣ,
Дилат чун кулбаи вайрона ҳасту бешарар ҳастӣ.
Ман аз ту рӯй метобам,
Дигар ҳаргиз намекобам!

## БА НАЗДИ ҶӮРАҲО ҲУРМАТ НИГАҲ ДОР

Ба назди ҷӯраи бемораш Анвар,
Биомад бар аёдат, гуфт додар.
Нанӯш акнун арақрову ҳазар кун,
Тараҳҳум бар дилу ҷону ҷигар кун.
Ки май ранги рухатро тира созад,
Палағда майнаю табъ хира созад.
Сиҳат мегардӣ онгаҳ хотират шод,
Танат аз хастагиву ранҷ озод.
Аҷоиб, гуфта буд дирӯз, ки бардор,
Ба назди ҷӯраҳо ҳурмат нигаҳ дор.
Ба қадри одаму одамгарӣ рас,
Мадеҳ ин ҷуръаро гардонда бар пас.
Кунун шуд маънии пандаш дигартар,
Ки ҳайрон шуд ба ин бемору музтар.

## БА ШЕЪРБОФ

Хор шуд шеъри дарӣ аз дасти ту, аз дасти ту.
Лек бо кибру ғуруру ман-маниҳо мастӣ ту.
Аз алифбои каломи шоирӣ бебаҳраӣ,
Дар гулистони адибон ҷони ман хорастӣ ту.

Боядаш омӯзӣ аввал сирру асрори сухан,
Ҳамнафас гардӣ ту бо дилдодаву ёри сухан.
Мижаҳоро таҳ насозӣ гар ба рӯи саҳфаҳо,
Мешавӣ он гаҳ азизам чашми бедори сухан.

Варна на булбул ба боғи назм, зоғе мешавӣ,
Дар рухи шеъри Аҷам монанди доғе мешавӣ.

## БА ШӮҲРАТПАРАСТ

Ту эй шӯҳратпараст, шӯҳратхарида,
Навишта як-ду байти фаҷаку хом.
Зи шодӣ лаб паси дандон газида,
Ба ҳар сӯ чун бузи кал мезанӣ гом.

Баромад карда гоҳе ту зи минбар,
Ба мисли baққа ваҳ-ваҳ менамоӣ.
Ту гоҳе сӯхта ҳамчун ҳезуми тар,
Даҳони халтаҷоғат мекушоӣ.

Гаҳу чун тортанак торе танида,
Ба симову садо дар мезанӣ ту.
Гаҳе бе нардбон бар маҳ парида,
Ки аз осмон ахтар меканӣ ту.

Вале ин шӯҳратат ҳамчун ҳубоб аст,
Ба мисли акси маҳ дар рӯи об аст.

## БА АДИБТАРОШ

Даҳони халтаи ҷоғат кушода,
Тахаллусҳои ту аз ҳад зиёда.
Гаҳе «Гулбутта» гардӣ, гоҳ «Гулхор»,
Ба дӯши зиндагӣ монанди сарбор.
Ба аспи ҷоҳилӣ доим саворӣ,
Сари мӯе вале виҷдон надорӣ.
Намесозӣ кадуро аз карам фарқ,
Ба баҳри ман-манӣ гардидаӣ ғарқ.
Аз истеъдод сад ҳайфо, дарак нест,
Ки бар тори рубоби ту харак нест.
Ту майдонро, ки бехошок дидӣ,
Ба мисли рӯбоҳи бедум давидӣ.

Вале давидани гӯсола то коҳ,
Маҷӯ доғи сиёҳ аз чеҳраи моҳ.
Бишав аз дому аз сайёд огоҳ,
Ки ногоҳ мебарояд аз сари роҳ.
Сарат ҳамчун хуму чашмот чун мош,
Тамоми сирпиёзат мешавад фош.

## БА МАНСАБПАРАСТ

Будӣ гунҷишкаки белона вақте,
Будӣ мӯҳтоҷи обу дона вақте.
Ҳамеша фол медидӣ зи қисмат,
Нишаста ту ба кунҷи хона вақте.

Ба ногаҳ шамси бахтат шуд дурахшон,
Ба мансаб гаштӣ соҳиб, гаштӣ хандон.
Ба ҳирси ҷоҳу мансаб дода дилро,
Фаромӯш кардӣ ёрону рафиқон.

Зи хоксории ту акнун нишон нест,
Забонат заҳри қотил шуд, забон нест.
Гумон дорӣ, ки монанди ту фарде,
Кунун дар ин замину осмон нест.

Ҳамеша лофи мансаб мезанӣ ту,
Ба сар пайваста тап-тап мезанӣ ту.
Даҳон бикшода ҳамчун ғори бетаг,
Намуда ман-манӣ гап мезанӣ ту.

## БИФАҲМОНАД МУАЛЛИФ

Садри маҷлис гуфт ҳоло,
Мехонем шеъри нав мо.
Ҳар кас бе рӯи хотир,
Фикрашро гӯяд ҳозир.
То ки шеърҳоро шоир,
Аз нав намояд таҳрир.

Касе гуфто ҳаст таклиф,
Бифаҳмонад муаллиф.
Баъд мо бе ҳеҷ андеша,
Фикрро гӯем аз реша.

## БА БАДБУНЁД

Хасмам ба шишаи дили ман санг мезанад,
Бар синаам ба нохуни худ чанг мезанад.
То ки ба одамон диҳадам пургунаҳ нишон,
Бар рӯи ман зи рашки фузун ранг мезанад.
Гардида ӯ ба маркаби думбурида савор,
Аспи маро намуда мазоҳ ҳанг мезанад.
Дур аст аз фазилату ахлоқи одамӣ,
Лофе фақат ба олами фарҳанг мезанад.
Номи варо агарчи ба саҳв Дурр мондаанд,
Аммо худ ӯ ба мисли фулуз занг мезанад.
Хоки сияҳ ба қаъри худ ҳаргаҳ кашад варо,
Шоир Назирӣ бодаи гулранг мезанад.

## БА ҶАВФУРӮШОНИ ГАНДУМНАМО

Аё, гандумнамои ҷавфурӯшон,
Ба сурат одаму сират чу шайтон.
Чаро чаҳ меканед дар роҳи мардум,
Аз ин дунё шавад номи шумо гум.
Зи макру ҳила то эмин шавад халқ.
Зи боғи зиндагӣ гулчин шавад халқ.
Фақат хуршеди тобон нур пошад,
Ҳама пиру ҷавон хурсанд бошад.

## БА МУНАҚҚИД

Эй мунаққид хомаро оҳиста рон,
Аввало «Рози дил»-ро пурра хон.
Ман ба таҳлили асар ҷарроҳи зӯр,
Гуфта чашмамро макун якбора кӯр.

Варна бо ман гар ту гардӣ рӯ ба рӯ,
Менамоям обрӯят оби ҷӯ.
Аз адоват, носипосӣ кун ҳазар,
Ин забони ман бувад теғи дудар.

## БЕНАМАК

Ошро кадбону ногаҳ пухта монад бенамак,
Таъна кардан нораво,
Нест ҷои моҷаро.
Гар ба оши бенамак пошед Шумо камтар намак,
Маззааш гардад расо,
Кас кунад кайфу сафо.
Лек аз баъзе касони бенамак ёрон ҳазар,
Гар намакро бо намакдон ҳам диҳед,
Дӯст гардад гӯеду ҷон ҳам диҳед.
Боз бошад бенамак,
Боз монад бенамак.

## БА НОХАЛАФ

Ҳазор афсӯс мегӯям, ки ту оқи падар гаштӣ,
Ки бе фазлу фазилат ҳамчу нахли бесамар гаштӣ.
Ҳамеша чашм мепӯшӣ зи ҳаққгӯю ҳақиқатҷӯ,
Ба ин дунёи равшан ҳамчу буми кaҷназар гаштӣ.
Надорӣ лутфу эҳсон аз забонат заҳр мепошӣ,
Ҷавони тираақлу носипосу хирасар гаштӣ.
На модарро навозиш мекунӣ, на бар падар шафқат,
Барои хонадону ҷамъият чун дарди сар гаштӣ.

## БАДЕҲАИ ЗАНУ ШАВҲАР

Зан: – Танбалу говгарангӣ ту,
Каллакаду сатангӣ ту.
Ҳамеша чун хурӯси пир,
Омодаӣ ба ҷангӣ ту.

Мард: – Маҳваш нозанини ман,
Ту ахтари замини ман,
Бе ту мабод зиндагӣ,
Ту қисмати ҷабини ман.

Зан: – Хоҳӣ, ки ҳамдамат шавам,
Ба реш малҳамат шавам.
Шарику ҳамнафас мудом,
Ба шодию ғамат шавам.
Саҳро бароюкор кун,
Худро ба меҳнат ёр кун!

## ГИРИФТА АРЗАҲОРО ПОРА МЕКАРД

Яке сардори бадҷаҳли идора,
Ду гӯшаш кару қалбаш санги хора.
Ба лабханде қабул бинмуда мардум,
Шунида арзашон мекард табассум.
Ҳамегуфто ҳар он чизе шунидам,
Ва он нуқсон, ки ман бо чашм дидам.
Ба зудӣ мекунам ислоҳ саросар,
Ба ҳарфи ман шумо созед бовар.
Чу гаштанд одамон аз назди ӯ дур,
Ҳамезад зонуву мекард тамасхур.
Гирифта аризаҳоро пора мекард,
Ҳаво дода ба партов «чора» мекард.
Ҳар он чизе зи гӯшаш медаромад,
Зи гӯши дигари ӯ мебаромад.

## ГУЛИ ДАСТ БА ДАСТӢ

Эй духтараки сода гули даст ба дастӣ,
Аз бодаи гумроҳию бефаҳмӣ ту мастӣ.
Доди дили худро ба кафи булҳаваси дун,
Андеша накардӣ, ба сари зону нишастӣ.
Буд шишаи қалби ту аҷаб софу булӯрин,
Бар роҳати як лаҳзаина беҳуда шикастӣ.

Гуфтам, ки хаёле куну бо ақл даромез,
Андеша накардию бигуфтӣ ту кӣ ҳастӣ?!
Имрӯз, ки бо ашки алам наҳвазанонӣ,
Медон, ки гунаҳкори асосӣ худат ҳастӣ.

## ГУРБАРО НАГӮЕД ПИШТ

Директори заводам,
Одами дасткушодам.
Червонҳои давлатро
Ман бар ҳаво бод додам.
    Ба кор гирифтам аком,
    Хоҳарчааму уком.
    Ҷиянҳои дадоям,
    Сонӣ писари тағом.
Ситораро бенардбон,
Якҷоя задем моён.
Оби ҷӯро лой карда,
Моҳӣ медорем аз он.
    Шишаро қул-қул кардем,
    Мо хиштҳоро пул кардем.
    Ҳамёнро пур карда,
    Табассум чун гул кардем.
Гарчи бад сифати хишт,
Гурбаро нагӯем пишт.
Пиёдаи найрангам,
Наранҷонед гуфта кишт.
    Агарчанде ман қаллоб,
    Аз таги ях равон об.
    Муфаттишҳо бехабар,
    Дар кадом мушхона хоб.
Директори заводам,
Одами дасткушодам.
Червонҳои давлатро
Ман бар ҳаво бод додам.

## ГУФТО, КИ ХОМ

Роман баромад,
Чоп шуд.
Гуфто муаллиф,
Боб шуд.
Се сол гузашт тақризнавис,
Гӯё, ки андар хоб шуд.
Ҳайрон муаллиф гашт аз ин,
Чу мӯ ба печу тоб шуд.
Чашмаш ба тақризи аксар,
Ду косаи зардоб шуд.
Ҳар кас, ки бар дасташ гирифт,
Дилхаставу бетоб шуд.
З-ин рӯ касе нанмуд тамом,
Хонд нимааш гуфто, ки хом!

## ҒАЙБАТХОЛА

*(Мазмун аз Раҳим Ҷалил)*

Дар деҳаи Кемухтгарӣ кампираке ҳаст,
Як кампири серҷоғу манаҳ-серчакаке ҳаст.
Солаш бирасидааст агарчанд ба ҳафтод,
То ҳол бувад шефтаи банди хурофот.
Бар косаи ҳар касе шуда чурғот, занад лоф,
Гӯяд сухан аз ҷину парию зи кӯҳи Қоф.
Ҳамроҳ шавад бар ҳама кору гапи мардум,
Мардум ҳама гӯянд, ки «Эй хола, бишав гум!»
Ӯ боз равад дар ба дару ҳарза фурӯшад,
Монанди калӯшкӯҳна даҳон ҳеҷ напӯшад.
Гӯяд, ки: «Фалонӣ, писарат каппа-калон-ку?
Хандон сӯи мактаб шуда, бо завқ равон-ку?
О, хатна ту кай мекунию гӯ чӣ гап аст ин,
Э, садқа шавад ҷонакам, аз ту талаб аст ин?»
З-ин дар чу барояд, биравад боз дигар дар,
То ғайбату ғаммозии худро бикунад сар.

Гӯяд, ки: «Ҳалима, ба шумо якта гапам ҳаст,
Як хоҳишу як арзу ва якто талабам ҳаст.
Духтарчаатон Соҷидахон духтари нағз аст,
Духтарчаи вазнину бафикр асту бамағз аст.
Духтарчаатонро чи мешавад ин ки диҳед шӯй,
Он гоҳ шавад об баробар ба лаби ҷӯй…»
Пас, хеста з-ин ҷо биравад бар дари дигар,
То ғайбати пешинаи худро бикунад сар…
Шаб бо зани ҳамсояи мо ҷанги калон кард,
Дар бораи он зан ба дилаш кина ниҳон кард.
Чун шавҳари ӯ дид ба ӯ шӯру мағал кард,
Дар бораи ҳамхонаи вай кори дағал кард.
Гуфто, ки: «Мурад хола, занат ганда баромад,
Вақте ки набудӣ ту, ду-се бор кас омад.
Бе ту ҳама дам мекунад ӯ хуррамию кайф,
Гардам ба қаду басти ту, охир, ба ту ин ҳайф!»
Бишнид зи холла чу ҳамин ҳарф Алимардон,
Гум кард худашрову бигардид парешон.
Як рӯз дар он хона зи кор омада бегоҳ,
Андар дами дарвоза бидид холая ногоҳ.
Он холла бигуфто, ки: «Дар ин хона чӣ овоз?
Як мард ба гуфтору занат ҳам бикунад ноз.
Гаҳ мард бигӯяд, ки: «Азизам, гули хандон,
Дилдодаи ишқат манаму шефтаи он».
Аммо зани бешарми ту гӯяд: «Дилу ҷонам,
Як лаҳза набошед шумо, зиста натонам».
Бишнида гапи хола бигардид равона,
Бо ғусса даромад Алимардон ба хона.
Гуфто: «Аҷабо, ки зани дар аҳд вафодор,
Дар ҳаққи ман, охир, бикунад ингуна рафтор».
Дид, ин ки телевизор диҳад «Тоҳиру Зӯҳро»,
Ёраш шуда бо шавқ дар он ғарқи тамошо.
Аз дидани ин ҳол ба завқ хандид,
Ҳамхонааш аз кардаи шавҳар биранҷид.
Омад Алимардон чу бар назди тиреза,
Бикшод вар обо ҷадалу хашму ситеза.
Чун аз паси он холаи мо гӯш ҳамедод,
Зад чӯби тиреза ба ҷабинаш, бизад ӯ дод.

Пешонаи худ дошта шуд хола гурезон,
Аз кардааш афсӯс ҳамекарду пушаймон.
Худкарда даво ҳеҷ надорад, ки яқин аст,
Тақдир ба ин холаи ғайбатчӣ ҳамин аст.

## ДИПЛОМ

*(Аз забони кундапихи корчаллон)*

Эй умеду ифтихорам дипломам,
Обрӯю эътиборам дипломам.
Аз паси ту ҳарҷо забондарозам,
Туро доим ба ёд орам дипломам.

Ту ҳастию мансабдори номдорам,
Ба чашми одамон панҷ сею чорам.
Ҳарки агар маълумотамро пурсад,
Чун дастархон туро наздаш гузорам.

Аз паси ту нону ошам тайёр аст,
Арӯси бахт маро андар канор аст.
Рӯям сурху кордам доим равғанин,
Чор фасли соли ман доим баҳор аст.

Дар болои сарам чун соябон ту,
Бахшандаи даста-даста червон ту.
Мушкилкушо, зинатбахши хонадон,
Рӯи сурху ба ҳар дардам дармон ту.

Сӣ сол шуд, ки дигар ман намехонам,
Парвоям нест, гарчи чизе надонам.
Донишамро такмил додан чӣ даркор?
Бе ин ҳам аз пасат дароз забонам.

Диплом, эй дипломам, эй дипломам,
Аз ту ҳамчун асал мебошад комам.
Пардапӯши фиребу найранги ман,
Аз ту баҳурмату машҳур шуд номам.

## ДАР ЯК ИДОРА

Ба як ҷо ҳаст аҷоиб як идора,
Ки бошанд коргаронаш ҳамакора.
Пагоҳӣ ҷамъ шуда дилпурсӣ созанд,
Раванд пас гаҳ пиёда гаҳ савора.
Намебинӣ ту онҳоро дигар бор,
Ҳама дар хона биншинанд иҷора.
Ба як ҳафта кунанд як рӯз меҳнат,
Гиранд худро ҳама сонӣ канора.
Аз ин рӯ ғафсу фарбеҳу таранганд,
Ҷасад чун филу рӯ мисли зағора.
Агар хоҳӣ, ки онҳоро шиносӣ,
Биё, рӯзи маош, бинӣ қатора.

## ДУШМАН Ӯ

Дӯстам гӯён агар рози дилам ифшо кунам,
Ӯ табассум мекунад.
Аз азобу нобориҳои худ лаб во кунам,
Ӯ такаллум мекунад.
Дӯстам не, душман ӯ.

Дӯстам гӯён агар гӯям, ки беморам каме,
Рост мегӯяд рангат заъфарон.
Маслиҳат пурсам варо ман гуфта ёру ҳамдаме,
Гӯядам осуда мон,
Дӯстам не, душман ӯ.

## ДАРДИ КАМПИР

– Завҷаатро дӯст медорӣ ниҳоят ҳам Сафо,
Як-ду соат ҳам намонда рафта овардӣ варо.
Мон, ки камтар сер гардад буд вай аз дидори дӯст,
Нашъае бардорад аз ҳар сӯҳбату гуфтори дӯст.
– Ҳалқаи сад сӯма андар гӯши худ,
Рафта буд.
Сахт тарсидам, ки онро ногаҳон,
Гум насозад ҷӯраҷон!

## ДУ НИМТА ГИР, ИЛТИМОС

– Рафтем ҳамроҳ ба кино,
– Ман дарди по, анна бин.
Метарсам дар ними роҳ,
Боз наафтам бар замин.
– Рафтем ба пивахона,
Камтар мекунем чақ-чақ.
Ман гирифтам моҳона,
Мехарам нимта арақ.
– Бо ҷону дил ман мамнун,
Ҳозир мепӯшам либос.
Шарташ ҳамин ҳиммат кун,
Ду нимта гир, илтимос.

## ДАР ҒАМ ГУЗОРАМ

*(Аз забони майзада)*

Фақат майхорагӣ шуд касбу корам,
Бинӯшам май ғами дилро барорам.
Ки ман азбоданӯш парво надорам,
Ба кори ҷамъият парво надорам.
Агар дар ресторан биншаста монам,
Тамоми харҷи ёронро супорам.
Зи нӯшонӯшу занги бодаву ҷом,
Зану фарзанди худ дар ғам гузорам.
Маошам сарфи май мегардаду боз,
Зи улфатҳо ҳамеша қарздорам.
Ниҳоли умри манро май хазон кард,
Расид боду самум бар киштзорам.

## ДАР ЯК МЕҲМОНХОНА

Дӯш рафтам ман ба нази дилбари айёраке,
Хушадову маҳлиқо моҳи парирухсораке.
Гуфтамаш аз роҳи дуре хастабемор омадам,
Лутф бинмо ҷои хобам деҳ, ки ман бемораке.

Бо ҳазорон ишва бар чашмони худ нил мекашид,
Нимнигоҳе ҳам накарда сӯи ман якбораке.
Атру упо монда наздаш менамуд худро фасон,
Қуттидонаш буд ҳамчун қуттии аттораке.
«Ҷой нестас!» гуфта ӯ якбора рӯяш чаппа кард,
Ӯ забони худ бурун бинмуда ҳамчун хораке.

## ДИДЕД? НА!

Дӯстон, як ҳофизи беорро дидед? На!
Пулпарасту рӯбаҳи маккорро дидед? На!
Хешро чун мурғи марҷон додааст оро аҷаб,
Лӯхтаки бозингари атторро дидед? На!
Буд ба кеши ӯ дафу қайроқи Маҳмудсартарош,
Дар ду дастонаш яке сеторро дидед? На!
Субҳидам дар шаҳр бошад бегаҳӣ дар деҳа аст,
Дайдуи чун акка каҷрафторро дидед? На!
Ҳурматашро бар ҷиғилдон мефурӯшад рӯзу шаб,
Дар миёни боғи санъат хорро дидед? На!

## ДАЛЕЛИ ШАЙЪ

Дам мазан аз меҳнату бар ман ту ҷоми май биёр,
Сихкабоби баррагин бо манту пай дар пай биёр.
Пас маро бар сояи беду лаби ҳавзе бубар,
Баҳри худ як арғунуну баҳри ман қӯшнай биёр.
Онқадар базме кунем, ки баққаҳо вақ-вақ кунанд,
То ки аҳли деҳа гардад бохабар карнай биёр.
Ҳар касе гӯяд маро, ки бешараф, виҷдонфурӯш,
Не хато фикрат бигӯ, худро далели шайъ биёр.
Чунки мо аз як палак, ҳастем дуто ҳандалак,
Доимо худро ба паҳлӯям чу қарчиғай биёр.

## ДАР БОҒ АЗ ХУД МОНАНД ДОҒ

Баъзе ҷавонҳо танноз,
Олуфтаву тундмизоҷ.

Дастро зада ба сина,
Баланд мекунанд овоз.

Доимо бо ман-манӣ,
Корашон зано-занӣ.

Тоқӣ яклаба дар сар,
Бурутҳо нӯги ханҷар.
Касе ҳарфи ҳақ гӯяд,
Гӯшҳоро намуда кар.

Мегӯянд мо паҳлавон,
Ҳастем Рустами замон.

Агар дароянд дар боғ,
Қар-қар намуда, чун зоғ.
Бо рафтори бади худ,
Дар боғ аз худ монанд доғ.

Монанди хори гулзор,
Диҳанд мардумро озор.

Дар автобус нишаста,
Чашмҳо ба китоб баста.
Барояд мӯйсафеде
Асо ба дасти хаста,

Сарро накарда боло,
Менишинанд бепарво.
Аз корашон одамон,
Ангушт бурда ба даҳон.
Бо тааҷҷуб мегӯянд,
Ҷавонони бевиҷдон.

Нигоҳ карда бо нафрат,
Мехонанд ҳазор лаънат.

## ДӮСТОНИ МАН АҶОИБ

То ба мансаб расидан
Дӯстонам бо ман ғамхор.
Ҳарфи баде нагуфта,
Ҳалиму ширингуфтор.
Намуда ҳазлу шӯхӣ,
Дарди дилро мегӯянд.
Бӯсакунон ба забон
Рӯйҳоямро мешӯянд.
Як бурда ноне ёбанд,
Бо ман мекунанд тақсим.
Кафро монда рӯи дил,
Доим мекунанд таъзим.
Хоксору ботаҳаммул,
Саховатманду марданд.
Рӯзи шодиам шоданд,
Дар мусибат ҳамдарданд.
Офтоби бахти онҳо,
Хандад агар ногаҳон.
Соҳибмансаб, ки гаштанд,
Аз ман шаванд гурезон.
Забони онҳо ҳатто,
Намегардад ба салом.
Ӯй гуфта мезананд чеғ,
Гӯё ки ман надорам ном.
Ба қабулашон равам,
Котиба намемонад.
Маро бо дӯғу даранг
Аз қабулгоҳ меронад.
Бо сари хам ноилоҷ,
Меравам аз наздашон.
Мегӯям, ки хайр, майлаш,
Ҷӯраҳои бевиҷдон…
Гузарад чун ду-се сол,
Аз мансаб мефуроянд.
Уволак гашта манро,
Ҷустуҷӯ менамоянд.

Дарду ҳасрат мекунанд,
Бо синаҳои реш-реш.
Ки бесабаб аз мансаб,
Онҳоро кардаанд пеш.
Боз ба ман гашта ҷӯра,
Қоҳ-қоҳ зада механданд.
Ҳазлу шӯхӣ кунам ҳам,
Аслоин намеранҷанд.
Чун дӯстони қадирдон,
Доим бо ман якҷоя.
Аз қафоям мегарданд,
Ба ҳар ҷо мисли соя.
Дӯстони ман аҷоиб,
Ба ин мешавам ҳайрон.
Ту чӣ мегӯӣ ба ин,
Хонандаи меҳрубон?!
Дӯстони ман ҷонианд,
Ё нонию забонӣ.
Ҷавобашро бифаҳмон,
Агар инро ту донӣ!

## ИЗЗАТ КУН

*(Панди хушомадхӯҷа ба писараш)*

Хӯҷаин рафт аз мансаб, наваш омад иззат кун,
Кӯҳнаашро бар наваш, шерак шуда ғайбат кун.
Ҳарчи фармояд хуб гӯй, пайтобаи пояш бӯй,
Рафту касе бад гӯяд, ҷавшан шуда хизмат кун.
Аз гушту дили анқо паи шашлики серзира,
Бо коняки Гурҷистон ӯро ту зиёфат кун.
Гоҳе зи буғи ҳаммом собунпазӣ кун пеша,
Аз чанги касу нокас доим ту ҳимоят кун.
Ҳар кас, ки биранҷонат умбак-бака-банг гӯён,
Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад, гӯю варо нафрат кун.
Ҷуз хӯрдану хуфтан ту кори дигар нанмо,
Ҳамроҳ ба Қрим рафта қоҳ-қоҳ зада роҳат кун.
Об аз таги ях менӯш, бар гуфтаи ман мекӯш,
Корат чу барор бигрифт, бо ман-манӣ савлат кун.

## ИН ЧӢ СИРРУ АСРОР АСТ?

«Дин ва зарарҳои он»,
Гуфтак байни одамон,
Маърӯза мехонд ректор,
Бо далелҳои бисёр.
Якбора тирукамон,
Дар фазо шуд намоён.
Қалдар-қулдур кард ҳаво,
Лектор гуфтор: – Эй Худо,
Ин чӣ сирру асрор аст?
Кори парвардигор аст.
Худат раҳм кун ба ҳолам,
Ба даргоҳат менолам.
Ҳозирон аз гапи вай,
Сар дошта гуфтанд ҳай-ҳай!

## ИЛҲОМИ ШОИРТАРОШ

Илҳоми шоиртарош,
Ногаҳ ними шаб ҷӯшид.
Давида хест аз ҷогаҳ,
Куртаро чаппа пӯшид.
Ба назди мизи корӣ,
Нишаста намуд такрор.
Биё, Биё, Лайлиҷон,
Дар раҳат ман интизор.
Тоқатам аз фироқат,
Бовар намо, ки тоқ аст.
Дилам монанди ғирбол,
Хунолуду қадоқ аст.
На инки аз ҳиҷронат,
Месӯзам чун чӯби тар.
Ҳамчун санги осиё,
Гирд мегардад маро сар.
Тамом карда шеъракаш,
Ғундошт дафтару хома.
Гуфто мебарам инро,
Пагоҳӣ ба рӯзнома.

Не, – гуфт маҷалла беҳтар,
Баобрӯю хонданбоб.
Аммо дер мебарояд,
Ман аз маҷалла қимоб.
Беҳтараш гуфт мебарам,
Онро ман ба радио.
Мекунам муфтакак пул,
Пул ба ҳама дард даво.
Бо ҳамин андешаҳо,
Вале хобаш бурда монд.
Шеъраки хоми фаҷҷаш,
Тамом нашуд, мурда монд.

## ҚАЛБАТ ЧУ САНГИ ХОРА

Рӯзе таъин шудӣ, ту сардори як идора,
Шуд хира ҳар ду чашмат, қалбат чу санги хора.
Ҳар кас, ки наздат омад, бо арзи дил даромад,
Фукро намудӣ боло чун қуллаи манора.
Виҷдони худ фурӯхтӣ, чашми тамаъ бидӯхтӣ,
Гардида ту гирифтор нокас ба дарди пора.
Донам яқин, ки афтӣ аз аспи мансаби худ,
Ишкам шуда тағора, рӯят шуда зағора.

## ҚАДАҲЕ НӮШ КУНАМ

*(Арзи майпараст ба завҷааш)*

Ҷони ман, бода бидеҳ, то қадаҳе нӯш кунам,
Дилакам шод шавад, ғусса фаромӯш кунам.
Чун бишуд кайфи мани зор ба авҷи фалакӣ,
Каллаи ҳамчу хуми худ ба сари дӯш кунам.
Дар Лабу рӯи ту дар мастии худ нақш ниҳам,
Қоҳ-қоҳ хандакунон хезаму оғӯш кунам.
Гарчи гардад сари бемағзаки ман ҳамчу каду,
Ман ба беақлиякам ҳарфи туро гӯш кунам.
Ҳар ки аз хӯи бадам шиква кунад гар ба касе,
Муштро карда чу қумғон ба сару рӯш кунам.

## КЛУБИ БЕҒАМХОР

Ҳар он касе, ки ин ҷо меҳмон шавад замоне,
Ҳайрон шуда барад ӯ ангушт бар даҳоне.
Касе варо биёед ё ки равед нагӯяд,
Дар ин клуб набошад ғамхору меҳрубоне.

Мушҳо ба мисли моку ҳар сӯ равона ин ҷо,
Чангу дутору ғиҷҷак андар миёна ин ҷо.
Гаҳ арғунун газида, гаҳ канда сими сетор,
Бар мушу мушбача гӯё, ки хона ин ҷо.

То кай ба ҷои консерт овози муш биёяд,
То кай ба чашми моён қулфи калон намояд.
Инсоф эй мудири камкору сертараддуд,
Масъулият дар кор, масъулият бояд!

## ҚИССАИ ПОПӮШ

Попӯши ман дарида,
Чарми тагаш кафида.
Гашт онқадар безеб,
Афташ бишуд рафида.
Тозон рафта ба дӯкон,
Хостам гирам нави он.
Бале рафҳо буд холӣ,
Чизе набуд ман ҳайрон.
Ба мудири он Ваққос,
Аввал карда пурсупос.
Пас гуфтам попӯше деҳ,
Дӯсти азиз илтимос.
Ӯ даст монда ба сина,
Гуфт ҷӯраи дерина.
Бошад медодам ба ҷон,
Нест даро бин ганҷина.

Аз дари чап вале он,
Ба ошною пайвандон.
Дидам, ки медод як-як,
Бешарафи бевиҷдон.
Хорпушти ҳозирҷавоб,
Бикун як кори савоб.
Хор зан ту бар тани ӯ,
Гӯшакашро бидеҳ тоб.

## КИТОБИ ҚИМАТ

Бигуфтандам китоби қимат омад,
Ба дӯкон бар фурӯш ҳозир баромад.
Чу ин гапро ман аз ёрон шунидам,
Гирам то нусхае аз он давидам.
Бубинам қоғазаш бисёр зебо,
Навишта ҳарфҳо бо оби тилло.
Ба ранги сурху зарду осмонӣ,
Бидидам расмҳо чун нақши Монӣ.
Ки ҷилдаш ҳам аҷоиб расмҳо дошт,
Ба чашмон гӯиё нуру зиё дошт.
Ду-се сафҳа вале аз он чу хондам,
Шудам ҳайрону бар раф бурда мондам.
На мантиқ буд, на мазмун буд, на дил буд,
Зи санъат маҳруму як пора гил буд.
Пас аз ин фаҳмидам, ки қимати он,
Будаст дар қоғазу расмаш рафиқон.

## КАЙ БА КИНО МЕБАРЕД?

Ҳой дадеш,
Имрӯз бигрифтед маош,
Кай ба кино мебаред?

Ҳой дадеш,
Танг нанмоед чашмро ҳамчу мош,
Кай ба кино мебаред?

Кайки гӯед мебарам ҷононаам,
Эҳ, ба шамъи рӯятон парвонаам.
Лек метарсам ман аз чашми бади баъзе касон.

То ки осебе наорад, то ки нанмояд зиён,
Боб нанмоед табъ,
Беҳтараш бишнед хап!

## КОШ ИН ХЕЛ ШЕЪР СӮЗАД

Шеър хонд шоир зи минбар,
Байтҳояш тумтароқ.
Маҳрум аз мазмуну мантиқ,
Хушк чун шафтолуқоқ,
Мисраҳои дигаронро
Карда буд гӯё ямоқ.
Дар натиҷа шеъри ӯ буд,
Ҳамчу болишти қуроқ.
Кош ин хел шеър сӯзад,
Дар алав ҳамчун шубоқ.
Бар шикасти ҳеҷ сутхон,
Чун намегардад қадоқ.

## КАЙФУЛЛОИ ШАЙДУЛЛОХӮҶА

Пешониаш аз муштҳо гулдор,
Ҳамёнаш фарбеҳу пулдор.
Ба ҳар духтар ошиқу хушдор,
Кайфуллои Шайдуллохӯҷа.
Фиребгару рӯбоҳи маккор,
Дилсиёҳу одами мурдор.
Беандеша, хеле дилозор,
Кайфуллои Шайдуллохӯҷа.
Дар майхона доим танат тор,
Шӯрапуштӣ ба ӯ бувад кор.
Заҳр мепошад аз забон чун мор,
Кайфуллои Шайдуллохӯҷа.

Агар вайро завҷааш кобад,
Ба осонӣ ҳаргиз наёбад.
Дар ким-кадом лойоба хобад,
Кайфуллои Шайдуллохӯҷа.
Бешарафу бевиҷдон аст ӯ,
Ҳамчу дуде дар коҳдон аст ӯ.
Мисли хоре дар бӯстон аст ӯ,
Кайфуллои Шайдуллохӯҷа.

## КОШКИ ЁРОН БА БЕДОРӢ БУБИНАМ ХОБИ ХУД

Завҷае дорам, ки бар ман лутфу эҳсон мекунад,
Лозим ояд ҷони худ сад бор қурбон мекунад.
Бегаҳӣ аз кор оям хастаҳолу бемадор,
Бо майу бо мантуи серзира меҳмон мекунад.
Пас ба пеши ман ниҳода аз пари қӯ болине,
Ӯ ҳикоятҳои ширин гуфта хандон мекунад.
Панҷаашро шонаосо карда бар мӯи сарам,
Ваъдааш дар хотиру ичрои паймон мекунад.
Ӯ ба тифлонам намегӯяд гапи пасту баланд,
Доимо лаъли лабашро шаккарафшон мекунад.
Ҳеҷ гоҳ манро намегӯяд ба ателе равед,
Куртаву шалвори худро ӯ ба дастон мекунад.
Хезедаш якҷоя бар кино равем гӯён гаҳе,
Мӯи худро тори сар чун лӯла печон мекунад.
Гар зи раҳ атру упо камтар харам гӯям агар,
Аз мағоза рӯи худро чаппагардон мекунад.
Баъзе таннозон ба сайри гул ба мошин мераванд,
Ӯ пиёда майли тори кӯҳсорон мекунад.
Рав ба назди волидайнат гуфта монам гар ба ӯ,
Хешро як бор дар як ҳафта меҳмон мекунад.
Дар ҳамин дам ногаҳон як атсае омад ба гӯш,
Чашми худ во карда дидам ашки чашмон мекунад.
Бо ғазаб дӯғу даранге зад, ки аз хобат бихез,
Пиру барноро бубин, ки азми майдон мекунад.

Ту валекин тахтагардан хоб дорӣ то ба ҳол,
Бешараф он кас, виҷдон бар ҷиғилдон мекунад.
Ҳарки аз меҳнат гурезону чу буз ларзон бувад,
Холабеғам гаштанаш рӯзе пушаймон мекунад.
Кошки ёрон ба бедорӣ бубинам хобби худ,
Во дареғо, меравад хобби хуше бисёр зуд.

## КОРГУРЕЗУ ТАНБАЛИ СОБИҚ ШУДӢ

Ёд дорӣ, танбало, аҳду вафо,
Гуфта будӣ, мекунӣ корат баҷо.
Аз чӣ лек аз ваъдаат фориғ шудӣ,
Коргурезу танбали собиқ шудӣ.
Вақти кишти пахта гашти хонашин,
Пахта бишкуфту ту акнун сояшин.
Дӯст медорӣ палавҷону кабоб,
Баъд аз ин ҷои кабуду кайфи хоб.
Пиру барно аз ту дар парҳез шуд,
Косаи сабри ҳама лабрез шуд.
Рафта саҳро ту акнун кор кун,
Пахтаро чин, ғайрати бисёр кун!

## КИСТ ОНҲО

Аз ана кана задан кори ӯ,
«Майдан ест» гуфтан шуд шиори ӯ.
Аз даҳон сақич занад ҳамеша,
Даҳ задан аз нӯҳ бар ӯст пеша.
Бадмуомила бар харидорон,
Аз ҳилаи ӯ рӯбаҳ гурезон.
Тинаш бимонад, бар ёдат орад,
Сумат бимонад, парво надорад.

(Баъзе магазинчиҳо)

* * *

Хориш намояд доим гулӯяш,
Монанди пӯстак ғафс аст рӯяш.

Гар корат афтад, аз баҳри чора,
Наздаш биёӣ, мехоҳад пора.
Пора надиҳӣ, бар он мабодо,
Гардад ғазабнок, кори ту расво.
Парад ҳамеша пир-пир лабонаш,
Чун ришва гирад, инҷ аст даҳонаш.
(Порахӯр)

* * *

Сардор сулфад, гӯянд, ки «лаббай»,
Коре кунад ӯ, гӯяд, ки «ҳай-ҳай».
Гарчи гапҳояш бошанд бемағз,
Таъриф созад ҳар ҷо, ки он нағз.
Доим занад вай бар меху бар наъл,
То ки ба дасташ ӯ оварад лаъл.
Сардори худро таъриф созад,
Ҳар дам зи пушташ чун соя тозад.
Гӯянд, ки майлаш бисӯзад дунё
Дегам биҷӯшад, кай ҳаст парво?!
Ҳар дам тамаъдор бошад саломаш,
Безор аз ин рӯ мардум зи номаш.
(Хушомадгӯй)

* * *

Донам ҷавоне олуфта бошад,
Қайроқи гӯё носуфта бошад.
Худро намояд орою торо,
Чун мурғи марҷон доим ба ҳар ҷо.
Дар кӯча дидам рӯзе варо ман,
Ҳайрон гаштам мард аст ё зан?
Доим шабона мебошад ҳангӣ,
Дар рӯзҳо вай монанди бангӣ.
Аммо гурезон бошад зи меҳнат,
Муфтахӯриҳо бар ӯст одат.
(Олуфтасатанг)

* * *

Кори имрӯза фардо гузорад,
Фардо, ки омад, парво надорад.

Фардои фардо «Месозам ичро»,
Лафзи дурӯғаш бошад ба ҳар чо.
З-ӯ ваъдаи беш гарчи шунидем,
Ичрои онро ҳаргиз надидем. (Ваъдабоз)

* * *

Доим даҳонаш мисли калӯш аст,
Дар байни мардум ӯ гапфурӯш аст.
Вай сирри давлат нанмуда пинҳон,
Лаққад ҳамеша назди рафиқон.
Аз ҳеч кас вай парво надорад,
Бар халқу давлат нафъе наёрад.
Кай донад он, ки муш аст ба девор,
Муш гӯш дорад, гардад хабардор. (Лаққӣ)

## ЛӮХТАКИ СУРНАЙЧӢ

*(Дар шаъни духтари олуфтасатанг)*

Гулдухтари олуфтаи маккор туӣ, ту,
Сернозу нузу дилбари айёр туӣ, ту.
Бигрезӣ зи чомашӯию чорӯбу сари дег,
Бар ишваи сернағма гирифтор туӣ, ту.
Ҳар рӯз битозӣ ба ателу ба мағоза,
Гаҳ лӯхтаки сернайчии бозор туӣ, ту.
Дӯзонӣ ба як рӯз-ду ру се куртаи ранга,
Гар навӣ варо бинӣ харидор туӣ, ту.
Бар кор ту гардан нафароварда занӣ лоф,
Гар булҳавасе ишва кунад ёр туӣ, ту.
Ин чамъияти мо ки бувад ҳамчу гулистон,
Дар байни вай аё булҳавасак хор туӣ, ту.

## ЛЕКТОР

Дар колхози «Пахтакор»,
Омада рӯзе лектор.
Дар мавзӯи «Муҳаббат»,
Лексия хонд се соат.

Пас яке аз ҳозирон,
Ки буд бо лектор сардор.
Гуфто: «Чаро худатон,
Аз зану фарзандатон,
Се-чор моҳ боз бехабар?
Аз онҳо кардед гузар.
Аз нафақа метарсед,
Чун барги бед меларзед».
Лектор монанди шалғам,
Сурх шуд, намуд сараш хам.

## ЛАҚҚИЁН САФСАТТА МЕГӮЯНД АҶАБ

Лаққиён сафсатта мегӯянд аҷаб,
Айби мардумро ҳамегӯянд аҷаб.
То шавад ифлос оби нуқрасон,
Дасту рӯ дар чашма мешӯянд аҷаб.

Гар бурут монӣ бигӯянд ош кун,
Тангаро чун торҳояш пош кун!

Пашаро бишмурда онҳо шери нар,
Мӯрчаро хонанд онҳо говҷигар.
Ком ширин карда бо хурмои тар,
Нахли онро мешуморанд бесамар.

Гурбаат зояд бигӯянд ош кун,
Аз сари он дури ғалтон пош кун!

Фарқ нанмуда сафедро аз сиёҳ,
Доғ меҷӯянд фақат аз рӯи моҳ.
Мезананд бо кинаю нафрат мудом,
Дар дили ҳар раҳгузар теғи нигоҳ.

Гар саломе гӯӣ, гӯянд ош кун,
Ончи дорӣ дар бисотат пош кун!

## МОНАНДИ КИРМИ ПИЛЛА БА ХУД МЕЗАНӢ ТУ ПЕЧ

Эй бешараф ту хори ҷафо бар дилам мазан,
Оташ ба ҷисму ҷонаму бар манзилам мазан.
Ту носипосу нокасу гумроҳӣ дар ҳаёт,
Таҳкурсие ба қасри ҳавас аз гилам мазан.

Дар пеши роҳи ман ту чаро дом мешавӣ,
Дар бозии ҳаёт ту ғиром мешавӣ.
Қамчӣ зада ҳамеша ба аспи ғурури худ,
Бо ман-манию лоба ту худком мешавӣ.

Монанди кура рӯзу шабон ҳанг мезанӣ,
Шайтонию ба рӯ зи риё ранг мезанӣ.
Ҳар он ки ҳаст марди ҳақиқатпарасти давр,
Аз кина доимо ба сараш санг мезанӣ.

Ту ширро дар дӯғу дарангат кунӣ сиёҳ,
Доғе ту ҷустуҷӯй намоӣ зи рӯи моҳ.
Азбаски кору бори ту чун хӯрҷини шикоф,
Аз хирманат мегирӣ бар ҷои дона коҳ.

Лабро газида пас ту пушаймон ҳамешавӣ,
Дар шоҳроҳи зиндагӣ сарсон ҳамешавӣ.
Монанди кирми пила ба худ мезанӣ ту печ,
Чашмро чу мош карда ту ҳайрон ҳамешавӣ.

## МАЙМУНИ НАЙРАНГБОЗ

Ҷӯраи ман Хокироҳ,
Фақат карда оҳу воҳ.
Тухми ҳасрат мекорад,
Пушти сараш мехорад.
Ки ман сербача кача,
Чун гунҷишкакони дача.

Ҷонакам дар азоб аст,
Ду дидаам пуроб аст.
Нони хӯрдан надорам,
Беҳолу бемадорам.
Мадад кунед рафиқон,
Шавад ба дардам дармон.
Вале гапаш дурӯғ аст,
Мисли як коса дӯғ аст.
Ӯ хеле ҳам айёр аст,
Чун рӯбаҳи маккор аст.
Директори совхоз ӯ,
Маймуни найрангбоз ӯ.
Совхозро обу лой кард,
Чандин ҳавлию ҷой кард.
Аз ғалла пур анбораш,
Ванг аст ҳамеша кораш.
Гову гӯсфанд ҳам дорад,
Аспи саманд ҳам дорад.
«Волга» дар ихтиёраш,
Панҷ аст ҳамеша кораш.
Ҷӯраи ман Хокироҳ,
Боз мекунад оҳу воҳ.

## МАНБАИ ИЛҲОМ
*(Шӯхӣ)*

Дар оила духтарча шуд,
Номиданаш Дилоро.
Момо хеле хурсанд гардид,
Ба ин қаҳ-қаҳ зад бобо.
Лабаконаш пӯсти пиёз,
Ду рӯяш ҳамчун анор.
Гиряаш чун савти булбул,
Хандааш ба ҷон мадор.
Тез-тез бедор шуда аз хоб,
Ағу-ағу мегӯяд.
Барги бед аз шамол ҷунбад,
Ҷиҷӣ гуфта мебӯяд.

Модар дар гирдаш парвона,
Падар ӯро нигаҳбон.
Ба гаҳвора руст мекунанд,
Омада монад меҳмон.

Фикру ёдаш момоҷонаш,
Банд аст ба ӯ субҳу шом.
Ба furbaобоҷони шоираш,
Ҳам мавзӯю ҳам илҳом.

Ором намегардад акнун,
На дафтару на хома.
Пур мешавад аз шеъри нав,
Маҷаллаву рӯзнома.

Нашриёт ҳам ба нақша гир,
Як ҷилд асари тоза.
Диктори радио тезтар,
Ба мардум кун овоза.

## МАЙДОНҒАРИБИ ХОНАШЕР

Сардори савдо Ҷӯра шуд,
Нахли умедам ғӯра шуд.
Ҳайфо, ки боғи пургулам,
Сар то ба по шӯра шуд.

Гуфто, ки равған медиҳам,
Бар марду бар зан медиҳам.
Аз пушти ӯ қанду шакар,
Қӯмоқу арзан медиҳам.

Гандум фаровон мешавад,
Бар хаста дармон мешавад.
Ҳар кас, ки дид чою намак,
Чун ғунча хандон мешавад.

Аммо ба аҳд нанмуд вафо,
Бар сӯзи дил нанмуд даво.
Сарсон бувад бечора халқ,
Бо ашки сӯзон ҳар куҷо.

Донам, ки бевиҷдон будаст,
Дар ҳилла чун шайтон будаст.
Майдонғарибӣ хонашер,
Санги таҳи дандон будаст.

## ШОИРИ ШЕЪРТАРОШ

Хешро ту хонда чун шоир,
Жож мехоӣ, ҳарза мегӯӣ.
Ҷои гулҳо зи гулшани ашъор,
Хору хасро ҳамеша меҷӯӣ.

Лек бо зеҳни кунди худ ҳайҳот,
Бо адибон гаштаӣ дамсоз.
Ту на булбул, балки бум ҳастӣ,
Моири шеъртароши найрангбоз.

## МУҲАРРИРИ БУЗБОЗ

Муҳаррир шеъри манро дод бар даст,
Бигуфт чун рӯдаи уштур дароз аст.
Зи ту як илтимос ҳаст шоир,
Бикун аз қадду бар кӯтоҳу таҳрир.
Ба мардум мекунем онгоҳ манзур,
Миёни мухлисон мегардӣ машҳур.
Ман ҳайрон гуфта буд аввал бародар,
Каме ин шеърро бинмо калонтар.
Намоён то шавад бар чашми мардум,
Вагарна байни мардум мешавад гум.
Кунун ҳайронам охир мухлисонам,
Чисон воқиф намоям аз ҷаҳонам.
Ки шавқам зери санги осиёб монд,
Ки илҳоми маро он нохалаф ронд.
Ки он бузбоз маро чун буз шуморид,
Ба қалбам тухми нафратро бикорид.

## МАКТУБИ КУШОД БА ДӮСТИ ШОИРТАРОШАМ

Дӯстам, дирӯз бигрифтам «Ашки шом»-и ту,
Шод гардидам ниҳоят дида дар он номи ту.
Омадам дар хонаву бикшода хондам бо ҳавас,
Лек таъбам ланҷ гашт аз шеърҳои хоми ту.
Гуфтаанд, ки шеър бошад ҳамчу дарё мавҷзан,
Ҷунбише ҳатто надидам дар даруни ҷоми ту.
Байтҳо обшуставу мазмун харобу лаҷҷу фаҷ,
Ё намефаҳмад лаззат коми ман чун коми ту.
Мисраҳо монанди кафки собуни мағзоба аст,
Ё ки фарқе нест охир дар замину боми ту.
Ё муҳаррирро намуда шӯхчашмонат асир,
Ё ки ликқӣ карда афтодаст ӯ бар доми ту.
Худ ба худ гуфтам, ки доим зинда бодо нашриёт,
Лутфу эҳсон кардаасту гаштааст ӯ роми ту.
Офтоби бахти кас тобад аҷаб осон будаст,
Соҳиби маҷмӯа гаштан ҳамчу «Ашки шом»-и ту.

## МАСЛИҲАТИ ДУХТУР

Нишаста Қорӣ там-там назди духтур,
Бигуфто, ки маро доред маъзур.
Ҳамеша ман будам аз дард озод,
Ба ногоҳе ба ман часпид тарбод.
Кунун аз дарди ӯ тобе надорам,
Нишинам то саҳар хобе надорам.
Ду зонуям ҳамеша дард дорад,
К-аз он рӯям ранги зард дорад.
Ҷабин чин карда, лаб бикшод духтур,
Азизам, гуфта гап зад бо дили пур.
Шумо бояд аз ин рӯз эътиборан,
Диҳед хуши сар акнун бар гапи ман.
Нагардед беш аз норма Шумо роҳ,
Ки поҳотон дуруст мегардад он гоҳ.

## МАНСАБПАРАСТ

Ғайбуллои Султонам,
Ҷавони бевиҷдонам.
Доим заҳрро чун афъӣ,
Мепошам аз даҳонам.
Мансабпарастам.
Корафтода биёяд,
Агар наздам дарояд.
Аз ғазабу аз қаҳрам,
Бо дили реш барояд.
Мансабпарастам.
Монанди рӯбоҳи ланг,
Ба ҳар кас мекунам ҷанг.
Ба сӯи бегуноҳон,
Доим мeғурронам санг.
Мансабпарастам.
Дӯстони мададгорам,
Ғамхору тарафдорам.
Намоед лутфу эҳсон,
Ёрӣ диҳед ба корам.
Мансабпарастам.
Гашта ба ҳар нон ҷазза,
Ту мефурӯшӣ ҳарза.
Имрӯз пагоҳ меафтӣ,
Мансабкурсит дар ларза.
Мансабпарастӣ!
Мансабпарастӣ!

## МАЙРО БИНАД НАХАНДАД

Рӯзе як масти аласт,
Шишаҳои май дар даст.
Мағалкунон меомад,
Овозаш баланду паст.
Ин масти аластро бин,
Ду шиша дар дастро бин.

Мегуфто, ки медонед,
Манам говзӯрпаҳлавон.
Муштамро гар бардорам,
Мегурезанд одамон.
　　Ин масти аластро бин,
　　Ду шиша дар дастро бин.

Якбора ба лойоба,
Афтоду ғелон гардид.
Ба рӯи раҳгузарҳо,
Чашмаш ҳаросон гардид.
　　Ин масти аластро бин,
　　Ду шиша дар дастро бин.

Одамон дида гуфтанд,
Хеле кори аҷаб шуд.
Мастуллои лойолуд,
Барои ӯ лақаб шуд.
　　Ин масти аластро бин,
　　Ду шиша дар дастро бин.

Милисаҳо омада,
Ба ҳушёрхона бурданд.
Акт карда, имзо монда,
Ба навбатчӣ супурданд.
　　Хуб шуд, ки масти аласт,
　　Оқибат афтод ба даст.

Баъди ин танбеҳ акнун,
Шояд дигар нанӯшад.
Ба кори ҷамъиятӣ,
Мисли дигарҳо кӯшад.
　　Майро бинад нахандад,
　　Дилро ба вай набандад.

## МУЛЗАМИИ МУНАҚҚИД

Мунаққид гуфт рӯзе ин, ки шоир,
Ғазалҳоят диловезанду нодир.
Валекин доимо аз чӣ ту дар он,
Сухан мегӯӣ гаҳ аз дарди ҳиҷрон?!
Ба ӯ шоир бигуфто ин ки ҷӯра,
Ба гулшан мерӯяд-ку шӯра.
Канӣ, гар дарди ҳиҷронро тавонӣ,
Намо ту решакан аз даҳри фонӣ.
Пас аз он бо фараҳ лабро кушода,
Бикун андешаи худро ифода.
Аз ин посух мунаққид гашта мулзам,
Ба мисли лаблабу гашту сараш хам.

## МУШАК

Ҳодию Шодӣ нишаста ресторан,
Май бинӯшиданд бо кайфу сафо.
Ҳодӣ гуфто мекунад янгат мағал,
Дер шуд рафтам кунуну маъзур маро.

Шодӣ бо кибру ғурур гуфто чунин:
– Ту мушак не, ки битарсӣ аз занак.
Ҳодӣ гуфто кош ман муш мешудам,
Чунки метарсад зани ман аз мушак.

## МОРБОЗ

Морро гар дида монам мегурезам ҳар тараф,
Аз чӣ гӯяндам маро, ки морбоз?
Дорро гар дида монам мегурезам ҳар тараф,
Аз чӣ гӯяндам маро найрангбоз?

Ман дар умри худ набигирифтаам лагандеро ба даст,
Аз чӣ гӯяндам лагандбардор ту?
Рӯбаҳеро гар бубинам меравам ҳар сӯ ба шаст,
Аз чӣ гӯянд рӯбаҳи маккор ту?

Морбозу дорбозу ҳам лагандбардор ту,
Рӯбаҳи маккор ту,
Дар миёни гулшани мо хор ту!

## МЕҲМОН

Меҳмон бошад хушчақчақ,
Мизбон мегардад хандон.
Агар бадафту бадҷаҳл,
Хона шавад чун яхдон.
Аз қавоқаш меборад,
Ҳамеша барфу борон.
Улфатҳо бо баҳона,
Аз ӯ шаванд гурезон.
Гӯянд, ки ӯ ноодам,
Балою офати ҷон.
Надорад ору номус,
Иғвогару бадзабон.
Намеразад ба ҳурмат,
Виҷдонаш дар ҷиғилдон!

## МАЙПАРАСТИ БЕОР

Ман медонам як одам,
Биниаш мисли шалғам.
Мисли гаҳвораҷунбон,
Ба роҳ мешавад равон.
Гоҳ дар даруни ҷӯбор,
Хоб мекунад мурдавор.
Гоҳ чу мурғобӣ дар лой,
Ӯ мезанад дасту пой.
Сонӣ мисли девона,
Мебиёяд ба хона.
Бо зану бо фарзандон,
Гашта мушту гиребон.
Дасту поро шикаста,
Ниммурда мисли хаста,

Хоб мекунад дар хона,
Гап зада чун девона.
Аз майпарасти беор,
Аҳли хонадон безор.

## МОРУ КАЧДУМ МЕБОРАД

Ба «Ёрии таъҷилӣ»,
Мабодо кунам телефон.
Ба ҷои лаббай, ҳозир,
Навбатчии бадзабон,
Тухми дашном меборад.

Гардида корафтода,
Ба горгаз шавам меҳмон.
Гӯям писар лутфе кун,
Як баллон газ фиристон,
Пушти гӯшаш мехорад.

Даромада ба «Лола»,[1]
Гар гирам як бӯлка нон.
Нархаш пурсам таннозча,
Худро мегирад нодон,
Манаҳашро медорад.

Ба шӯъбаи алоқа,
Гӯям, ки телефон вайрон.
Дастёри беминнат,
Моро мекунад сарсон,
Борони кибр меборад.

Ба сардори кундапих,
Ҳарфе занам аз нуқсон.
Ҷои арзам шунидан,
Калон кушода даҳон,
Мору качдум меборад.

[1] «Лола» – номи мағоза.

## МӮЛҶАР
*(Шӯхӣ)*

Чунин ривояте ҳаст,
Замони пеш одамон.
Хислатҳоро дар мӯлҷар,
Ин хел додаанд нишон:
Муш зираку ҳушёр аст,
Ҳам бофаҳму ҳам чолок.
Гов орому ботамкин,
Вазнину хеле бебок.
Паланг бадқаҳру хапгир,
Харгӯш тарсую буздил.
Моҳӣ хеле камгап аст,
Афъӣ бадкешу бадгил.
Аспак серӣ надорад,
Даҳонаш доимо боз.
Гӯсфанд бошад безарар,
Маймун хеле найрангбоз.
Кори мурғак титу пит,
Саг ҳақгӯю вафодор.
Хук муштоқи борон аст,
То ҳосил гардад бисёр.
Кадом мӯлҷар, ки бошӣ,
Хуш омадӣ, соли нав.
Мо ба мардум мехоҳем,
Бахти нав, иқболи нав.
Дар давраи бозсозӣ,
Соли фаровонӣ шав.
Мағозаҳо гардад пур,
Боиси арзонӣ шав.
Одамон шоду хандон,
Намоянд зиндагонӣ.
Ту он гоҳе дар таърих,
Чун соле нек мемонӣ.

## МАЙНАИ МАН АДО ШУД

*(Аз забони майзадаи пушаймоншуда)*

Нимта арақ гирифта,
Кайфу сафо намудам.
Маълум бишуд оқибат,
Ки ман хато намудам.

Аз хона завҷаам рафт,
Бо ашки рез-резон.
Духтарчаю писарча,
Аз ман шуданд гурезон.

Дина маро ба корам,
Гуфтанд, ки Солӣ ҳай-ҳай,
Ин кори ту нозебон,
Парто ту шишаи май.

Ҳарки маро бубинад,
Гӯяд арақхӯра бин.
Арақхӯри тундзабон,
Бадмасту мағрура бин.

Ҳоло ҳастам пушаймон,
Вале суде надорад.
Қолини обурӯям,
Тору пуде надорад.

Ҳамчу тухми палағда,
Майнаи ман адо шуд.
Ба худаму хонадон,
Рости гап, ки ҷафо шуд?!

## МЕҲНАТҚАРИН ШАВУ НАНӮШ

*(Бадеҳа)*

Мард: – Ёраки камнамои ман,
Дилбари дилрабои ман,
Биё, ба назди ман бишин,
Васлаки ту давои ман.

Зан: – Ҳосили меҳнатам канӣ?
Ҳурмату иззатам канӣ?
Насиби ман фақат азоб,
Бигӯ, ки роҳатам канӣ?

Мард: – Ёраки ғамхораки ман,
Ҳамдаму ҳамкораки ман.
Сарватакам ишқу вафо,
Муҳабатат бораки ман.

Зан: – Чу холабеғам ҳастӣ ту,
Танбалу майпарастӣ ту.
Рӯзу шабу шому саҳар,
Шишаи май ба дастӣ ту.

Мард: – Биё, бубахш гуноҳи ман,
Ҳамсари мӯсиёҳи ман.
Рӯз чароғи оламӣ,
Шабона ҳамчу моҳи ман.

Зан: – Хоҳӣ, ки ман вафо кунам,
Ба дардакат даво кунам.
Меҳнатқарин шаву нанӯш,
Аксат ба дида ҷо кунам.

## МЕҲНАТ МЕКУНЕМ МОЁН
*(Дуэт)*

Мард: – Доим дар кунҷи хона,
Нишаста бо баҳона.
Намеравӣ ба саҳро,
Зулфота карда шона.

Зан: – Худат чӣ тахтагардан,
Фарқе надорӣ аз ман.
Чун барги бед меларзӣ,
Аз ҳалол меҳнат кардан.

Мард: – Дар хӯрдан чун наҳангӣ,
Дар меҳнат бузи лангӣ.
Боз лағад заниат чӣ,
Чун куррачаи ҳангӣ.

Зан: – Макру ҳиллат бисёр,
Меҳнатгурези беор.
Баро ба саҳро гӯянд,
Даррав мешавӣ бемор.

Мард: – Баҳор мешавӣ тимоқ,
Дар тобистон ҳалқат қоқ.
Боз ман-манӣ мекунӣ,
Карда даҳонро ялоқ.

Зан: – Акси калла ба шӯрбо,
Мезанад марди гумроҳ.
Аз рафтори ноҷӯят,
Бачаҳо ба оҳу воҳ.

Ҳарду: – Баъд аз ин аз дилу ҷон,
Меҳнат мекунем моён.
Фарқе месозем акнун,
Виҷдонро аз ҷиғилдон.

## МАТОИ АЗ БОЗОР МОНДА

Ба наздикӣ дар Балтимор ном шаҳри Америка воқеаи аҷибе рӯй дод. Жек ном рассоми ҳаромкор расмҳои бо думи маркаб кашидаи худро ба намоишгоҳ гузошт. Баъзе тамошобинони соддалавҳ пас аз тамошо ба хулосае омаданд, ки ин расмҳо аз расмҳои абстрактсионисти машҳур Жексон монданӣ надорад. *(Аз газетаҳо)*

Дар дару девор расмҳои қатор,
Бо думи маркаб бидода рангу бор.
Уштурони гурбашакли думдароз,
Бақаю сангпуштҳои бешумор.

Дар дигар ҷо мурғаке аз оби лой,
Гаштааст берун бимондаст изи пой.
Расми ҷангал гуфта дар ҷои дигар,
Рехтаанд ранги зиёде ҷой-ҷой.

Дар дигар ҷо маймуне аз рӯи бом,
Медиҳад хам гашта бар мардум салом.
Дар дигар ҷо доллaристе занҷирро,
Мезанад то ки набардорад қиём.

Дар дигар расме ҷавони бадқавоқ,
Медиҳад бар саг хӯроке дар ялоқ.
Дар дигар ҷо ар-ари гул бар саре,
Гаштааст пайванд бар тафтолуқоқ.

Зери расмҳо дар матои пӯсти мор,
Сабт гардидаст хело-хел шиор.
Ҳаст эҷодкори онҳо Жеки бек,
Ҳам Жексони ба даҳр овозадор.

Он ду тан рассомҳои бебасар,
Аз адолат, аз ҳақиқат бехабар.
Монда дар лойобаи фисқу фасод,
Гаштаанд банди хаёли симу зар.

З-ин сабаб санъат аз онҳо хор шуд,
Халқи меҳнаткаш аз он безор шуд.
Расмҳо бемазмуну бе мақсуду
Чун матои монда аз бозор шуд.

## МАРДИ ҚАЛЛОБУ ЗАНИ ҶАЛЛОБ

*(Дуэт)*

Мард: – Нигори шӯхи хандонам,
Занад дарди ту бар ҷонам.
Ба лабхандат, намо бовар,
Ҳазорон бор қурбонам.

Зан: – Агарчи ҳастӣ бекора,
Ду ҷайбат пурпури пора.
Фақат меорӣ аз бозор,
Либоси хубу гӯшвора.

Мард: – Даҳонат ғунчаи хандон,
Пур аз дурдонаву марҷон.
Ба зулфи анбаромезат,
Дили бечора овезон.

Зан: – Агарчи камтарак ланҷӣ,
Ба ҳарфи ман намеранҷӣ.
Ду ҳавлӣ дорӣ се «Волга»,
Аз ин рӯ дурҷи пурганҷӣ.

Мард: – Бихез боре ту аз ҷоят,
Бибӯсам аз кафи поят.
Бикун як ҷилва чун товус,
Ки бинам қадду болоят.

Зан: – Ту аз меҳнат қимобастӣ,
Фақат дар хона хобастӣ.
Даҳ ангушт дар даҳон хаста,
Гирифтори шаробастӣ.

Мард: – Даҳонат пӯш ҷонона,
Ту шамъу ман чу парвона.
Худат ҳам-ку намеҷунӣ,
Шабу рӯзе аз ин хона.

Бикун бовар ту дилдорам,
Ки ман хавфи калон дорам.
Бидеҳ як маслиҳат ёрам,
Чӣ мешад охири корам?

Милитсия: – Ба даст афтодаӣ қаллоб,
Фиребат бас дигар ҷаллоб!

## МАН РӮ БА МАЙДОН МЕКУНАМ

*(Бадеҳа)*

Зан: – Эй шавҳари беоракам,
Эй ғунчаи пурхоракам.
Боре шунав гуфторакам,
Акнун ту ҳам саҳро баро,
Мардак шаву майдон баро!

Мард: – Ҷону дилам қрбони ту,
Гӯшам ба ҳар фармони ту.
Аз хона ҳам гар ронӣ ту,
Асло магӯ, ки кор кун,
Аз танбалиат ор кун!

Зан: – Меҳнатгурезӣ бас дигар,
Рӯймолчаро парто зи сар,
Эй тахтагардан ҳиллагар,
Меҳнат ба кас шаъну шараф,
Дурри мурод орӣ ба каф!

Мард: – Эй нозанин, эй лабшакар,
Эй нури дида, тоҷи сар,
Бо ханда бар сӯям нигар.
Ман рӯ ба майдон мекунам,
Иҷрои фармон мекунам.

Ҳарду: – Якҷоя меҳнат мекунем,
Хуб истироҳат мекунем.

## НООДАМУ АЙЁРАМ

Номи ман Мирвафо аст,
Корам кайфу сафо аст.
Худам агарчи духтур,
Дардакам бедаво аст.
Фиребгару маккорам,
Ноодаму айёрам.

Ба мардум мезанам неш,
Монанди заҳри морам.
Қалбам чу санги хора,
Ду чашмакам шарора.
Касеро мекунам гӯш,
Агар биёрад пора.
Дари маро кушода,
Дарояд корафтода.
Бинам, ки дасташ холӣ,
Пеш мекунам бо хода.
Аз пули муфти ҳаром,
Пухта бувад маро хом.
Олчӣ бувад буҷулам,
Ширин бувад маро ком.

## НОХАЛАФ

Нохалаф бадгӯю бевиҷдон бувад,
Ҳамчу санге дар таҳи дандон бувад.
Мешавад доим чу болини қуро,
Аз забон гарчи шакарафшон бувад.
Қалби ӯ монанди шоми тира аст,
Ҳамчу гарде дар бари домон бувад.
Мефурӯшад ҳарза, лоф мезанад,
Хамчу озах бар рухи даврон бувад.
Ӯ ба дарди фитна баски мубтало,
Дарди ӯ дардест бедармон бувад.

## НИҚОБИ ДӮСТӢ

Дӯсте, ки бар ҷароҳатҳои ту,
Ҷои малҳам заҳри қотил мениҳад.
Мезанад хори ҷафо бар пои ту,
Санги ғамро бар сари дил мениҳад.

Дӯсте, ки қиммату қадри туро,
Бо пули пучак баробар мекунад.

Мефурӯшад номи ту дар ҳар кучо,
Дар хиҷолат монда музтар мекунад.

Бадтар аст аз рӯбаҳи маккори шум,
Бадтар аст аз душманони нобакор.
Дар ниқоби дӯстӣ пинҳон шуда,
Мезанад нешаш фақат монанди мор.

## НОМАШ АРАҚ

Хоҳад агар аз одамӣ,
Ӯ деви ҳафтсар офарад.
Гоҳе палангу шери нар,
Гаҳ хирсу аждар офарад.
Хоҳад агар аз одамӣ,
Ӯ ҷинси шайтон офарад.
Гаҳ гурбаи дар лой ғарқ,
Гаҳ марди майдон офарад.
Хоҳад агар аз одамӣ,
Рӯбоҳи маккор офарад.
Гаҳ ошиқи дилдодаро,
Аз завҷа безор офарад…
Бо ӯ насозад улфатӣ,
Донед, ки номи он арақ.
Кас гашта беҳурмат аз ӯ,
Шарманда гардад байни халқ.

## НОЗИРИ РОҲ ВА РОНАНДА

Ронандаеро
Нозири як роҳ,
Дошта сахтакак,
Намуд огоҳ.
Қоидаро гуфт
Ту кардӣ вайрон.
Қариб автобус,
Шуд чаппагардон.

Ё аломатро
Надида мондӣ.
Автобусатро
Хеле тез рондӣ?
Ронанда хандид,
Гуфто ҷӯраҷон.
Дӯғу дарангу
Шӯхиатро мон.
Аломатро ман,
Нағзакак дидам.
Валекин туро
Боре санҷидам.

## ОФТОБИ БАХТИ ГУЛХУМОРИ МАН ТОФТ

Аз рӯятон гардам ҳай-ҳай, дугона,
Канӣ камтар баоред шодиёна.
Офтоби бахти Гулхумори ман тофт,
Як шавҳари чор кас медидагӣ ёфт.
Олуфтаю мансабдори калон аст,
Хушчақчақу аҷаб ширинзабон аст.
Гарчи дорад фарзанду зани зебо,
Ба духтарам шудаст ошиқи шайдо.
Гузар кардаст аз хонадон якбора,
Ишқ ганда чиз, дилро мекунад пора.
Пасфардо тӯй, ана, ин даъватнома.
Меҳмон шавед, мепӯшонам поҷома.
Тӯй шуд, сарро монданд ба якта болин,
Баъди ду рӯз домод аспашро зад зин.
Рафт аз ин ҷо чун коми дил баровард,
Дигареро ба чанги худ даровард.
Ба шамъи қомати ӯ шуд парвона,
Гиря карду ашкам рехт дона-дона.
Гуфто, ки ман ошиқи печон ҳастам,
Гар ҷон хоҳӣ, омодаи он ҳастам.
Ҳамин хел он булҳаваси бевиҷдон,
Носипосӣ, чун санги таҳи дандон.

Ба ҳар духтар ишқашро карда изҳор,
Ба кокули онҳо мегардад чун хор.
Рафту он булҳавасро дида монед,
Лаънат хонда аз наздатон биронед.

## ОХИР ПУШАЙМОН МЕШАВӢ

Се қадоқу чоряк сурхӣ ту ба рӯ кардаӣ,
Сурма дар чашмону рангу бор дар мӯ кардаӣ.
Хешро гӯё аз ин рафтор хушрӯ кардаӣ!
Аз пагоҳ то бегаҳӣ дар кӯча ялло мекунӣ,
Лек худро оқибат з-ин кор расво мекунӣ.
Ман касал мегӯӣ, аз меҳнат гурезон мешавӣ,
«Эҳ» гӯяд гар касе, ту ашкрезон мешавӣ,
Доимо гаҳ дарди сар, гаҳ дарди дандон мешавӣ.
Ҳай худатро аз ҳама боло ҳамедонӣ мудом,
Бо таманною такаббур пой мемонӣ мудом,
Ҳарфи нохуш гуфта ҳар касро ту ранҷонӣ мудом.
Ман-маниро пеша кардию даҳон то кунҷи лаб,
Гар касе гӯяд «Чӣ рафтор аст?», гардӣ дар ғазаб,
Мешавӣ одам ту ҳам эй булҳавас, эй беадаб?
Охир аз рафтори худ рӯзе пушаймон мешавӣ,
Мош-осо чашми худ во карда, ҳайрон мешавӣ!

## ОҚИБАТИ ФИТНАГАР

Калла монанди хум асту чашмҳо рӯбаҳмизоҷ,
Каф ба рӯи дил ниҳода, ханда бар лаб ноилоҷ.
Тоқӣ нав, гардиш чун акка, ҳарфҳояш тумтароқ,
Фитнагар, каҷдумзабону во даҳон мисли ялоқ.
Рӯ ба рӯ истода ин маккор бо сардори нав,
Гашта буд омодае бар додани ахбори нав.
Аввало гуфто саломи рӯдаосо дмдароз,
Баъд даҳони хешро бикшод бо оҳанги ноз:
Гуфт садри мӯҳтарам, ҳастед саломат, офият,
Янгамулло нағз-мӣ, корҳотон чӣ хел аз ҳар ҷиҳат?!

Ман шунидам ин ки бар мо садри аъзам гаштаед,
Бар ҷароҳатҳои қалби мо чу малҳам гаштаед.
«Хайра макдам»! «Нури дида тоҷи сар, хуш омадед,
Чун падар ғамхору ҳамдам, бозафар хуш омадед.
Дар чунин ҷои муқаддас бохабар бошед лек,
На ҳама коргарҳотон рости гап шахсони нек.
Боварӣ созед надорам сирри пинҳон аз шумо,
Сарвари пешинаи мо буд дарди бедаво.
Аз паи шӯҳрат давида шӯру ғавғо менамуд,
Дар дили пуркинаи худ шубҳа пайдо менамуд.
Оқибат инсоф баски аз худи сардор рафт,
Кавшҳояш пеши по гардиду ӯ аз кор рафт.
Садри аъзам бохабар бошед нахуст аз ҷонишин,
Чунки ӯ гарданшахасту қайсару пурхашму кин.
Боз ҳастанд одамони корҳошон сар-сарӣ,
Доим аз болои сарвар мекунанд иғвогарӣ.
Мо агар бошем як тан мешавад ҳар кор ванг,
Нобакорон мешаванд, албатта, дар аҳволи танг.
Ҳарчи фармоед иҷро аз дилу ҷон мекунам,
Лозим ояд ҷони худ сад бор қурбон мекунам.
Фитнагар бинмуд гумон бо фитна садраш банда кард,
Бар ҳадаф тирам расид гуфту аҷоиб ханда кард.
Бо тавозӯъ пас бигуфто, ки барои бачагон,
Садри аъзам тӯҳфаи ночиз биёвардам ки он…
«Нест шав, эй фитнагар бо тезӣ аз ин манзилам,
Ин риёкории ту аз ростӣ зад бар дилам!»
Гуфту сарвар пеш кард он фитнагарро аз бараш,
Бо ғазаб аз ҷой хеста сахт ӯ пӯшид дараш.
Фитнаҳои фитнагар дар назди сарвар фош шуд,
Сабҳаи маккориаш аз каф фитоду чош шуд.

## ОШИҚИ ҶОМИ ГУЛГУН

Арақ гар Лайлӣ бошад банда Маҷнун,
Ҳамеша ошиқам бар ҷоми гулгун.
Агар рӯзе нанӯшам як-ду шиша,
Шавам ошуфтаву ғамгину маҳзун.

На парвои фалак дорам на хона,
Фақат май кардааст манро ҷигархун.
Аз ин рӯ дар миёни одамон ман,
Шудам шармандаву аз ҷода берун.

## ОШИҚИ БУЛҲАВАС

Шуморо дидаму девона гаштам,
Ман аз ақлу ҳушам бегона гаштам.
Ба шамъи рӯятон парвона гаштам,
Азизу меҳрубонам Моҳитобон.

Хато кардӣ, на моҳам ман, на тобон,
Машав Маҷнун ту бар кӯҳу биёбон,
Ки ман на Моҳитобон балки Ҷонон.

Ана, чун дидаму ҳушам зи даст рафт,
Ки моҳии умеди ман зи шаст рафт.
Шуморо Моҳитобон гуфта мондам,
Ки ман бар ҷои Ҷонона саҳв хондам.

Хато кардӣ, ки ман бар кӯдакистон,
Равонам то бигирам тифли хандон.
Ту оне ки гумон кардӣ дигар вай,
Аҷаб не чун ту нахли бесамар вай?!

## ОҚИБАТИ МУФТХӮР
*(Бадеҳа)*

Мард: – Мурам бар қадди дилҷӯят,
Ба зулфу теғи абрӯят.
Шудам дилдодаву ошиқ,
Ба он холи барии рӯят.

Зан: – Набошӣ дидаам пурнам,
Дилу ҷонам макони ғам.
Ба дарди бедавои ман,
Азизам васли ту малҳам.

Мард: – Даҳонат пистаи хандон,
Пур аз ганҷу пур аз марҷон.
Биё, дар назди ман биншин,
Маро бе ту набошад ҷон.

Зан: – Агарчанде, ки бекорӣ,
Ту савдогар ба бозорӣ.
Надорам заррае парво,
Азизам баски пулдорӣ.

Мард: – Шавам хоки таги поят,
Фидои қадду болоят.
Занам аз ғабғабат бӯса,
Бимолам ҷамъи аъзоят.

*(Зан ба шавҳар милисаро нишон дода)*
Зан: – Ана, эҳ, ин кӣ меояд?
Аҷаб не, ҷӯраат шояд?!

*(Милиса омада мардро гирифта мебарад)*
Милиса: – Бишав омода эй муфтхӯр,
Ки пушти панҷара ҷоят!

## ПУЛПАРАСТ

Гурбаосо гашта тозон пулпараст,
Мезанад ахтар зи осмон пулпараст.
Ояд аз ҳар ҷо агар бӯи палав,
Мешавад нохонда меҳмон пулпараст.
Гирди соҳибхона пар-пар мезанад,
Карда найранге чу шайтон пулпараст.
Ҷайбҳояш гарчи аз червон варам,
Боз чашмонаш ҳаросон пулпараст.
Ман надонам кай зи ҳам созад ҷудо,
Фарқи виҷдон аз ҷиғилдон пулпараст?!

## ПУШАЙМОНӢ

*(«Кӯчабой»-и булҳаваси пушаймоншуда)*

Дӯлахонро фанд кардам,
Фидо ҷону тан кардам.
Охир, ӯро зан кадам,
Корам калон шуд.
    Вале рӯзе якбора,
    Дида мондам Ситора.
    Дилро кард пора-пора,
    Шудам ман ошиқ.
Пас нағма сар кардам,
Аз Дӯла гузар кардам.
Аз хона бадар кардам,
Бо тифли гирён.
    Бо Ситора гашта ёр,
    Шудам ман ошиқи зор.
    Рӯзе, ки шуд бачадор,
    Аз хонам ҳай кардам.
Ҳамин тавр Гавҳаройро,
Лизаю Дилбаройро,
Ноннаю Раҳбаройро,
Гирон сар додам.
    Аз ҳар кадоми онҳо,
    Дорам писар, духтарҳо.
    Ҷамъ кардам, ки шуд даҳто,
    Ман саргардонам.
Маошам гардид ҳисса,
Як тин намонд дар киса.
Овоза шуд ин қисса,
Вой ба ҳолам!

## ПАГОҲ НАЗДАМ БИЁЕД

Шахсе аз мансабпараст,
Ба синааш бурда даст.
Пурсид, ки ако мулло,
Барои чӣ шуморо,

Мансабпараст мегӯянд,
Шахси ба даст мегӯянд?!
Мансабпарасти маккор,
Бо ғуруру бо виқор.
Гуфто фурсат надорам,
Ниҳояти серкорам.
Пагоҳ наздам биёед,
Бо иҷозат дароед.
Сабабашро медонед,
Огоҳ шуда мемонед.

## ПУШТИ САРАТ МЕХОРӢ

Ту танбали беорӣ,
Дар тан ғайрат надорӣ.

Шунавӣ номи меҳнат,
Пушти сарат мехорӣ.

Аз саҳар то бегоҳӣ,
Дар кӯчаю бозорӣ.

Ба сайри кӯҳу саҳро,
Доим «Волга»-саворӣ.

Бо қаллобон шуда дӯст,
Аз ҳақиқат безорӣ.

Нонро мекунӣ уштур,
Чун гӯсфанди ҳисорӣ.

Аз ҳисоби дигарон,
Ҳай кайфу сафо дорӣ.

Валекин бар ҷамъият,
Ҳаргиз нафъе надорӣ.

Дар шоҳроҳи зиндагӣ,
Чун акка каҷрафторӣ.

Гулистони Ватанро,
Бовар намо, ки хорӣ.

## ПОСБОН

Канӣ, исто дар роҳат,
Фитнаомез нигоҳат.
Дар хӯрҷинат чӣ дорӣ,
Тухми тороҷ мекорӣ?!
Киссаҳоят ҳам варам,
Чӣ дуздидӣ аз ғарам?!
Ҳозир туро ба сардор,
Ман месупорам, маккор.
Туро ба дорулахлоқ,
Мебарад карда садқоқ.
Дузд нагуфта ягон гап,
Абрӯ парронд, газид лаб.
Садсӯмаро ба посбон,
Пинҳон карда дод нишон.
Пас хаста ба ҷайби ӯ,
Дам, нашавам беобрӯ.
Гӯён оҳиста хандид,
Бо ин посбонро санҷид.
Посбон дида пул дам шуд,
Даҳони инҷу хуррам шуд.
Гуфто ман кардам ҳазил,
Инро ту магир ба дил.
Каф ба сина ниҳода,
Гуфто роҳат кушода.
Аз ин шӯхиам маранҷ,
Корат бошад доим панҷ.

## ПАДАР ВА ПИСАР

Падар: – Гар тамом кунӣ мактаб,
Ту чӣ мешавӣ матлаб?!

Писар: – Мешавам ҷаррохи хуб,
Ба хурду калон маҳбуб.

Падар: – Каллакадуи нодон,
Як дил доранд одамон.
Мабодо кунӣ хато,
Рӯзат мешавад сиёҳ.
Беҳтараш, ки писарҷон,
Бишав духтури дандон.

Писар: – Дуруст мегӯед падар,
Панди Шумо тоҷи сар.

## БА КӢ КУНАМ ШИКОЯТ?

Шонайрангов Шогургак,
Ҷавони ваъдабоз аст.
Савори аспи мансаб,
Гарданаш мисли ғоз аст.
Се моҳ шуд дар таҳхона,
Оби турба мешорад.
Гап занед агар ба ӯ,
Пушти сараш мехорад.
Чор сӯ чу ҳавзи Кавсар,
Наму сарду лойоб аст.
Аз нимғурма ҷавобаш,
Пиру ҷавон қимоб аст.
Ҳар рӯз медиҳад ваъда,
Доим дорад баҳона.
Дар чиллаи зимистон,
Монанди яхдон хона.
Бачаҳо чун барги бед,
Аз хунукӣ меларзанд.
Гардам гӯянд дар хона,
Аз лап-лапаш метарсанд.
Китобҳо варақ-варақ,
Туппа барин дарида.
Ранг аз рухи деворҳо,
Сафол барин парида.

Фарши хонаҳо намнок,
Ҳамчун пули сирот аст.
Вале он ваъдабозро,
Куҷо ваъда дар ё даст?!

Шогирдчааш Шоқайроқ,
Холабеғаму хатӯл.
Дар ваъда Шогургакро,
Ростӣ мезанад як нӯл.

Аз нӯги хамир фатир,
Навиштам ин ҳикоят.
Намедонам, ки акнун,
Ба кӣ кунам шикоят?!

## РӮИ ОИНА ГАРД АСТ

Акмалҷони қаддароз,
Мисли оши бепиёз.
Почаи шимаш калта,
Куртааш мисли халта.
Аз шаҳр омад ба қишлоқ,
Бо ғуруру вақташ чоқ.
Ҷои салом, пурсупос,
Даҳонаш пур-пури нос.
Падарро дид «Пахан» гуфт,
Мурдаи бекафан гуфт.
Модарро дид «Мамай», – гуфт,
Зиндагиат «Қалай?» – гуфт.
Падару модар ҳайрон,
Лаб газида бо дандон.
Гуфтанд: Ин ҷавонмарг,
Афтад ба чанголи марг.
Шӯрапушту номард аст.
Рӯи оина гард аст.
Мо аз ин хел ноодам,
Безорем дар ду олам.
Забонаш бурида бод,
Овард моро ба дод.

## РАДДИ МАРДУМ

Дару дарвозаи ҳамсояи мо,
Шукӯҳу шавкате дорад зиёда.
Дару дарвозаи ҳамсояи мо,
Ба рӯи одамон доим кушода.

Вале бар он касе наздик нагардад,
Ҳазар месозад аз он пиру барно.
Гузораш гар биафтад чашм бандад,
Бигардонида аз он рӯи худро.

Сабаб дар ин ки соҳибхонаи он,
Бувад қаллобу бевиҷдону нокас.
Аз ин рӯ гаштааст вай радди мардум,
Надорад қадру қимат мисли як хас.

## САЛИМИ САДКОРА ШУДӢ

*(Ишора ба порахӯр)*

Шишта ба мансаби калон,
Калон кушода ту даҳон.
Чу мори афъӣ доимо,
Заҳр занӣ ба одамон.
Салими садкора шудӣ,
Ту ошиқи пора шудӣ.

Барои ёру ҷӯраҳо,
Ҷону дилат кунӣ фидо.
Ба абр монда пои худ,
Занӣ ситора аз само.
Салими садкора шудӣ,
Ту ошиқи пора шудӣ.

Бадафту баднамо туӣ,
Фитнаю дилсиёҳ туӣ.
Бебасару бехираду
Нокаси бевафо туӣ.

Салими садкора шудӣ,
Ту ошиқи пора шудӣ.

Мансаби ту харидааст,
Ранги рухат паридааст.
Ҷомаи қаллобии ту,
Кӯҳна шуда даридааст.
Салими садкора шудӣ,
Ту ошиқи пора шудӣ.

## СУРУДИ ҲОФИЗИ ДАЙДУ

Як дона гул, ду дона,
Анори дона-дона.
Нишон диҳед азизон,
Ба ман роҳи тӯйхона.

То рафта шоду хандон,
Шавам нохонда меҳмон.
Рақсу бозӣ намоям.
Пур намуда ҳамён.

Гоҳе вақ-вақ намоям.
Гоҳе шақ-шақ намоям.
Дар киса червонҷонро,
Варақ-варақ намоям.

Як дона гул, ду дона,
Анори дона-дона.
Нишон диҳед азизон,
Ба ман роҳи тӯйхона.

## САНГИ ТАҲИ ДАНДОН

Ҳарки шуд побанди нафсаш маҳрум аз виҷдон шавад,
Аз ғуруру ман-манӣ чун ғӯлии нодон шавад.
Ишкамашро аз ҳисоби одамон бинмуда пур.
Аз пули муфтак ҳамеша киссааш бордон шавад.

Одаташ чун рӯбаҳи золу дилаш чун пушти дег,
Бадмизоҷӯ бадгапу санги таҳи дандон шавад.
Тарсад аз меҳнат чу буз дирросзанон шому саҳар,
Ради мардум гардаду устод бар шайтон шавад.

## САР ХОРИД

Хона ба истофода
Супорид.
Аммо вай бо андеша
Сар хорид.
Чунки дару devoраш
Фиреб буд.
Сақфаш пасту боми он
Нишеб буд.
Хишту тахтаро ӯ
Пинҳон кард.
Ҳар сӯ сементу мехро
Равон кард.
Дар дигар ҷо барояш
Қасре кард.
Ба чашми халқу давлат
Бизад гард.
Аз ин рӯ вай ниҳоят
Хавотир.
Намоянда меояд,
Бо вазир.
Боварӣ ҳаст мешавад,
Сираш фош.
Чашмонаш мегардад танг,
Мисли мош.
Хона ба истифода
Супорид.
Валекин бо андеша
Сар хорид.

## САГИ БАДНАФС
*(Латифа)*

Саге бигрифта сутхон дар даҳон буд,
Зи болои пуле як сӯ равон буд.
Бидида акси худро вай ба дарё,
Ниҳоят шод гардиду бигуфто:
– Бигирам боз агар ин устухонро,
Намоям пур аз он лунҷу даҳонро.

Пас, онгаҳ вай даҳони хеш во кард,
Паи бигрифтанаш талвосаҳо кард.
Ба дарё аз даҳон афтод сутхон,
Бишуд аз ин саги баднафс ҳайрон.
Аз ин ӯ мондаву аз он ҷудо шуд,
Пушаймон гашту дардаш бедаво шуд.

## САДРИ МАН БАР ДОМ МЕАФТАД

Аҷаб сардор дорам ман, ки қаллоб асту айёр аст,
Шикам кӯлвори дарвешу забонаш чун думи мор аст.
Тамоми ҳафта рӯзе мешавад дар курсии мансаб,
Дигар рӯзҳо гаҳе дар хона, гаҳ дар сайри кӯҳсор аст.

Ба гирдаш ҷамъ намуда ӯ ду-се иғвогари ғаммоз,
Ба осмони ғуруру ман-маниҳо мекунад парвоз.
Саломаш гар диҳӣ сарро ба мисли кӯза ҷунбонад,
Худаш аммо намеҷунбад зи ҷою гарданаш чун ғоз.

Хамеша худпарасту нокасу уштурмиҷоз аст ӯ,
Ва деги ширбиринҷи одамон мисли пиёз аст ӯ.
Даҳонашро кушояд захр мепошад ба атрофаш,
Зи пушти духтарон чун рӯбаҳи дупо ба тоз аст ӯ.

Ҳамеша молу ҷоҳе ҷамъ намудан мудаои ӯ,
Ба деҳа аз ҳама бисёру зебо хонаҳои ӯ.
Писарҳояш ҳама мошинсавору ман-манӣ карда,
Чу зоғе пой мемонанд ҳамеша аз қафои ӯ.

Ба гирдаш дӯстонаш гаштаанд ҷамъ мисли парвона,
Ки ҳар як мегирад коре накарда, пурра моҳона.
Хушомадхӯҷаю мансабпарастон зери фармонаш,
Яке пои варо молад, дигар мӯяш кунад шона.

Аниқ донам, ки рӯзе садри ман бар дом меафтад,
Шикаста пояи нардбони ӯ аз бом меафтад.
Зи шохи нахли мансаб оқибат ӯ рӯканӣ карда,
Ба мисли себаки бодрезаки нимхом меафтад.

Сараш онгаҳ ба мисли хонаи занбӯр мегардад,
Зи мазза қайла рафта табъи ӯ ноҷӯр мегардад.
Ба нафрат одамон бар сӯи ӯ наззора месозанд,
Пас аз лавҳи дили ман акси шумаш кӯр мегардад.

## СӮХТЕМ АЗ ТАШНАГӢ АЗ ҲАЛҚИ ҚОҚ

Баски дар тангкӯчаи мо об нест,
То саҳар дар чашми моён хоб нест.
Сӯхтем аз ташнагӣ бо ҳалқи қоқ,
Ҷисму ҷонро ғайри печу тоб нест.

Тортанак торе танида дар қубур,
Рафтуо дорад ба ҳар сӯ бо ғурур.
Одамон бетоқату дар ёди об,
Об охир чун ҳаво бар кас зарур.

Мурғакон дар шохсорон ташнаанд,
Бо хаёли обшорон ташнаанд.
Тифлакон дар ҷумаки об монда сар,
Рӯзу шаб уммедворон ташнаанд.

Кишту кори марди деҳқон зард шуд,
Кӯча аз беобӣ чангу гард шуд.
Шуд забони чорво аз кавша хушк,
Ишкамаш чун кӯзаю пурдард шуд.

Дар ғами об то ба кай бо чашми тар,
Садри кӯча мо бидавем дар ба дар.
Пахтаро аз гӯши худ бинмо бурун,
Аз сари инсоф боре гир хабар.

Дар қубурҳо об то гардад равон,
Тар шавад аз қатрааш ҳалқу даҳон.
Сабзу хуррам гашта боғу роғҳо,
Одамон хуррам шаванду шодмон.

## САРСОН ГАРДАД

Хонаи мо яхдон аст,
Монанди гӯристон аст.
Кампирҳо чун буз ларзон,
Офати бачагон аст.

Набитвонад ягон кас,
Озод шинад як нафас.
Мо худ алав мекардем,
Агар бошад хору хас.

То каме тафсон гардад,
Роҳатаки ҷон гардад.
Роҳбари коммуналӣ
Худоё, сарсон гардад.

## САНГИ ВАЛҚАЙРОҚ

Аз пули муфт кисаат дӯнбоқ шуд,
Ишкамат монанди бӯғурсоқ шуд.
Даҳ зада аз нӯҳ ба як гаштӣ шарик,
3-ин сабаб нони ту дар қаймоқ шуд.
Карда аггуштони худро дар даҳон,
Табъи ту болида бирбилдоқ шуд.
Қасрҳои сар ба гардун сохтӣ,
Кору борат ҳар тараф ҳайтоқ шуд.

Чашми тангат тангтар кардида боз,
Дар хасисӣ санги валқайроқ шуд.
Аз зану фарзанди худ кардӣ гузар,
Ҳамдамат Гулдонаю Офоқ шуд.
Лек афтодӣ ту бар доми бало,
Оқибат кори ту истинтоқ шуд.

## СӮҲБАТИ ХОСА

Ту хондӣ романи нави фалонӣ,
Саволе дод Аҳмадҷон ба Раҳмат.
Намекардам агар ман мебудам чоп,
Надорад як сари мӯ қадру қимат.

Писанд омад ба ман хеле забонаш,
Ва мавзӯяш аҷиб асту замонӣ.
Пур аз лутфу пур аз ҳикмат саропо,
Чунин роман маҳак дар зиндагонӣ.

Бигӯ охир куҷояш нест маъқул,
Шудам ман бар гапат эй, ҷӯра ҳайрон.
Азизам, рости гап ҳоло нахондам,
Машав бар гуфтаҳои банда ҳайрон.

## СУХАНЧИН

Аз мӯр уштур месозад,
Ба чор тараф метозад.
Гӯшро хаста то ба дар,
Аз гап шавад бохабар.
Пас иғворо сар кунад,
Моро дарди сар кунад.
Вале рӯзе якбора,
Гӯш ба дар монд, чӣ чора?!
Аз ду гӯшаш ҷудо шуд,
Шармандаю расво шуд.
Дар кӯча ӯро бинед,
Аҷаб не, ки шиносед?!

## СУРУДИ САМБӮСАФУРӮШ

Берунаш суфтаю соз,
Дарунаш пури пиёз.
Гӯшташ аз гардани ғоз,
Самбӯсаҷон, самбӯса.
Тезтар биё харидор,
Пули червонро барор.
Мазза мекунӣ бисёр,
Самбӯсаҷон, самбӯса.
Бо ин фиребу найранг,
Мардумро карда гаранг.
Кисаро кунам таранг,
Самбӯсаҷон, самбӯса.

## ТЕЛЕФОНИ МО ДАРДИ САР АСТ

Дӯстон, телефони мо дарди сар аст,
Аз садоҳояш ду гӯши мо кар аст.
Занг занем рафту ба беморхона,
Дар ҷавоб гӯянд, ки деҳи Фалғар аст.
Гаҳ зи гӯшак ояд овози ҷарас,
Карда моро аз ғазаб диқинафас.
Гаҳ садои карнаю овози табл,
Гаҳ садои гурба, ғингоси магас.
Садри телефонҳо вале бо ман-манӣ,
Мефурӯшад ваъда, дорад лофзанӣ.
Пиру барно гашта дар ҳайрат аз ин,
Бо ғазаб гӯянд, ки виҷдонат канӣ?!

## ТАҚДИРИ ЯК АРИЗА

*(Аз Шона Смахан Улӣ)*

Шахсе ба як идора
Ариза овард.
Салом дода ба назди
Сардор даровард.

Ба сармуҳисоб,
Сармуҳосиб ба котиб
Бурд нокарда дер.
Котиб ба шкаф қулф кард,
Намуд фаромӯш.
Охир афтод ариза
Ба дасти як муш.

## ТАМОШОБИНИ ШИЛҚИН

Дар вақти консерт,
Як марди бадзот.
«Дӯст»-у «Ҷон» гуфта,
Мезад фарёд.
Гаҳе папирос,
Монда кунҷи лаб.
Ба ҳамроҳонаш,
Ӯ мефурӯхт гап.
Духтарак рақсад,
Бас хола мегуфт.
Чаро поҳотон,
Кашола мегуфт.
Кампирро мегуфт,
Духтари зебо.
Ба сӯи мо ҳам,
Афканед нигоҳ.
Гоҳе мегуфт, ки
«Дилрабо»-ро мон.
Биё, ба ҷояш,
«Дедиё»-ро хон.
Тамошобинон,
Гардида безор.
Милисаеро,
Карданд хабардор.
Мастуллохӯҷа,
Он марди бадзот.
Охир ба дасти
Милиса афтод.

## ТАНБАЛИРО ДУР КУН

Танбалӣ, танпарварӣ, меҳнатгурез,
Зоҳиран одам, ба ботин ҳамчу без.
Номи меҳнат гар расад бар гӯши ӯ,
Ранги рӯяш меканад чун ҳуши ӯ.
Ҳамчу барги бед ларзон мешавад,
Доим аз саҳро гурезон мешавад.
Аз қазо худро касал андохта,
Сӯи духтурхона рафт ӯ тохта.
Гуфт ҳастам дарди дандон, дарди сар,
Хам намегардад миҷҷам то саҳар.
Ҳамчу мурғи посӯхта беқарор,
Ҳастаму дуд мебарояд аз димор.
Дардаки ман справка илтимос,
То шавам аз меҳнати саҳро халос.
Дар ҷавоб духтур бигуфто: эй ҷавон,
Дарди сохта кай ба кас дорад зиён.
Солимӣ ту, танбалиро дур кун,
Карда меҳнат хешро машҳур кун.
Ҳар ки бо меҳнат агар бошад қарин,
Лаъл аз санг, зар бигирад аз замин.

## ТЕЛЕФОНИ МО ВАЙРОН ФАҚАТ

Хостам, ки як телефон кунам,
Нимшӯхӣ бо ҷонон кунам.
Гӯям, ки аҳволат чун аст?
Бар дардакат дармон кунам.
Зеро ки ӯ дар хона хоб,
Тabларзаву дар печутоб.
Телефон вале гуд-гуд накард,
Аз гӯшакаш н-омад ҷавоб.
Телефони мо вайрон фақат,
Пиру ҷавон сарсон фақат.
Ин дастёри бемалол,
Ҳамчун балои ҷон фақат.

Лек сарвари он доимо,
Бар ваъда нанмуда вафо.
Дар сояи чормағи пуч,
Доим кунад кайфу сафо.

## ТУРО МАН НОХАЛАФ ГӮЯМ

Будам вақте акои ту,
Ба дарди ту, давои ту.
Агар ҳар мушкиле ояд,
Будам мушкилкушои ту.

Маро мегуфтӣ, ки ҷонам,
Ба сар ҳастӣ саробонам.
Тамоми ҳастиам бо ту,
Ту ақли ман, ту виҷдонам.

Дар ин дунёи бадфарҷом,
Диҳад хушбахтие айём.
Маро чун ҷӯраи ҷонӣ,
Ҳамеша мегириям ном.

Ба ҳарфат карда ман бовар,
Туро хондам ба худ ёвар.
Агар бошӣ, набошӣ ту,
Туро меномидам додар.

Ту хондию калон гаштӣ,
Ва мансаб соябон гаштӣ.
Гумон бинмудӣ, ки акнун,
Яке фарди замон гаштӣ.

Кунун гар дида монӣ ту,
Бирезад заҳр забони ту.
Ба мисли шахси бегона,
Набишносӣ, надонӣ ту.

Кунӣ дӯғу даранг бо ман,
Занӣ ҳар лаҳза чанг бо ман.
Ту ҳарфи носазо гӯён,
Фақат бинмоӣ ҷанг бо ман.

Туро дигар намеҷӯям,
Туро ман нохалаф гӯям.
Намуда нафрати афзун,
Зи ту дасту дилам шӯям.

**ТӮБ**

Ҳамчу тӯбе, ки кӯдаке бозад,
Аз пасаш бо ҳаёҳу тозад.
Ӯ ба аспи ғуруру лофу қоф,
Шишта фахре намуда менозад.

Бори аввал зи лутф ёронаш,
Се шабу рӯз гашта меҳмонаш.
Як задандаш раис ба райпо шуд,
Пиру барно ҳама ба фармонаш.

Корд болои думба шуд гӯён,
Ӯ ҳамеронд давру ҳам даврон.
Обу лой карда моли қамчинро,
Фарқ намекард ҷиғилдон аз виҷдон.

Пас ба доми фиреб афтода,
Чашм чу шаҳкосае бикшода.
Ҳамчу рӯбаҳ ба макри бепоён,
Ӯ гурехт дум намуда чун хода.

Бори дуюм варо ба нӯги по,
Чун заданд ӯ дар завод шуд ҷо.
Аз пули муфт киса фарбеҳ кард,
Ҷамъ намуда тангаву тилло.

Сирри ӯро намуда лек ошкор,
Ҳай намуданд ҳамчу бадкирдор.
Боз сархам ба назди ёрон рафт,
То ки ӯро таин кунанд бар кор.

Аз нав аз рӯи муруввату ёрӣ,
Карда дар ҳаққи дӯст ғамхорӣ.
Бори сеюм варо заданд ба по,
То ба фабрик кунад сардорӣ.

Лек ин дафъа чун пуфак он тӯб,
Рафта зад ногаҳон бар як чӯб.
Шуд бурун вай зи бозӣ якбора,
Хичаки пуч бигашту бекора.

## ТО КИ НАРӮЯД ХОРИ АЙБ

*(Дуэт)*

Духтар: – Ман ошиқи зорат будам,
Бо ҷон харидорат будам.
Монанди хуршеди ҷаҳон,
Андар шаби торат будам.

Писар: – Чашмони ту шаррора буд,
Ҷону дили ман пора буд.
Бахти баландам маҳлиқо,
Аз талъати наззора буд.

Духтар: – Аз чӣ ту ҳоло дилрабо,
Месозӣ бо нафрат нигоҳ.
Бо дағ-дағa дашном диҳӣ,
Бардошта ҳар дам моҷаро?

Писар: – Ҳарфи ту эй ширинадо,
Доим ба дардам буд даво.
Ҳоло чу фил-фил тезу тунд,
Гардиду шуд рӯзам сиёҳ.

Духтар: – Охир, худат ҳам тундмиҷоз,
Ға-ға намуда мисли ғоз.
Меҳнат накарда доимо,
Гап мезанӣ рӯзи дароз.

Фарзандон: – Ҳай-ҳай падар ин кори айб,
Нохун мазан бар тори айб.
Модар каме андеша кун,
То ки нарӯяд хори айб!

## ТАНБАЛӢ КАСБУ КОРАМ

*(Дуэти модари ғамхор ва писари эркатулфор)*

Модар: – Кайфуллои дилу ҷон,
Азизу нури чашмон.
Чӣ меҳрӯрӣ ба ман гӯй,
Шарме накарда фаҳмон?!

Писар: – Тозон рафта аз айлоқ,
Гиред як коса қаймоқ.
Ҳам нонаки гарму нарм,
Аз нонвойхонаи Кунҷок.[1]

Модар: – Кайфуллои дилу ҷон,
Азизу нури чашмон.
Чигуна либос гирам,
Шарме накарда фаҳмон?!

Писар: – Костюми ранги носӣ
Галастуки алмосӣ.
Попӯшаки пӯсти мор,
Сарпӯши шакли досӣ.

Модар: – Кайфуллои дилу ҷон,
Азизу нури чашмон.
Киро гирифта диҳам,
Шарме накарда фаҳмон?!

Писар: – Ойхолаам Ҳамида,
Ханда кард дирӯз дида,
Ба фикрам дилаш кашол,
Ба духтараш Рафида.

---

[1] Кунҷок – номи деҳа дар ноҳияи Истаравшан.

Модар: – Пули меҳнататро ор,
Ба дастаки ман супор.
Чизу чора харида,
Бӯғчаро кунам қатор.

Писар: – Ба сари инсоф оед,
Маро хурсанд намоед.
Даҳони киссатонро
Калонакак кушоед.

Модар: – То ба кай охир аз кор,
Худро мегирӣ канор.
Баромада меҳнат кун,
Кайфуллоҷони беор?!

Писар: – Бачаи беозорам,
Танбалӣ касбу корам.
Ҳаргиз намехӯрам ғам,
Модари ғамхор дорам.

## УСТОДИ ШАЙТОН

Душманатро дӯст пиндоштан хато,
Аз бари домони ӯ доштан хато.
Дар замини шӯразори он палид,
Савсану себаргаҳо коштан хато.

Чунки нокас одами ноқобил аст,
Тирааќлу фитнакору буздил аст.
Гар кунад дар оби Кавсар ҳам шино,
Пои нопокаш ҳамеша дар гил аст.

Ҷони ман аз шӯрапуштон кун ҳазар,
Чобулусу нобакорон кун ҳазар.
Ҷони худро монадам ӯ дар гарав,
Ту аз он устоди шайтон кун ҳазар!

## УКА

*(Номаи нимпӯшидаву нимкушодаи ака ба ука)*

Аз даву тозат маро кардаӣ безор ука,
Дар ғами мансаб шудӣ хаставу бемор ука.

Мижжа намесозӣ таҳ, ранги рухат мисли каҳ.
Мавҷ барин то саҳар мешинӣ бедор ука.

Бар ҳамаи тобеон мезанӣ дӯғу таранг,
Кафки лабат дода пош рӯбаҳи маккор ука.

Фарқ намесозӣ ту шалғаму мошу биринҷ,
Мезанӣ бо наълу мех афъии тайёр ука.

Киса, ки фарбеҳ бишуд, аз пули муфту ҳаром,
Гаҳ шавӣ масту аласт, гоҳ нимҳушёр ука.

Ҳар гаҳе бар гӯши ту гар расад овози даф,
Йӯрға макун ҳар тараф хоҳиши бисёр ука.

Номаи манро бихон, пой дониста мон,
Васфи туро гуфтаам бин, ки дар ашъор ука.

## ФИРЕБГАРИ АЙЁРАМ

Ҳикмати дандонбелам,
Ниҳояти бадфелам.
Гар чашмаи соф бошӣ,
Ман ба зидди ту селам.
Порахӯри айёрам,
Фиребгари маккорам.

Бензинро тона-тона,
Мекашонам ба хона.
Корафтода биёяд,
Меёбам сад баҳона.
Порахӯри айёрам,
Фиребгари маккорам.

Сонӣ бо ҷӯраҳоям,
Ман тақсим менамоям.
Кисаро карда фарбеҳ,
«Яллало» месароям.
Порахӯри айёрам,
Фиребгари маккорам.

## ФИСФИСАКИ МАВИЗКӮБАК

*(Ҳикояи воқеӣ)*

Фисфисаки мавизкӯбак як мардак,
Ба монанди кӯдаки нав роҳгардак.
Аз паси духтаре афтону хезон,
Ба мӯи ӯ ҳамчу хоре овезон.
Равон гардид, то бар домаш дарорад,
Аз васли ӯ коми дилро барорад.
Духтар аммо аз ҳиллаи он қаллоб,
Воқиф гашта бо заҳрханда намуд боб.
Гуфто: Ман бо духтаратон баробар,
Ҳамсинфи ман набератон Диловар.
Ҳайфи Шумо, ки бо риши сап-сафед,
Аз паси ман кашолаед, мӯйсафед.
Мардак аз шарм каллаашро карда хам,
Риши худро қабза намуд боа лам.
Бо таассуф ба роҳи худ равон шуд,
Аз кардааш бисёрҳо пушаймон шуд.

## ФИТНАГАР

Тоқатам тоқ аз даҳони чун ялоқи фитнагар,
Аз суханҳои дурӯғу тумтароқи фитнагар.
Тоқии каҷгул сари қошасту мӯ як дарза хор,
Нест ҳаргиз боварам бар ҷуфту тоқи фитнагар.
Ӯ ба кори хеш мирзодиккаку дар кори халқ,
Рӯдапо, дилгир ман аз кори чатоқи фитнагар.
Бо таваккал доимо варсоқихонӣ мекунад,
Чаппа гардад кошкӣ тоқу равоқи фитнагар.

Аз дами ӯ дар баҳорон оби хум ях мекунад,
Барф меборад ҳамеша аз қавоқи фитнагар.
Ҳаҷв кардам борҳо ман рӯ ба рӯ дигар нашуд,
Шеър гуфтам оқибат васфи мазоқи фитнагар.

## ФИРЕБХАЛТАИ БУЛҲАВАСХӮҶА

Ана, хуршеди бахти Булҳавас якбора хандон шуд,
Ки бозори фиребаш боз аз ҳарвақта тасфон шуд.
Бидид ӯ духтаре, дар як нафас сад бор қурбон шуд,
Ту ҷони ман, ҷаҳони ман, бигуфту моту ҳайрон шуд.
Биё, дар назди кино бегаҳӣ гӯён даъват кард,
Ба макру ҳилааш он духтаракро сар ба сар мот кард.

Зи шодӣ пас ба хона омада ӯ атру упо зад,
Гирифта оёна бар каф шона ӯ бар тори мӯйҳо зад.
Тамоман ӯ ба тарзи дигар имрӯз ришу фашҳо зад,
Фасон бинмуда худро гӯиё бар сӯи кино зад.
Ба ҳар сӯ бо ҳамон ҷононааш ӯ рафтуо мекард,
Ба ин амри дили худро саросар ӯ адо мекард.

Баногаҳ духтараш диду падар ту дар куҷо гуфто,
Намеоӣ ба хона инқадар ҳам камнамо гуфто.
Дилат аз мо хунук оё, ту ранҷидӣ чаро гуфто.
Фақат дар кӯчаву паскӯча мегардӣ биё, гуфто.
Ба ногаҳ дар ғазаб гардида кафро сӯи домон кард,
Аз ин қинғолаи додои худро моту ҳайрон кард.

Ба ногаҳ бохабар гардида омад модари Лайлӣ,
Зи домони падар бигрифт маҳкам хоҳари Лайлӣ.
Аз ин ҳол гиря карду дар ғазаб шуд додари Лайлӣ,
Падар зад аз ғазаб як мушти ноҳақ бар сари Лайлӣ.
Занаш бо бачагони ӯ фиғону нола мекарданд,
Ба рӯ аз гиря оби дидаро чун жола мекарданд.

То сирри булҳавас воқиф шуду духтар гурезон шуд,
Зи рафтори бади шавҳар зани ӯ ашкрезон шуд.

Фиребхалташ дариду Булҳавасхӯҷа пушаймон шуд,
Тамоми фитнакориҳои ӯ яксар намоён шуд.
Касе ки хонадонро хор созад, хор мегардад,
Аз ӯ пиру ҷавони ҷамъият безор мегардад.

## ФОЛ

Ба район омад аз деҳе шикоят,
Ки хӯрҷин кори колхоз ниҳоят.
Мудири фермаи мо Шермардон,
Фиребгар асту қаллоб асту шайтон.
Сақичро аз даҳонро мезанад ӯ,
Ба дӯғаш шавла ҳатто мепазад ӯ.
Равон гаштаанд се-чорто муфаттиш,
Мудирро то кунанд бо тезӣ тафтиш.
Вале рафтанду шиштанд ба сари хон,
Заданд виҷдони худро бар ҷиғилдон.
Мудири фермаро гуфтанд ҳалол аст,
Дар ҳақат ҳарчи мегӯянд фол аст.

## ФИДОИ САДТАГӢ

*(Аз забони бодапарасти пушаймоншуда)*

Гаштаам, эй дӯстон, мубталои садтагӣ,
Нашъае дар дил надорам, бе ҳавои садтагӣ.
Пул агар бар каф дарояд, оббозӣ мекунам,
Ман ба баҳри беканори дилкушои садтагӣ.
Чашмҳоям доимо чун соғари пурхун зи май,
Сар чу занбӯрхона гардиду адои садтагӣ.
Майнам тухми палағда, коми ман чун талха шуд,
Ғӯта занам то ба гӯшам ман ба лои садтагӣ.
Чун иваз кардам ба май тоқии чусту соатам,
Ҷомаамро ҳам гарав мондам барои садтагӣ.
Ҳарки ояд рӯ ба рӯ пул пурсаму нӯшам арақ,
Эътибору бовариҳо шуд фидои садтагӣ.
Завҷаам бо чашми гирён, бачаҳоям хору зор,
Ман надонам чист аз ман муддаои садтагӣ.

Ди ҳаме дар коргоҳам ҳай шудам сурху сафед,
Виговоре дода гуфтанд: ин давои садтагӣ.
Ман намедонам сари худро занам акнун куҷо,
Шуд ба сар охир бало кайфу сафои садтагӣ.

## ХОРИ ГУЛЗОР

Ғайниддини ако ту,
Корчаллону бало ту.
Ба дарди ҳирсу мансаб,
Ҳамеша мубтало ту.
Ҳамчун рӯбоҳи бедум,
Карда калларо чун хум.
Намекунӣ ҳатто фарқ,
Ту ҷавдорро аз гандум.
Вале ба қалби сардор,
Ту корчаллони айёр.
Меҳнатро кардаӣ ҷо,
Монанди хори гулзор.
Марди ҳақиқатгӯро,
Шахси адолатҷӯро.
Ба ӯ мекунӣ ганда,
Пӯстак намуда рӯро.
То ки бо ин рафторат,
Равғанин бошад корат.
Вале дасти ҳақиқат,
Рӯзе туро медорад.

## ҲАЙРОН КАРДУ РАФТ

*(Дар ҳасрати автобус)*

Омада автобусе худро намоён карду рафт,
Хотири ошуфтаи манро парешон карду рафт.
Хостам, ки дар даруни он занам худро, нашуд,
Дидаи чори маро бисёр гирён карду рафт.
Аз мағал истгоҳ чун бозори атторон бишуд,
Ғунчаи уммеди манро ношукуфон карда рафт.

Рӯз бегаҳ гашту сад афсӯс он н-омад дигар,
Вай фақат як бор дар як рӯз ҷавлон карду рафт.
Баски буд ронандаи ӯ майпарасту пулпараст,
Бар ҷиғилдон ҳастиашро муфт қурбон карду рафт.
Садри автобаза деҳ ронандаатро гӯшмол,
Нақшаҳои рафтуоро бин, ки вайрон карду рафт.

## ХАНДИДА МОНДАМ

Хушомадхӯҷаеро дида ногоҳ,
Бигуфтам, ки куҷо бигрифтаӣ роҳ?
Даруни халтаат савғо зиёда,
Гулу коняки арман кушода.
Гулу гулдастаҳои тозаву тар,
Ба дасти хеш дорӣ, эй бародар!
Бигуфто: ин пагоҳӣ мурғи хӯҷа,
Баровард рабрасо даҳ дона чӯҷа.
Ба табрикаш аз ин рӯ мешитобам,
Ки то аз лутфи садрам баҳра ёбам.
Шунида ин гапаш хандида мондам,
Варо аз назди худ фавран бирондам.

## ҲУШЁР ШУДА МЕКОБАМ

– Маро маъзур доред хоним як савол,
Андозаи туфлиатон чандӯм аст?
– Сиюшашӯм, эй ҷавони навниҳол,
Шумо охир ҳушёред ё ин ки маст?!

– Рост мегӯед дирӯз дар вақти мастӣ,
Ба хатои хеле калон роҳ додам.
Туфлии ойхолатонро фурӯхта,
Ба улфатҳо ду-се шиша кушодам.
Имрӯз бошад ҳушёр шуда мекобам,
Шояд бахтам хандида онро ёбам.

## ҲАСРАТИ МАЙЗАДА

Маро бо қул-қули худ, шишаи май, банда бинмудӣ,
Ба оғӯшат кашида, бӯса карда, ханда бинмудӣ.
Дар охир аз паси ту мансаби кори калонам рафт,
Дилу ҷонро кабобу устухон парварда бинмудӣ.
Ба мисли ғози дар лойоба афтода ба ҷӯйборам,
Сару рӯи маро бо санги шашпар ранда бинмудӣ.
Нигори шӯху нури дидаҳо аз хонаам ронданд,
Маро аз ҳавлии чун қасри Доро канда бинмудӣ.
Кулоҳи носию костюми ҷерсек сарфи роҳат шуд,
Либоси бебаҳоямро иваз бар ҷанда бинмудӣ.
Намудӣ обрӯю эътиборамро чу оби ҷӯ,
Миёни одамон беҳурмату шарманда бинмудӣ.

## ҲАРФИ НОМАВЗУН ЗАДӢ

*(Барои як нимчашоир)*

Шеър мегӯям гӯён ҳарфи номавзун задӣ,
Якта байт аз қаъри дарё, якта аз гардун задӣ.
Барги гулро додаӣ ташбеҳ ба момоқулдурок,
Гоҳ фоле ҳамчу ҷӯгиҳо ба сад афсун задӣ.
Ошиқам гӯён ту чашм пӯшида аз давру замон,
Мисли Маҷнун хешро бар дашту бар ҳомун задӣ.
Хомаатро васф кардӣ чун асои подабон,
Тешаю пайтешаро бар хотири маҳзун задӣ.
Гарчи маҳрумӣ ту аз истеъдоди шоирӣ,
Во дареғо, ки ба тори қалби мо нохун задӣ.

## ХАСИСИ ХИРАСАР

Эй хасиси хирасар чашмат чу мош,
Кору борат доимо часпу талош.
Хару хингил, уштуракро ҳам ба бор,
Медиҳӣ доим фурӯ бе резу чош,
Дида монӣ луқмае фавран ба он,
Мезанӣ минқори худ бар ҳар куҷош.

Ҷазза бар нон, чумча бар ҳар косаӣ,
Гаштаӣ бар оши мардум турбтарош.
Эй шуллуки ҷамъият, виҷдонфурӯш,
Кай ту месозӣ қаноат бар маош?!

## ҲОФИЗИ ВИҶДОНФУРӮШ[1]

То ба кай хонӣ суруди тумтароқ,
Бо ҳавои гӯшхароши «Алфироқ!»
Гаҳ ба мисли акка шақ-шақ карда ту,
Гоҳ чун қурбоққа созӣ воқ-воқ.
Матнҳои оу мошро мекунӣ,
Доимо бар лӯнгии ҳаммом ямоқ.
Бо сухан аз кафк ҳалво мепазӣ,
Инчунин мастоба аз хори шубоқ.
Бо суруди кӯҳнаи обшустаат,
Каллаҳоро кардаӣ шафтолуқоқ.
Гар ба гӯши ту расад овози тӯй,
Йӯрга месозӣ ба сад ҳазлу мазоқ.
Лӯхтаки сурнайчивор хезак занӣ,
То кунӣ пур киса бо макру ҷатоқ.
Гоҳ Бодӣ, гоҳ Шодӣ мешавӣ,
Гаҳ ба ҳазлу гоҳ бигрифта қавоқ.
Бо ҳамин роҳ, ҳофизи виҷдонфурӯш,
Табъи ту барроқию вақти ту чоқ.
Лек медон, ки аз ин рафтори худ,
Бо ду по меафтӣ рӯзе бар тузоқ.

## ХУШДОМАНАМ, ХУШДОМАН

Гоҳе ту иғво мекунӣ,
Гоҳ шӯру ғавғо мекунӣ.
Корро ту расво мекунӣ,
Хушдоманам, хушдоман.

[1] Фақат ҳофизони дайду хонанд.

Таъриф карда духтарат,
Биншонӣ доим дар барат.
Бардорӣ гоҳе бар сарат,
Хушдоманам, хушдоман.

Сонӣ ба ман андозӣ ҷанг,
Аҳволи ман бинмоӣ танг.
Бар сӯи ман ғурронӣ санг,
Хушдоманам, хушдоман.

Гаҳ гӯӣ: гӯй бар шавҳарат,
Бе тӯҳфа н-ояд бар барат.
Хизмат кунад ҳамчун харат,
Хушдоманам, хушдоман.

Доим асабҳоям таранг,
Аз ҷоғи ту ҳастам гаранг.
Манро ба мисли дока ранг,
Хушдоманам, хушдоман.

Инсоф ку? Шав меҳрубон,
Бар шӯру шар роҳе намон.
Ғундор ин тиру камон,
Хушдоманам, хушдоман.

Ман хонда будам модарам,
Ҳам меҳрубону ёварам.
Инро ба ёд ор аз карам,
Хушдоманам, хушдоман.

## ХАНДАИ ДАНДОННАМО

Як замон кайфу сафое доштам,
Хандаи дандоннамое доштам.
Мезадам бар аспи мансаб панҷаам,
Ман зи ҳар қавм ошное доштам,
Ҷигдахалтам ногаҳон афтод ба даст,
Меҳрубон гарчи тағое доштам.
Бар куҷо акнун равам, ҳайрон шудам,
Кош бар дардам давое доштам.
Дӯстон акнун диҳедам маслиҳат,
Бо Шумо аҳду вафое доштам.

## ҲУНАРВАРИ БЕҲУНАР

Доим бо ман-манӣ Нор,
Мегӯяд бо ифтихор:
– дили беҳунар пурғам,
Ба одам чил ҳунар кам.
Ман аз понздаҳ-бист ҳунар,
Бовар кунед бохабар.
Саттор хандида ногоҳ,
Гуфто ба ман кун нигоҳ.
Шаб боз қулфи устолам,
Вайрон, илоҷ надорам.
Задам зӯри зиёда,
Вале нашуд кушода.
Канӣ, кушо як бинам,
Эй, ҷӯраи деринам.
Чин зада бар пешонӣ,
Нор гуфт ҷӯра медонӣ?
Ин хел бошад ту тезтар,
Навашро аз бозор хар.
Ҳунарвари беҳунар,
Байни мардум шуд музтар.
Ҳама ба ин гапи Нор,
Карданд хандаи бисёр.

## ХИРМАНИ БЕДОНААМ

*(Шикояти майзада ба шишаи арақ)*

Аз паси ту сарф шуд моҳонаам,
Рӯй гардонид зи ман ҷононаам.
Қул-қулат аввал маро мафтун намуд,
Оқибат оташ бизад бар хонам.
Риштаи одобу ҳурмат бурдаӣ,
Аз кафам, эй хирмани бедонаам.
Дар дили мардум чу наштар мехалад,
Доимо алфози бешармонаам.

Радди мардум гашта хобидам, кунун,
Бин, ки дар як гӯшаи вайронаам.
Рӯзу шаб аммо ба шаҳру деҳаҳо,
Дар забони одамон афсонаам.

## ҲАСРАТИ ҲАМШАҲРЧӢ

Нимнигаҳ, ҳамшаҳриҳо, ҳолам хароб афтодааст,
Офтоби бахти ман зери саҳоб афтодааст.
Дар дили бечораам дуди кабоб афтодааст,
Хотирам ошуфтаву чашмам пуроб афтодааст.

Чун Шумо ёвар буведу корҳоям ванг буд,
Ҳалқаи бадгӯйҳои ман ниҳоят танг буд.
Ғунчаи уммеди душманҳои ман беранг буд,
Ё аҷаб аз рӯяшон ҳоло ниқоб афтодааст!

Аз табассумҳоятон ҷавлони мансаб мезадам,
Валламат гардида дар ҳар ҷой ҳар гап мезадам.
Моҳӣ медоштам зи оби лойу бар чоп мезадам,
Ба Шумо аз ғайрати ман обу тоб афтодааст.

Боз аз дастам гиреду лутфу эҳсоне кунед,
Дар сари хон хонеду як бор меҳмоне кунед.
Аз барои мансаби нав аҳду паймоне кунед,
Баҳри мо ҳамшаҳриҳо кори савоб афтодааст.

## САФО ХИРРӢ

Сафо хиррӣ кунад хир-хир,
Насозад фарқ ҷавону пир.
Сафо хиррӣ кунад хир-хир,
Насозад фарқ қатиқ аз шир.
Сафо хиррӣ кунад хир-хир,
Насозад фарқ камон аз тир.

Вале бар курсии мансаб,
Харидор аст, харидор аст.
Ба дарди ман-манӣ доим,
Гирифтор аст, гирифтор аст!

## ҲАҚИҚАТРО ВАЛЕ БЕГОНА ҲАСТӢ

Агарчи номи ту бошад Ҳақиқат,
Ҳақиқатро вале бегона ҳастӣ.
Ба гирди шамъи қаллобию тӯҳмат,
Намо бовар, ки чун парвона ҳастӣ.

Хатоятро касе гӯяд ба рӯят,
Ба мисли барги бед ларзон шавӣ ту.
Гази дандону сих бинмуда мӯят,
Ки пас айби варо ҷӯён шавӣ ту.

Касе гуфто, ки ту бар моли давлат,
Чаро дасти хиёнатро кушодӣ?
Ту дастак карда фавран мансабатро
Варо бар чоҳи тӯҳмат тела додӣ.

Касе гуфто, ки аз чӣ завҷаатро
Намемонӣ на бар хондан, на бар кор?
Зи нав аз зини аспи мансаби худ,
Ҷазо додӣ ба он «Беру» ба такрор.

Касе гуфто чаро вай коргари ту,
Бирафт аз кор бо маълумоти олӣ?
Накард фанни хушомадро вай аз бар,
Бигуфтӣ каллааш чормағи холӣ.

Касе гуфто чаро котибаи ту,
Надорад маълумоту бесавод аст?
Ҷавоб додӣ, ки хизматгори хуб ӯ,
Барои ҳамсарам қанду набот аст.

Кассе гуфто чаро доим ту бар кор,
Намеоӣ ба вақташ меравӣ пеш?
Ту бо хашму ғазаб лабро газида,
Чу мори афъие бар ӯ задӣ неш…

Агарчи номи ту бошад Ҳақиқат,
Ҳақиқатро вале бегона ҳастӣ.
Ба гирди шамъи қаллобию тӯҳмат,
Намо бовар, ки чун парвона ҳастӣ.

## ХИЁНАТКОРИ ТАЪРИХ

*Баъзе мансабдорон нисбат ба ёдгориҳои гузаштагонамон беҳурматӣ мекунанд. (Аз мушоҳидаҳо)*

Эй хиёнаткори таърих,
Душмани қаттоли халқ.
Шишта ту бар аспи мансаб,
Кардӣ абтар моли халқ.

Ёдгори ниёгон,
Гашт аз дастат хароб.
Бо сари хам оқибат ту,
Медиҳӣ рӯзе ҷавоб.

Масҷиду меҳробҳоро,
Кардаӣ яксон ба хок.
Сӯхтаӣ ту кӯшкҳоро
Хонда худро шахси пок.

Ин ҳама-ку моли халқ аст,
Дастранҷи одамон.
Аз барои ворисонаш,
Буд аз онҳо нишон.

Дасти худро каш ту аз ин,
Хираақлу рӯсиёҳ.
Кӯрдилӣ дигар бас акнун,
Бешараф виҷдонгадо.

## ҲАЗАР КУН

Сарвар не, дарди сар ту,
Рӯбоҳи ҳиллагар ту.
Ниҳоли бесамар ту,
Ба мардум ҳам назар кун,
Аз ғазабаш ҳазар кун!

Даҳ ангушт дар даҳонат,
Ҳамчу афъӣ забонат.
Кошки барояд ҷонат,
Ба мардум ҳам назар кун,
Аз ғазабаш ҳазар кун!

Қасри барҳаво кардӣ,
Чанд мошин баҷо кардӣ.
Хуб кайфу сафо кардӣ,
Ба мардум ҳам назар кун,
Аз ғазабаш ҳазар кун!

Зиндагӣ пуразоб аст,
Чашми мардум пуроб аст.
Дилу ҷонаш кабоб аст,
Ба мардум ҳам назар кун,
Аз ғазабаш ҳазар кун!

Киссаро накарда пур,
Ғами одамонро хӯр.
Худхӯрам нашуда мур.
Ба мардум ҳам назар кун,
Аз ғазабаш ҳазар кун!

Халқ туро кард интихоб,
То кунӣ кори савоб.
Магар ҳамин аст ҷавоб,
Ба мардум ҳам назар кун,
Аз ғазабаш ҳазар кун!

## ЧИТИ ЯХАК МЕЗАНӢ

*(Ба қаллоб)*

Ситораро ту аз фалак мезанӣ,
Аз дутори ҳофиз харак мезанӣ.
Гови ҳамсояро рустӣ ҷӯшида,
Хурӯсчӯҷаро аз катак мезанӣ.
Аз мағоза бачаҳо оранд равған,
Сарпӯшашро ту аз чалак мезанӣ.

Аз полези совхоз шавӣ раҳгузар,
Ҳандалакҳоро аз палак мезанӣ.
Кори касе агар нагирад барор,
Шодикунон даррав чапак мезанӣ.
Умед аст, ки дар даҳонаш Назирӣ,
Бо қаламат чити яхак мезанӣ.

## ҶӮРАИ ЗАБОНӢ

Маро дар кӯча ҳар гаҳ дида монад,
Ба сӯям доимо хандида монад.
Бигӯяд марҳамат дар хонаи мо,
Дари дил доимо бар рӯятон во.
Шумо беокӯбат, бемеҳр ҳастед,
Ва ё паймони аҳди худ шикастед?
Зи ман бар завҷаву бар модари зор,
Бигӯедам салом бисёр-бисёр.
Раҳам афтад вале бар кӯчаи он,
Бубинад, мешавад бо тезӣ пинҳон.

## ҶАВОБИ МУДИР

Як ҷавоне рафта бар Тоҷиккитоб,
Кард китоберо ба хондан интихоб.
Пас бигуфто бар мудир гӯед Шумо,
Мазмунаш чун асту баҳсаш аз куҷо?!

Гар надониста бигирам ин асар,
Боз нанмояд манро дарди сар.
Дар ҷавоби ӯ мудир гуфто писар,
Ман зи мазмунаш тамоман бехабар.
Мефурӯшам гарчи даҳ сол шуд китоб,
Худ вале аз хонданаш ҳастам қимоб.

## ЧУ ТОРИ АНКАБУДОН ШЕЪР МЕБОФӢ

Ту шоир нестӣ савдогари бозори ашъорӣ,
Ба гулбоғи адибон мисли як хорӣ.
Ба рӯзи равшани мардум шаби торӣ,
Ту мурдорӣ!

Ту аз фазлу хирад бегона, бегона,
Ту монанди буми кӯрӣ ба партавгоҳи вайрона.
Наомӯхта ҳаёту зиндагии халқ,
Ту ҷо гаштӣ ба мушхона.

Ҳама ҳарфу ҳиҷоят нусхабардорӣ,
Ту бар дӯши бузургони адаб монанди сарборӣ.
Агарчи доимо аз номи онҳо мезанӣ ту жож,
Вале дар сояи онҳо бувад шуғли ту маккорӣ.

Чӣ шоир астӣ, ки шеъри туро мардум намехонад,
Ягон байтат намедонад?!

Ту дар шохи ниҳоли назми олӣ меваи хомӣ,
Ту заҳри қотили комӣ.
Ту маҳрум аз дили ҳассосу илҳомӣ,

Вале пайваста мелофӣ,
Чу тори анкабудон шеър мебофӣ.

Ду-се шеъре, ки ҳамчун тифли ношуд кардаӣ эҷод,
Ба мисли бӯи бад якборагӣ афтод ба чанги бод.

Напиндор хешро доно,
Бигӯ афсӯсу вовайло!

Ки шеъри ту на мисли обҳои чашмасорон аст,
Ки шеъри ту на мисли накҳати фасли баҳорон аст.
Сароб аст, мурдаоб асту
Ба мисли оби гилолудаи бадбӯи ғорон аст.

Туро мардум на шоир балки чун харкала мехонад,
На ҳамчун шири навҷӯшида балки фалла мехонад.
Ту шеъри ноби тоҷикро дареғо, ки намудӣ хор,
Ту номи шоири воломақомро кардӣ лакнатдор,
Ту шоир нестӣ шоиртарошӣ рӯбаҳи маккор.

Ки рӯзе сирру асрори ту ногаҳ фош мегардад,
Забонат лол гашта, ҳарду чашмат мош мегардад.

Намо бовар ба шоҳроҳи адибон раҳгузар ҳастӣ,
Ба мисли дарди сар ҳастӣ.
Ниҳоли бесамар ҳастӣ,
Ниҳоли бесамар ҳастӣ!

## ҶОМУ ПИЁЛА БОШАД

Ман майпарасту хоҳам ҷому пиёла бошад,
Аз баҳри сайру гаштам гулбоғи лола бошад.
Биншаста зери ар-ар, бар назди ҳавзи Кавсар,
Дар сӯҳбатам нигори ҳаждаҳсола бошад.
Парво надорам асло аз аҳли хонадонам,
Ашки алам ба рӯшон гарчи чу жола бошад.
Вақтҳои охир аммо гардидаам тарсу,
Ҳарчанд такягоҳам тағою хола бошад.

## ҶАВОНИ БОҒУРУР

Сабзайнак монда бар чашм як ҷавони боғурур,
Аз хиёбон мегузашт,
Фук ба осмон мегузашт.
Рафту бар ҷӯйбори пурлой дакка хӯрд,
Дар даруни ҷӯй шуд,
Чашм бар ҳар сӯй шуд.

Тез рафтам ин ки имдодаш кунам,
Аз даруни ҷӯйбор,
То гирам ӯро канор.
Ҷои он ки раҳмате гӯяд ба ман бо илтиҷо,
Ӯ бурун гардиду кард бар соати дасташ нигоҳ.
Хайрият гуфто надид соат зарар,
Сабзайнак нағз монд бори дигар.

## ЧУН МАГАС ПАР МЕЗАНАД ДАР РӮИ ОШ

Чашми худро танг карда мисли мош,
Сурмаву вусма занад аз чашму қош.
Дар ҳар куҷо деги палав ҷӯшад агар,
Чун магас пар мезанад дар рӯи ош,
Назди садраш дуқату сеқат шавад,
Мекунад бо тобеон часпу талош.
Аз буғи ҳаммом гаҳе собун пазад,
Карда дар дарё шино бо турбтарош.
Пулпараст асту зи виҷдон бехабар,
Заҳрзабон асту ба мардум дилхарош.
Мегурезад бо тақал доим зи кор,
Гашта пайдо ҳамчу бум рӯзи маош.
Нақл кардам ман зи ҳарчо шингиле,
Аз сифатҳояш надода резу чош.

## ҶАВОНИ ОЛИМ

*(Латифа)*

Як ҷавон хонду олим шуд,
Диплом бар даст омад ӯ хона.
Модари пир гашта з-ин хушнуд,
Гирди фарзанд гашт парвона.

Аҳли деҳа омада наздаш,
Шоду хандон давра оростанд.
Гарми сӯҳбат бар саволҳошон,
Гаҳ ҷавобҳои пухта мехостанд.

Мӯсафеде ба ногаҳе пурсид,
Омад гап аз ҷавон хандон.
Барраро бо забони афғонӣ
Чун бигӯянд, эй писар фаҳмон?!

Ғарқ гашта ба фикру андеша,
Бар ҷавобаш даҳон кушод меҳмон.
Барра то гӯсфанд гардад гуфт,
Сабру тоқат мекунанд онон.

## ҶАВОБИ ДИРЕКТОРИ ТЕАТР

Песаатон хеле хуб,
Мавзӯяш айни матлуб.
Мегӯед музди қалам,
Ин моро медиҳад ғам.
Ҳатто Шекспирро мо,
Дар театр доимо.
Монда бе музди қалам,
Ҳаргиз намехӯрем ғам.

## ШОҲ ВА АФАНДӢ

Шоҳ рӯзе бар Афандӣ,
Гуфт Хоҷаи меҳрубон.
Аз рӯи лутфу карам,
Як масъаларо фаҳмон.

Тобути мурдаро кас,
Чигуна мебардорад.
Аз тарафи чап ё рост,
Пояашро медорад?!

Хоҷа дар ҷавоб гуфто,
Эй шоҳаншоҳи ҷаҳон.
Фарқаш не худатон гар,
Набошед даруни он.

Шоҳ аз ҷавоби Хоҷа,
Қаҳ-қаҳ зада хандон шуд.
Вазир ба риш даст бурда,
Чизе нагуфт, ҳайрон шуд.

## ҶАВОБИ МАНСАБПАРАСТ

*(Аз Шона Смахан Ули)*

Омад мансабпарасте
Ба назди сардор
Илтимос кард, ки манро
Гир ба ягон кор.

Касбат чӣ гуфта пурсид
Вақте ки сардор,
Авлод авлоди мо, гуфт
Ҳама мансабдор.

## ҶАВОБИ ТАНБАЛ

*(Аз Юхан Саар)*

Ба танбал гуфт як шахсе,
Аҷаб меҳнатгурезӣ ту.
Надорӣ заррае ғайрат,
Ба ҷамъият чу безӣ ту.

Ба рафтори ту аз ин рӯ
Ҷавону пир механдад.
Сари мӯе надорад меҳр,
Ба ту дилро намебандад.

Табассум карда танбал гуфт:
Магар инро намедонӣ?!
Фузун мегардад умри кас,
Зи ханда, ҷӯраи ҷонӣ!

## ШОФЕР АКО

Заррае виҷдон надорӣ беҳаё шофер ако,
Нафси худ сар додам чун аждаҳо шофер ако.
Нафъи худ аз нафъи ҷамъият фузун бишмурдаӣ,
Худпарасти нокасию беибо шофер ако.
Гаҳ шудам дарди гулӯю гаҳ бигаштам дарди сар,
Гуфта аз меҳнат гурезӣ ҳафтаҳо шофер ако.
Пас занӣ левак ба роҳи чапғалат шому саҳар,
То шавад пур киса аз пулдастаҳо шофер ако.
Завҷаатро ҳам ба мошин то ба ҳаммом мебарӣ,
Тифлаконатро ба сӯи боғчаҳо шофер ако.
Мокуосо рафта ой гаҳ ту бар дӯзандаҳо,
Гаҳ ба сӯи СУМ занӣ чорхезаҳо шофер ако.
Бо навозиш садри ту гӯяд писарҷон кор кун,
Рӯз дар чашмат шавад мотамсаро шофер ако.
Бо чунин фикри бадат бо мошинат охир ба ғав,
Боварам кун мехӯрӣ сахт пешпо шофер ако.

## ШОИРИ ОВОЗАДОР

Як шаб дилашро хун накард,
Як байтро мавзун накард.
Хонандаро мафтун накард.
Шуд шоири овозадор.

Бузғоларо ин барра гуфт,
Гулқайчиро ин арра гуфт.
Доскалларо ин дара гуфт,
Шуд шоири овозадор.

Ҳарфу ҳиҷояш бенизом,
Шеъраш ба мисли ғӯра хом.
Аз таъми он чун талха ком,
Шуд шоири овозадор.

## ШАЙДО МАНАМ

*(Хиргоҳи майзада)*

Дар ғаму ишқи арақ шайдо манам,
Субҳу шом дар ресторан пайдо манам.
Ҷӯлида доим ба хоку обул ой,
Сад грамӣ менӯшаму лайло манам.
Ҳар касе улфат шавад, боре ба ман,
Садқаю қурбони ӯ борҳо манам.
Гар касе гӯяд ба ман ҳаргиз нанӯш,
Аз чунин беақл пурдаъво манам.
Аз паси майнӯшиам, эй дӯстон,
Доимо дар гиряю ғавғо манам!

## ШАМЪИ БЕФУРӮҒ

Норкул чу чанги пода аст,
Бар ман-манӣ омода аст.
Бар шишаву ҷому шароб,
Дилдода аст, дилдода аст.
Ӯ мезанад ҳарфи дурӯғ,
Шамъи умедаш бефурӯғ.
Дӯғу дарангаш доимо,
Як коса дӯғ, як коса дӯғ.
Иғвогарӣ шуд кори ӯ,
Макру чатоқӣ бори ӯ.
Гардида афъӣ чокараш,
Шуд ёри ӯ, шуд ёри ӯ.
Дар каллааш набвад қурут,
Афташ чу маймун дар намуд.
Ростӣ барои ҷамъият,
Аз ӯ чӣ суд, аз ӯ чӣ суд?
Шайтон аз ӯ дар ханда аст,
Рӯбоҳи бедум банда аст.
Аз ин сабаб дар байни халқ,
Шарманда аст, шарманда аст!

## ШОИР БИЁ, БАР ЗАБОН

Лангу аъмо ҷӯраанд,
Чун ангури ғӯраанд.
Дар боғи зиндагонӣ,
Шутурхору шӯраанд.

Ҳарду хеле серкоранд,
Чун рӯбаҳи маккоранд.
Аз пагоҳӣ то бегоҳ,
Тухми бӯҳтон мекоранд.

Шефашон маркабмиҷоз,
Гардан чу гардани ғоз.
Менамояд ман-манӣ,
Даҳонашро карда боз.

Ҳар се оқипадарҳо,
Ниҳоли бесамарҳо.
Ба ҷомеа меоранд,
Ҳар рӯзу шаб зарарҳо.

Пеши роҳи ҷавонҳо,
Далеру паҳлавонҳо.
Доим мепартоянд ғав,
Бадбину нотавонҳо.

Сафедро сиёҳ гӯянд,
Кунҷораро коҳ гӯянд.
Чашми салсабилро,
Ин як бадбӯ чоҳ гӯянд.

Шоир биё, бар забон,
Ба ин палидон фаҳмон.
То ки фарқе намоянд,
Виҷдонро аз ҷиғилдон.

## ШЕРИ НАР

Дидам як масти аласт,
Овозаш баланду паст.
Дар лой ҷӯлида мерафт,
Шишаҳои май ба даст.

Мегуфто: «Ман шери нар»,
Хурӯсро мекунам пар.
Ҳатто Рустам ҳам ба ман,
Намешавад баробар.

Ҳамин вақт аз сари роҳ,
Сагча баромад ногоҳ.
«Вой дод!» гуфта партофт,
«Шери нар» худро ба чоҳ.

## ШОИРИ ДАВРОН

*(Илҳом аз Расул Ғамзатов)*

Гирифта шеъри навамро муҳаррир,
Бигуфто мекунам дар хона таҳрир.
Вале бурду ба дасти ҳамсараш дод,
Бихонда ҳамсараш бар шавҳараш дод.
Пас аз рӯзе бигуфто шеър хом аст,
Зи мазмун холӣ, бемантиқ калом аст.
Умед бар чопи вай ҳаргиз набандед,
Аз ин гапҳои ман асло наранҷед.
Вале бар завҷаам бисёр форид,
Шуморо шоири даврон шуморид.

## ШОИРИ БЕДАРДУ ДИЛ

Тамоми шеърҳои хоми ӯро,
Хаёлам, ки занам оташ, диҳам бод.
На сӯзе андар онҳо ҳасту на соз,
Ки на боди самуманду на гулбод.

Барои миллату халқи азизам,
Чӣ бадбахтӣ, ягон нафъе наоранд.
На дилро мекунанд сӯзону на сард,
Ки на фасли зимистон, на баҳоранд…

Аё, шӯҳратпарасту марди гумроҳ,
Аё, эй шоири бедарду бедил.
Набитвонӣ шавӣ хуршеди тобон,
Чу шамъи хирасӯзе шав ба маҳфил!

## ШЕЪРҲОИ НОТАМОМ

1

Бахташ омад карду шишт бар курсии мансаб Ғанӣ,
Дӯст аз душман накарда фарқ, бинмуд ман-манӣ.
Кори ҳар кас, ки фитоду рафт назди вай агар,
Кард бар аспи ғурури хеш ӯ қамчинзанӣ.

2

Курсии мансаб насибам гашту қандин коми ман,
Лаб ба лаб аз бодаи ишрат бигардид ҷоми ман,
Дар забони зердастон гашт машҳур номи ман,
Ифтихору иқтидору эътиборам мансабам.

3

Ҳузури киссаи манро фақат майхона медонад,
Азобашро валекин сар ба сар ҷонона мехонад.
Бинӯшам аз саҳар то бегаҳӣ майро чӣ хуш кайфаш,
Маро пиру ҷавон аз чӣ вале девона мехонад?

4

Ди дидаам ба минбар маърӯзахон лектор,
Бемағз ҳар каломаш, сафсаттахон лектор.
Гоҳе вай аз хурофот, гоҳе вай аз хаёлот,
Аз кӯҳи Қоф хонад, то Каҳкашон лектор.

5

Як марди айёр буд,
Ба дин гирифтор буд.
Нарзу ниёз кам шавад,
Шабу рӯз бедор буд.
Наёбад гар пули муфт,
Рӯзаш шаби тор буд.

## ЭЪТИБОРАМ МЕРАВАД

*(Аз забони бодапараст)*

Шишаи майро бубинам, ихтиёрам меравад,
Ихтиёрам чӣ, зи дил сабру қарорам меравад.
Лаб ба ҷунбиш ояду гардад баланд дӯғу даранг,
Гарчи аз тан қуввату аз по мадорам меравад.
Ҳар куҷо бошад арақ ман ҳозиру нозир шавам,
Садта, ки шуд, дур аз дил ёру корам меравад.
Аз паси майнӯшиҳо аз ман ҷудо шуд Лолахон,
Нест боке гарчи ҳоло Гулузорам меравад.
Борҳо дар ҷои корам гӯшмолам додаанд,
Нест парвоям агарчи эътиборам меравад.

## ЯК ЛАҒМОНИ КАЛ ДАРКОР

Як ҷавон гушна монда,
Даромад ба ошхона.
Номи хӯрок шунида,
Пешхизмат шуд равона.

Ӯ баъди интизорӣ,
Овард як коса лағмон.
Дар лағмон мӯро дида,
Ҷавон хеле шуд ҳайрон.

Пешхизматро наздаш хонд,
Гуфто лағмонат мӯдор.
Вале барои банда,
Як лағмони кал даркор.

## ЭЙ АРАҚ

*(Пушаймонии Мастуллохӯҷа)*

Аз тамоми офати дунё ту бадтар, эй арақ,
Умри моро сӯхтӣ чун ҳезуми тар, эй арақ.
Ҷисму ҷонамро намудӣ хаставу дил беқарор,
Кардаӣ манро асири худ чу аждар, эй арақ.

Обрӯям оби ҷӯ гардиду ҳурмат шуд ба бод,
Чашмҳоро хира кардӣ, гӯшро кар, эй арақ.
Калла чун тухми палағда, хоби ман аз сар парид,
Доимо ҷоми муроди ман пур аз захр, эй арақ.
Аз ту нахли умри ман гардид хазону бесамар,
Аз паси ту рафт моли хона яксар, эй арақ.
Тифлаконам дидагирёнанду хунби ҷигар,
Тарк кард манро нигори моҳпайкар, эй арақ.
Шуд либосам пора-пора, кафшҳоям садямоқ,
Гаштаам монанди мурғи маҳрум аз пар, эй арақ.

## НАШАВЕД ФАРОМӮШХОТИР

*То ҳанӯз баъзе омӯзгорон ба ҳар баҳона*
*аз хонандагон пул мегиранд.*

Хонандагони азиз,
Бо фарҳангу ботамиз.
Ба гапи ман диҳед гӯш,
Макунедаш фаромӯш.
Пагоҳ як сомон дар ҷайб,
Ворид шавед ба мактаб.
Мекушоем дастурхон,
Мо аз барои меҳмон.
Бар санҷиши шикоят,
Аз маркази вилоят.
Меояд як муфаттиш,
Баҳри тафтиши санҷиш.
То ӯро карда масрур,
Гуселем бо дили пур.
Пасфардо агар оед,
Бе ду сомон наоед.
Посбони мактаб Маҳмуд,
Дорад рӯзи таваллуд.
Як базмаки осмонкаф,
Барпо кунем зада саф.
Рӯзи дигар ба фаррош,
Ки кам мегирад маош.

Барои кӯмаки он,
Се сомонӣ оретон.
То ки ӯ гардида шод,
Гӯяд расед бар мурод.
Боз омад ба сар хаёл,
Агар бошад бемалол.
Барои латаю бӯр,
Пардаю гулдони зӯр,
Чор сомонӣ биёред,
Ба дасти ман супоред.
Ҳа, боз як фикре омад,
Ин на баҳри хушомад.
Охир шайтонча Қаҳҳор,
Эркачаи директор.
Шанбе мешавад домод,
То директор шавад шод.
Аз баҳри тӯҳфа ба он,
Панҷ сомонӣ оретон.
Дар рӯзи истироҳат,
Мо меравем саёҳат.
Ба савристони боло,
Аз барои тамошо.
То қулфи дил кушоем,
Каме мазза намоем.
Як-ду сомонӣ ба ҷайб,
Агар нагиретон айб.
Ба фикрам ҳамаатон,
Фикрамро фаҳмидетон.
Нашавед фаромӯшхотир,
Эҳ, занг зад, дарс шуд охир!

## ҚАЛБИ МАРО ШИКАСТӢ

Бо ҳарфи бад парирӯ қалби маро шикастӣ,
Аз хуни ман ба дастат аз шодӣ ҳина бастӣ.
Будам ман ошиқи ту,дар ишқ содиқи ту,
Ту аз раҳи муҳаббат рафтӣ бо худсарӣ биҷастӣ.

Орзую сайр карда рафтӣ ту бар чаманзор,
Саҳван ба хонаи мор ангушти хеш хастӣ.
Дар олами муҳаббат бӯи вафо надорӣ,
Туфу ба ту бигӯям ноодамию пастӣ.
Нишаста ҳамчу булбул ба шохсори ҳар гул,
Гардида дастомӯз ҷоно дастӣ ба дастӣ.

## МУЛЛО ВА МУШФИҚӢ

*(Латифа)*

Буд як муллои хеле бесавод,
Ҳар куҷо донотарошӣ менамуд.
Ӯ ба оши ҳавлии ҳамсоя ҳам,
Пашша гашта, турбтарошӣ менамуд.

Ҳамнишин гардид рӯзе Мушфиқӣ,
Ногаҳон бо ӯ ба як тӯйхонае.
Лофу қофе карда мулло байни халқ,
Мезад ангуштон ба риш чун шонае.

Худ ба худ мулло бигуфто Мушфиқӣ,
Аз чӣ ҳарду гӯши ту чун гӯши хар?!
Ҳам калону ҳам дарозу пур зи пашм,
Мо зи ту бояд, ки бинмоем ҳазар.

Оре, гуфто Мушфиқӣ андар ҷавоб,
Ақли он баски шуморо шуд насиб.
Бар мани бечораи як мушти хок,
Гӯши он танҳо расид хеле аҷиб.

Қаҳ-қаҳи заҳрханда ногаҳ шуд баланд,
Хонаро мардум ба сар бардоштанд.
Гашта қоил бар ҷавоби Мушфиқӣ,
Офарин гӯён гиребон доштанд.

## МУШФИҚӢ ВА СӮФӢ

*(Латифа)*

Мушфиқӣ рӯзе,
Аз назди масҷид.
Вақти гузаштан,
Сӯфиеро дид.
Ки аз манора,
Мегӯяд азон.
Саломе дода,
Ба роҳ шуд равон.
Рӯзи дигар низ,
Гашта роҳгузар.
Ӯ ба манора,
Намуд як назар.
Ки сӯфӣ он ҷо,
Тасбеҳ ба дастон.
Кимчи мехонад,
Пӯшида чашмон.
Ин дафъа ҳам ӯ,
Бидода салом.
Аз кӯча ба ӯ,
Гуфт бо эҳтиром.
Баски натонӣ,
Поён фуроӣ.
Чаро ба он ҷо,
Ту мебароӣ?!
Агарчи дорӣ,
Ба сар ту салла.
Ба зераш аммо,
Надорӣ калла!

## БОЙ ВА МУШФИҚӢ

*(Латифа)*

Бойи деҳро Мушфиқӣ,
Доим менамуд мулзам.
Рехта обрӯяшро,
Сарашро менамуд хам.

То ин ки камтарак ӯ,
Адолатпеша гардад.
Хасисиро карда бас,
Саховатпеша гардад.

Рӯзе ӯ дар чойхона,
Дар ҳузури одамон.
Гуфто як воқеа шуд.
Аз ростӣ шудам ҳайрон.

Як саги алои зӯр,
Дирӯз дар хамгашти роҳ.
Думболагирӣ мекард,
Хуки олампаноҳро.

Дошта натавониста,
Сад афсӯс, ки вале саг.
Давида аз паси хук,
Фақат менамуд ак-ак.

Ҳама ором нишаста,
Ба нақлаш медоданд гӯш.
Вале хуни бойбобо,
Якборагӣ бизад ҷӯш.

Кунҷковона бипурсид,
Бойбобо бо эҳтиром.
Гуфто чӣ хел саг будаст,
Ки ба як хуки ҳаром.

Расида натониста,
Гардидааст саргардон.
Масофаи байнашон,
Чӣ қадар буд, бифаҳмон?!

Мушфиқӣ каф ба ҷабин,
Бо табассум кушод лаб.
Гуфто масофаашон,
Тахмин буд ду-се ваҷаб.

Фарз кардем, ки Шумо хук,
Ман бошам саги ало.
Масофаи онҳо буд,
Чун байни ману Шумо.

Бойбобо чизе нагуфт,
Ба даҳон гирифт талқон.
Қоҳ-қохзанон хандиданд,
Аз ин ҷавоб одамон.

## МАХСУМЧА ВА МУШФИҚӢ
*(Латифа)*

Махсумча дар чойхона,
Нишаста бо Мушфиқӣ.
Гуфто мекафад дилам,
Бовар кунед аз зиқӣ.
Чаро гуфто Мушфиқӣ,
Махсумчаи ҳиллагар.
То фаҳмида сабабаш,
Ба гапат кунам бовар?!
Гуфто барои таъмир,
Овардам ду мошин хок.
Бинед борон меборад,
Намонд ягон ҷои қоқ.
Намедонам, ки хокам,
Чӣ мешавад, ҳайронам.
Аз кори кардаи худ,
Рости гап пушаймонам.
Мушфиқӣ гуфт дар ҷавоб,
Макун парво ту зинҳор.
Хоки овардаи ту,
Мешавад лои тайёр.

## ДОНОТАРОШ ДОМУЛЛО
*(Латифа)*

Панҷ танга ба Мушфиқӣ,
Дода гуфто домулло.
Дар панҷ вақта намозат,
Дар ҳаққам намо дуо.

Ду тангаро ба дасташ,
Мушфиқӣ гардонда дод.
Гуфто маро мебахшӣ,
Ман камтарак бебунёд.
Пагоҳӣ хестан аз хоб,
Ба ман хеле душвор аст.
Чунки ҳастам хоболуд,
Ташвишҳоям бисёр аст.
Бегоҳӣ аз ҳама пеш,
Рости гап, ки мехобам.
Аз одати бади худ
Худам ҳам дар азобам.
Се бор дар вақти намоз,
Менамоям дуоят.
То ки аз рӯи замин,
Гум шавад нақши поят.
Донотарош домулло,
Аз гапаш пушаймон шуд.
Доманашро афшонда,
Ба хонааш равон шуд.

## ПОРАХӮР ВА АЗРОИЛ

*(Ривоят)*

Бо мурури замона,
Шахсе шуд соҳибмансаб.
Ӯ аз ҳар корафтода,
Пора менамуд талаб.
Чун отати дерина,
Наменамуд кораш тарк.
Ба гирдоби ҳирсу нафс,
То гӯшаш гашта буд ғарқ.
Фурӯ мебурд порaро,
Даҳон мисли чағора.
Аз пурхӯрӣ гашта буд,
Шикамаш чун тағора.

Мошин харид, хона сохт,
Ҳавлиаш ҳамчу гулбоғ.
Аз давлату савлаташ,
Ҳамеша буд хушдимоғ.
Завҷааш бо нозу нуз,
Маликаи замон шуд.
Писараки пулмасташ,
Худсару бадзабон шуд.
Касро накарда писанд,
Ҳарфе мезад бо ғурур.
Чунки аз пули ҳаром,
Ҷайби ӯ гашта буд пур.
Айшу нӯше намуда,
Бо ҷӯраҳои бангӣ.
Доим мағал мебардошт,
Монанди хари ҳангӣ.
Ҳамсояҳо нооронм,
Гурезон буд раҳгузар.
Касе наздик намешуд,
Чунки менамуд ҳазар.
Мардум аз ҷон шуда сер,
Мегуфтанд оқи падар.
Решаи ту шавад хушк,
Чун ниҳоли бесамар.
То кай аз паси падар,
Давру даврон меронӣ.
На як ҷо мекунӣ кор,
На дар мактаб мехонӣ?!
Дар гулзори ҷомеа,
Ту чун хори мағелон.
Пиру ҷавон аз ин рӯ,
Доимо аз ту гурезон.
Агар нашавӣ ислоҳ,
Назди Азроил дилгир.
Рафта мегӯем тезтар,
Ҷони падарашро гир.

Харро чунки бо хингил,
Доим мебарад фурӯ.
Фарзандаш ҳам чун худаш,
Мутаҳаму беобрӯ.

Писари авбоши ӯ,
То ин ки одам шавад.
Ҳамчун ниҳоли пурбор,
Камтар сараш хам шавад.

Валекин ӯ намедод,
Ба панди одамон гӯш.
Мекард бо улфатҳояш,
Қадаҳчангу нӯшонӯш.

Одамон аз ин кораш,
Ангушти ҳайрат ба лаб.
Аз ҷонашон шуда сер,
Мегуфтанд, ки ин чӣ гап?

Бо тоқати тоқ охир,
Рафта назди Азроил.
Салом дода, ниҳоданд
Кафро ба болои дил.

Гуфтанд, ки як порахӯр,
Одамонро безор кард.
Ҳурмати инсониро
Паст заду халалдор кард.

Раву ҷонашро бигир,
Аз ту дорем илтимос.
Аз ӯю аз фарзандаш,
Якбора шавем халос.

Азроил розӣ шуда,
Хуб гӯён калла ҷунбонд.
Ба хонаи порахӯр,
Аспи тозиро давонд.

Порахӯрро қапида,
Гуфто мегирам ҷонат.
Лаънати афзун бодо,
Ба виҷдону имонат.

То кай мехӯрӣ пора,
Фиреб медиҳӣ мардум?!
Порахӯр ба Азроил,
Гуфто бо нимтабассум:

Пора диҳӣ ҷонамро,
Майлаш ман месупорам.
Ҳамчун порахӯр мурам,
Ҳаргиз армон надорам.

Ба сари ҷаҳл ситонид,
Азроил ҷони ӯро.
Лаънат хонда равон шуд,
Аз ӯ гардонда рӯро.

Одамон халос шуданд,
Аз порахӯри қаллоб.
Гуфтанд, ки Азроил кард,
Аҷоиб кори савоб.

Шукри беҳад рафт аз байн,
Порахӯри ҷудо зӯр.
Акнун чашмони ӯро,
Пур мекунад хоки гӯр.

# ЗАҲРПЕЧАК

***(Эпиграммаҳо)***

## ТАКЛИФИ ДУХТУР

Биё, ҷӯра, ба ресторан меравем,
Таклиф намуд рафиқашро як духтур.
Қитӣ-қитӣ мирзоарақ нӯшида,
Занги дилро тоза кунем, ғамро дур.
– Магар имрӯз гирифтаӣ моҳона,
Ҳотами Той менамоӣ ҷӯраҷон?!
– Не, камтарак музди қалам гирифтам,
Ба асари «Арақ душмани инсон!»

## НОНИ ҲАЛОЛЕ БИХӮР

Аз чӣ саворӣ ту ба аспи ғурур,
Медаравӣ қоқу зи рӯи уштур?!
Фахри ту ё ин ки зи нақди зиёд,
Он пулат аз халқу туӣ кисабур.
Мезанӣ лофе, ки ту доно шудӣ,
Бехираду беҳунару бешуур.
Гар ту бавиҷдону ҳақиқатпараст,
Мард шаву нони ҳалоле бихӯр.

## ИХТИРОИ ИЛМӢ

Навишта кори илмӣ Абдузокир,
Аниқ бинмуд, ки гав медодааст шир.
Хари Исо ҳамеша карда ар-ар,
Ду гӯши соҳибашро кардааст кар.
Барояд меҳри тобон аз паси меғ,
Хурӯсе мезадаст ҳар субҳидам ҷеғ.
Аз ин хуррам шуда ҳамкорҳояш,
Бигуфтанд офарин бар ихтирояш.

## ҶАВОБИ ТАНПАРВАР

– Ди омадам аз Қрим,
Боз меравам лаби баҳр.
– Чӣ бурде кардӣ аз ин,
Бифаҳмонам мухтасар?!

– Се пуд гардидам фарбеҳ,
Ба ранги рӯям нигар.
Ё чашмонат аъмоянд,
Эй, зи дунё бехабар!

## БА НОСКАШ

То хуморат бишканӣ месозӣ ҷустуҷӯи нос,
Шод мегардӣ ту ҳар гаҳ дида монӣ рӯи нос.
Карда боло кайфи худ аз носдони қуббадор,
Менамоӣ хандаи дандоннамо бар сӯи нос,
Кай ту донӣ оқибат беҳолу беморат кунад,
Қадкамону чашмхира, зардрухсорат кунад.
Карда қоматро чу ғирболу забон чашми хурӯс,
Сактаи дил созаду бар ғам гирифторат кунад.

## МАСЛИҲАТИ МУҲАРРИР

Хонда шеърамро муҳаррир,
Гуфт бинмо ихтисор.
Охирашро карда ислоҳ,
Камтар аз байнаш барор.

Аввало охир худи вай,
Гуфта буд акси ҳамин.
Ман намедонам чӣ созам,
Дӯстонам баъд аз ин?!

## «КӮЧАБОРӢ»-И БОДАПАРАСТ

Меҳмон бикунӣ барракабобам набиёр,
Андар сари хон ошу гулобам набиёр.
Аввал ту бимон ба назди ман ҷоми шароб,
Пас рои манам, чангу рубобам набиёр.

Тӯе кунию Нуқраю Барно бошад,
Раққосаи он Гавҳару Зебо бошад.
Хуррам бишавам фақат бу бовар бинамо,
Гар дар сари хон коняку вино бошад.

## СИЯҲДИЛ

Ба дафтарчаат ҳама фисқу фасодро,
Сияҳдил доимо қайд менамоӣ.
Пас аз ин рафта бар чандин идора,
Лаби арзу шикоят мекушоӣ.

Макун аммо ту як чизро фаромӯш,
Бароят бениҳоят ҳаст даркор.
Ту расво гаштанатро ҳам дар он ҷо.
Навишта мону дар хотир нигаҳ дор.

## ТАБРИК

– Табрик мондӣ номи тифли навзодат,
Чӣ хел ин номи нағз омад ба ёдат?
– Маъзур доред маро эй хӯҷаинҷон,
Табрик гуфта будед, охир, худатон.
Ҳарфатро бо тилло мекашам бар,
Ҳар гапатон ба ҷони ман баробар.

## КАЙФ

– Замин ба фикрам ба ларза баромад,
Ҳама аз хонаҳо берун баромад.
Мо ҳам рафтем, тезтар тайёр шав ҷӯра,
Ҳоло ҳам ту сода будию ғӯра.
Қадаҳатро аввал бигир ба дастон,
Тезтар нӯшу боз ба замин наафтон.
Берун равем охир май мешавад ҳайф,
Беҳтараш, ки аввал кунем каме кайф.

## ҒАФЛАТИ ДАРВОЗАБОН

Вақти футболбозӣ рӯзе ногаҳон,
Дошта монд як тӯбро дарвозабон.
Ҷӯраҳо аз чор сӯе тохтанд,
Аз фараҳ бар рӯи каф бардоштанд.

Бӯса пай дар пай гирифта гарм-гарм,
Молидандаш рӯи ӯро нарм-нарм.
Зад вале индам ҳариф тӯби зиёд,
Диду шуд дарвозабон якбора мот.

## КИТОБИ БЕБАҲО

Нархи китоби шоир,
Арзон шуд.
Инро шунида шоир,
Ҳайрон шуд.
Парво накун бигуфтам,
Ту асло.
Соли дигар мешавад,
Бебаҳо!

## СУРУДИ НОСФУРӮШ

Таги забон мехорад,
Носи тундак мефорад.
Мешавам дӯсти наздик,
Ҳар кас тамоку корад.
Гирифта мекунам нос,
Пул чун хазон меборад.
Ёбам сад хел баҳона,
Агар милиса дорад.

## СУРУДИ МАСТУЛЛОХӮҶА

Ҳар хел тақал намудам,
Худро касал намудам.
Хуфта ба кунҷи хона,
Поҳоро шал намудам.
Пас нӯшида арақҷон,
Каме мағал намудам.
Маст шудаму Дӯлахон,
Туро бағам намудам.

Ҳушёр шудам, мебахшӣ
Кори дағал намудам.

## ВОРИСИ ҲОРИС

Дӯсте дорам, ки номаш Ворис аст,
Ӯ ба моли халқ беҳад ҳорис аст.
Кораш афтад ҳамчу мурғи сӯхта по,
Тор танад дар гирди кас аз рафтуо.
Ӯ ба як чашмак задан қурбон шавад,
Дар тани беҷон ба мисли ҷон шавад.

## ДУЗДРО ДОРЕД

Омад тахта як вагон,
Обу лой шуд ними он.
Яктояшро алав кард,
Хунук хӯрда посбон.
Мудир дод зад шуморед,
Посбони дуздро доред.

## ХӮШАИ БЕБОР

Чун гирифтам «Хӯшаи бебор»-ро[1]
Ҷои гулҳо дидам он ҷо хорро.
Аз ғазалҳо хостам шаҳде чашам,
Дидамаш афсӯс заҳри морро.
Бар мураттиб Сайфи Файзӣ ҳайфи ту,
Лаънате он Рӯзии айёрро.

## ДАР ЯК ОШХОНА

Рӯихати таомҳо,
Якхела асту дилгир.
Фақат санаи онро,
Гоҳе мекунанд «таҳрир».

---

[1] «Хӯшаи бебор» – номи маҷмӯаи шеърҳои як шоиртарош.

## БУЛҲАВАС

Ҳаст як ҳамсояи ман булҳавас,
Завҷаашро мекунад доим дигар.
Бевафо занҳо ҳама, гӯён, вале
Мекунад арзу шикоят аз ҷигар.

## «УСТОД»-И ЗАБАРДАСТ

Писар аз кӯча омад сахт буд маст,
Бизад дарвозаро бо пой бо шаст.
Падар бикшода дар гуфто: «Кӣ ёд дод?»
Худаш буд гарчи «устод»-и забардаст.

## МАН-МАНИҲО МЕКУНӢ

Инқадар охир ғуруру ман-маниҳо мекунӣ,
Гардани худро ба мисли ғоз боло мекунӣ.
Мезанӣ истораро бе нардбон аз осмон,
Ҳарчи ояд бар забони хеш ифшо мекунӣ.

## БА НОКАС

Барои ҷоҳу мансаб, кори осон,
Барои неъмату нози фаровон.
Ман афсӯс мехӯрам, ки ту нокас,
Задӣ виҷдони худро бар ҷиғилдон.

## «КИТОБДӮСТ»

Рӯзу шаб дар дасти худ дорад китоб,
Ҳам ба кӯча, ҳам ба хона, вақти хоб.
Саҳфае аммо намехонад аз он,
Нест лозим савлат аз баҳри савоб.

## ПИСАРИ БУХГАЛТЕР

– Шумо бухгалтеру аммо Акмалҷон,
Доим «ду» мегирад аз дарси ҳисоб.

– Ин дурӯғ, чунки вай аз даҳ сӯм камро
Ҳаргиз намегирад гуфто дар ҷавоб.

## БА ШОИРТАРОШ

Ту шоир нестӣ, шоиртарошӣ,
Гурунҷи ошро монанди мошӣ.
Барои шӯҳрату мансаб шабу рӯз,
Фақат мушту гиребон, дар талошӣ.

## ДУЗАБОНА

Дузабона ба якташ,
Қоҳ-қоҳ зада механдад.
Бо дигарон аз пасат,
Сад хел айбе мебандад.

## ГУЛИ ХАНДОН

Дар кӯча гули хандон,
Дар хонааш заҳр пошад.
Сояи зану фарзанд,
Аз девор метарошад.

## БАЪЗЕҲО

Ноқобилро бардор-бардор намуда,
Баъзеҳо осмони ҳафтӯм мехонанд.
Ин хел содда амакҳою холаҳо,
Охир рӯзе ба пушаймон мемонанд.

## ХОНА НАВ – ОДАТ КӮҲНА

Ана тайёр гардид хонаи нав,
Ҳама хурсандӣ месозанду дав-дав.
Вале дар хонаи нави намуна,
Диҳанд дил баъзеҳо бар расми кӯҳна.

## АЛАВМОН

Биҷустам ҷурми инсонӣ, чӣ лозим?
Табассумҳои шайтонӣ, чӣ лозим?
Ба дунё то тавонӣ некие кун,
Ба ҳар хирман алавмонӣ чӣ лозим?

## ТУНДУ ТЕЗ

Касе, ки танбалу меҳнатгурез аст,
Миёни ҷамъият монанди без аст.
Надорад тоқоҷати гармову сармо,
Ба монанди қаламфур тунду тез аст.

## ХОРИ ГУЛБОҒ

Ба аспи ман-манӣ доим савор аст,
Ба гулбоғи ҳақиқат мисли хор аст.
Агарчи surаташ чун ғунча хандон,
Валекин сираташ чун гӯри тор аст.

## БЕ ФАЗЛУ ФАРҲАНГ

Ба базме гар расад икдоми Маҳмуд,
Бирезад захри қотил ҷоми Маҳмуд.
Надорад ӯ хабар аз фазлу фарҳанг,
Шавад аз ин ҷаҳон гум номи Маҳмуд.

## ДӮСТИ СОХТА

Ба дасти рост дастамро фишурдӣ,
Ту дасти чап ба рӯи сина бурдӣ.
Валекин аз чи тӯҳмат карда бар ман,
Навиштӣ арзаву бар суд супурдӣ?!

## ОБРӮ ГУМ МЕКУНАД

Бандаро бинад табассум мекунад,
Карда хам сарро такаллум мекунад.

Ӯ намедонад, ки аз ин улфатӣ,
Обрӯи хешро гум мекунад.

## ШАБНАМ МЕФУРӮШӢ

Даме, ки оби Зам-зам мефурӯшӣ,
Чаро реҷааш кам мефурӯшӣ?
Бирезӣ қатраҳоро тарс-тарсон,
Гумон созам, ки шабнам мефурӯшӣ.

## МАНФИАТПАРАСТ

Ба тори ӯ зи пуди дигарон ҳар гаҳ расад, хандад,
Шавад чун ҷӯраи ҷонӣ ба ӯ меҳри фузун бандад.
Агар дид, ки надорад манфиат ошногиаш бо вай,
Гапи бекораро карда баҳона сахтакак ранҷад.

## ҲОФИЗИ НОШУД

Агар ҳар гаҳ, ки бар хондан кунад сар,
Ду гӯши сомеонро мекунад кар.
Гаҳе хонад ба васфи мурғу моҳӣ,
Гаҳе васфи бузу полони нархар.

## БА МУДИРИ КУЛУБ

Рубобу тор дар анбор то кай?
Ба дар қулфи калоне бор то кай?
Бизан ҳарфе мудирро аз фазилат,
Ду чашми мо ба роҳат чор то кай?

## МАЙЗАДА

– Чаро бисёр менӯшӣ, Исмоилпиён?
– Занам ҷанҷол мекунад, охир ҷӯраҷон.
– Чаро ҷанҷол мекунад, як ба ман фаҳмон?!
– Мегӯяд, ки камтар нӯш, ман ба ӯ ҳайрон.

## БА ХУДХӮРАМ

Худхӯрамро мекашад охир ба ғораш нафси бад,
Мекунад беобрӯву шармсораш нафси бад.
Ишкамаш ҳамчун каҷоба, печутобе мекунад,
Мебарад охир зи каф сабу қарораш нафси бад.

## БА МАНСАБПАРАСТ

Гарданат чун ришта асту себи бодрезак сарат,
Як-ду ғаммозе ҳамеша сояосо дар барат.
Кай ту охир медиҳӣ бар арзи мардум эътибор,
Лаънати афзун ба виҷдону ба ду гӯши карат.

## БА ҲАРИС

Чашмҳо шаҳкосаи хун, биниат монанди дук,
Ҷамъ намоӣ моли дунё гуфта ҷайби ман тунук.
Нафси шумат аждаҳору ишкамат чун машки об,
Эй ғуломи дунё афту андомат хунук.

## БА ПУЛПАРАСТ

Пулпараст, ишкамкаҷоба афту андоматба туф,
Каллаи ҳамчун кадуи холи хоматба туф.
Хонаат чун хазина кардаӣ аз моли халқ,
Аз даромадгоҳи ҳавлӣ то лаби боматба туф.

## ХУШОМАДХӮҶА

Дар ин мадфан Хушомадхӯҷа хоб аст,
Сараш бар пояшу қалбаш кабоб аст.
Нагардид қомати досаш алифвор,
Ки ҳатто дар даруни марқади тор.

## МЕҲМОНИ ИЗЗАТТАЛАБ

Гуфт меҳмон як қадаҳ бар ман бас аст,
Май балои ҷону офат ба кас аст.

Ончунон нӯшид валекин пай дар пай,
Холӣ кард охир тамоми ҷоми май.

## ОЛИМТАРОШ

Карда обе майнаро даҳ сол Қамар,
Кард амиқ дорад ду шох гӯсфанди нар.
Менамояд баққа вақ-вақ субҳу шом,
Бедмаҷнун ҳамчу ар-ар бесамар.

## ШӮҲРАТПАРАСТ

Ту эй шӯҳратпараст, шӯҳратхарида,
Ба соҳил рафта, дарёро надида.
Надорӣ-ку даруни синаат дил,
Чаро аз пашша месозӣ фақат фил?!

## ДИЛАТ АЗ ЯХ БУВАД

Гирифтор гаштам бар дарди пора,
Дилат аз ях бувад ё санги хора?!
Равад назди ту корафтода ҳар гоҳ,
Бидеҳ пул гуфта месозӣ ишора.

## ЧИЗЕРО НАМЕДОНАД

Як кас аз Тоҷиккитоб,
Ҳар рӯз мехарад китоб.
Рафҳояш қатор-қатор,
Аз китобҳои бисёр.
Азбаски намехонад,
Чизеро намедонад.

## ЧИТИ ФАРАНГ АСТ

Кайфаш доим таранг аст,
Каллаи ӯ гаранг аст.

Кораш бо роҳгузарҳо,
Хархаша асту ҷанг аст.
Бинию сар кафида,
Рӯяш чити фаранг аст.

## СӮҲБАТИ ХОСА

– Хабар дорӣ Мирхомӯш,
Шуд аз мансаб сабукдӯш
– Буд қаллобу гарданғафс,
Гирифтори ҳирсу нафс.

– Не, ба райпои район,
Раис шуд, фаҳмида мон.
– Меарзад бачаи нағз,
Донишманди калламағз.

## КИТОБАТ ДАР ДАСТ

– Табрик мекунам китобат чоп шудаст ҷӯра,
– Аллакай хондӣ-мӣ онро офарин Тӯра.
– Не, ҳар бегоҳ хонам гуфта мегирам ба даст,
Валекин мебарад хобам китобат дар даст.

## МАРДАКИ ЛАҚҚИНАМО

Эй мардаки лаққинамо,
Боре ту бар саҳро баро.
Зин зан ба аспи номусат,
Ғайрат куну меҳнат намо.

## КАМОЛИ ҲАМНИШИН

Кӯчаи мо лою ноobод буд,
Хотири мо солҳо ношод буд.
Чун аз ин кӯча раис домод кард,
Дар ду-се ҳафта варо обод кард.

## БОВАР

Маро танқид мекунанд:
«Забонат хеле ҳам хушк!»
Ба фикри ман меояд,
Аз забонам бӯи мушк.

## БА МАСТӢ МЕКАШАД

Ҷони май касро ба мастӣ мекашад,
Обрӯ рехта ба пастӣ мекашад.
Карда чун гаҳворачунбон рӯзу шаб,
Бар гадоӣ, тангдастӣ мекашад.

## ЛАЙЛӢ МАҶНУН

Аз бом афтод тароша,
Биёр ту турбтароша.
Кай мегирем маоша?
Ману ту Лайлӣ Маҷнун.

## ДИЛ ДОДААМ БА ҶОМИ МАЙ

Дарду балои ман арақ,
Кайфу сафои ман арақ.
Дил додам ба ҷоми май,
Аҳду вафои ман арақ.

## ДАВО ШУД

Дар тарабхонаи «Лаъл»,
Қаламфур камнамо шуд.
Одоби пешхизматҳо,
Ба ҷои он даво шуд.

## КИСАРО МЕКУНАД ПУР

Такаббури порахӯр,
Шишта ба аспи ғурур.

Аз пули муфти ҳаром,
Кисаро мекунад пур.

## ГУЗАР ДОРӢ

На аз дунё хабар дорӣ,
На нахли босамар дорӣ.
Чаро аз аҳли байти худ,
Тамоман ту гузар дорӣ?!

## ГИРЁН АСТ

Хонаи мо яхдон аст,
Пиру ҷавон ҳайрон аст.
Кӯдак ҳам дар гаҳвора,
Ғаш мекунад гирён аст.

## ИСРОФКОР

Беҳуда обро мекунад нобуд,
То ки худро намояд ӯ хушнуд.
Дигарон аммо дар фироқи об,
Хоб мебинанд обро дар хоб.

## КАСОФАТИ АРАҚ

Арақ гарчи сафед аст,
Рӯйро мекунад сиёҳ.
Ақлро намуда тира,
Қадро мекунад дуто.

## КИСАБУР

Эй Сафои аз сафо гардида дур,
Чаппа биншастӣ ту бар аспи ғурур.
Гаштаӣ устоди шайтони лаин,
Нокасу ноодамию кисабур.

## ЧАШМАМ ДАР ПУЛ

Дастам дар рул,
Чашмам дар пул.
Поям дар газ,
Дилам ҷаз-ҷаз.

## ҚАЙЧӢ КАРДӢ

Чаро ӯтоқи кориро, азизам,
Ба мисли лӯхтаки сурнайчӣ кардӣ?!
Аҷаб не аз барои зебу ороиш,
Зи накди коргарҳо қайчӣ кардӣ?!

## БЕШАРАФ

Он қадар сарвате ҷамъ кардаӣ,
Мерасад бар ҳафт пуштат бешараф.
Боз бар чизе агар чашмат фитад,
Медиҳӣ ту ихтиёратро зи каф.

## ДАР БОЗОР

Омад баҳори зебо,
Колхозчӣ гашт серкор.
Ҳанӯз баъзе танбалҳо,
Дар саҳро не, дар бозор.

## САРБОР АСТ

Рӯзихӯҷа дузди шумхор аст,
Ӯ ба дӯши замона сарбор аст.
Ӯ зи виҷдони хеш бегона,
Монда бар фарқи ҳирсу нафс лона.

## ГӮР СӮЗАДУ ДЕГ ҶӮШАД

Шайдулло арақ нӯшад,
Куртаро чаппа пӯшад.

Мегӯяд ба ман-манӣ,
Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад.

## ШӮРБОЯШ ЧУН ҒӮЛИНГОБ

Хӯроки ин ошхона,
Доим шулдурматезоб.
Паловаш чун пахол аст,
Шӯрбояш ғӯлунгоб аст.

## ПУЛРО ЧУ ОБИ ҶӮЙ КАРД

Ҳамсояи мо тӯй кард,
Тӯи аҷаб хушрӯй кард.
Базмаш чунон ҳам буд калон,
Пулро чу оби ҷӯй кард.

## ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

Бинои мактаби мо,
То кай меёбад кашол,
Вазифаи хонагӣ,
Ба роҳбарон ин савол.

## БЕАМАЛ

Эълоне ҳаст дар девор,
«Манъ кашидани сигор».
Дудро лек ҳалқа дода,
Мекашад худи сардор.

## СЕРТАРАДДУД

Намуда чен фақат бо ченаки худ,
Ҳамеша сертараддуд, камкор аст.
Гирифта шишаи майро иҷора,
Дигар аз ҳама корҳо дар канор аст.

## ШӮРУ МАҒАЛ

Хомхаёли шӯрапуштон гоҳ-гоҳ,
Мекунанд шӯру мағалро ихтиёр.
Баъзеҳо бар ин надода эътибор,
Мегиранд худро валекин дар канор.

## БЕ ПУЛ ТАСАДДУҚ

Ҳикмати беҳикмати мағруру фосиқро бубин,
Аз паси ҳар духтару зан гашта ошиқро бубин.
Карда изҳори муҳаббат парад аз шохе ба шох,
Ҳамчу ку-ку бедили бепул тасаддуқро бубин.

## БА БЕШАФҚАТ

Ба ном ту шафқату бешафқат астӣ,
Касофатпеша кони миннат астӣ.
Ҳамеша ҳамчу афъӣ мезанӣ заҳр,
Чаро аз ҷоми маккорӣ ту мастӣ?!

## БА НОХАЛАФ

Сафсаттаи ту сарам гаранг кард,
Тори асаби маро таранг кард.
Бас кун, ки яке ҳамезанам дод,
Зеро, ки дили маро чу санг кард.

## ШӮҲРАТПАРАСТ

Ба марги модараш ҳатто наомад,
Ба вақти зиндагӣ қадраш надонист.
Пас аз маргаш паи шӯҳратпарастӣ,
Ба қабраш санги мармар монда бигирист.

## БА БЕХИРАД

Қалби сияҳат сахттар аз санг бувад,
Чашми ту зи ҳорисӣ аҷаб танг бувад.

Бо мардуми фарҳангӣ ту дар часпу талош,
Корат мағалу хархашаю ҷанг бувад.

## БА БУЛҲАВАС

Ҳама ҳарфу ҳиҷои ту дурӯғ аст,
Ки лофу қофи ту як коса дӯғ аст.
Дили аз ошиқӣ бегонаи ту,
Ба мисли шабчароғи бефурӯғ аст.

## БА ШОИРТАРОШ

Рафт аз мобайни мо савдогари бозори назм,
Тоза гардид аз гиёҳи бадгуҳар гулзори назм.

## БА ШОИРИ ШЕЪРҲОИ ФАЧ

Шер агар ин бошаду шоир ҳамин,
Тухми шоир нест гардад аз замин.

## МУДИРИ АНБОР

Ин мард фақат бе ҳой-ҳой,
Доим кунад обро лой.

## МУБТАЛО АСТ

Ба дарди ҳирс доим мубтало аст,
Ба моли халқ чашмонаш ало аст.

## БА ЗАҲРЗАБОН

Ту эй ноодами ноаҳли бадкеш,
Чаро монанди ақраб мезанӣ неш?

## ИҒВОГАР

Худаш яктову гӯши ӯ ҳазор аст,
Забонаш дар сухан чун неши мор аст.

## БЕВИҶДОН

Ҳарки бошад гар бандаи ҷиғилдон,
Мешавад ӯ беобрӯю бевиҷдон.

## ТАХТАГАРДАН

Кору бори ту ҳамеша ман-манӣ,
Тахтагардан, маҳсули корат канӣ?

## ПАРВО НАДОРАМ

Чун муфтахорӣ гардид корам,
Бар нафъи давлат коре надорам.

## РОҲ ЧУН ПУШТИ ШУТУР

Роҳ чун пушти шутур қаҷҷу килеб, пасту баланд,
Раҳбарони роҳсоз парво надоранду лаванд.

## ДИДА ГИРЁН ШД

Касе ки горгурезу холабеғам дар баҳорон шуд,
Зимистон гашт, аҳволаш табоҳу дидагирён шуд.

## ОЛИМИ БЕАМАЛ

Олим шуду одам нашуд,
Кибру ғурураш кам нашуд.

## ҶОНАМ БА ТАНГ ОМАД

Аз ин иғвою бӯҳтонҳои ту ҷонам ба танг омад,
Сари шӯридаро аз сӯи ту пайваста санг омад.

## ВИҶДОНФУРӮШ

То ба кай иғвогарӣ виҷдонфурӯш,
Аз паси дарҳо ба гап дорӣ ту гӯш?!

## САВОРИ АСПИ МАНСАБ

– Даромад Хӯҷаҷон осон ба мактаб,
– Дадош чунки савори аспи мансаб

## МУАЛЛИФИ МОДАРНОМА

Менависад ӯ ба васфи модарон доим асар,
Лек аз аҳволи зори модари худ бехабар.

## ЯКРАВ

Гар тобам мӯйлабам,
Ду намешавад гапам.

## ДАМСОЗИ МАН

Шишаи май доимо дамсози ман,
Соқихӯҷа ҳамдаму ҳамрози ман.

## БО ХАНДА ҲАМДАМ

Касе, ки мешавад бо ханда ҳамдам,
Ба беморхона хеле меравад кам.

## ФИТНАҲО САР МЕКУНАНД

Лаққиён шақ-шақ намуда гӯши мо кар мекунанд,
Мезананд заҳри забону фитнаҳо сар мекунанд.

## СИГОР

Бар дилу ҷон офати беинтиҳо бошад сигор,
Заъфарон аст ранги рӯ, мисли бало бошад сигор.

## АҶАБ АСТ

Худ ҷавонию ришат як ваҷаб аст,
Ҳамчу ҷорӯб дарозу аҷаб аст.

## ТАМАННО КАРДА МЕХОНӢ

Чаро эй тахтагардан доим аз саҳро гурезонӣ,
Суруди «Кӯчабоғӣ»-ро таманно карда мехонӣ.

## ЛОФЗАН

Кор мекунад қил барин,
Нишон медиҳад фил барин.

## ОЛУФТА

Чун сабад мӯ дорад,
Чун табақ рӯ дорад.

## МУҲОБОТЧӢ

Ба ҳован об мекӯбӣ,
Ту ранги Каҳкашон рӯбӣ

# ХОКБӮРОН

***(Масалҳо)***

## РӮБОҲ ВА МУДИРИ ФЕРМА

Мудири фермаи мурғпарварӣ Ёр,
Шикоят дошт аз рӯбоҳи маккор.
Ки ӯро медиҳад шому саҳар ғам,
Шумори чӯҷаҳояш мекунад кам.
Аз ин рӯ касбу кораш актсозӣ,
Ки аз пушти муфаттиш тоз-тозӣ.
Шуда воқиф раис аз ҳилаҳояш,
Калӯшашро бимонд дар пеши пояш.
Ба ҷои ӯ Таин бинмуд Сафоро,
Биёбад то ба нуқсонҳо даворо.
Барад аз рӯи виҷдон корро пеш,
Гузорад ҳиссаи арзанда аз хеш.

* * *

Аҷибаш ин ки акнун рӯбаҳи шум,
Тамоман кард роҳи фермаро гум.

## КУРРАЧАИ ЗЕБОИПАРАСТ

Гулро дида куррача,
Ҳайрон шуд.
Аз ҳусни зебои он,
Хандон шуд.
Гуфто, ки он ниҳоят
Хушбӯ аст.
Монанди пари товус,
Дилҷӯ аст.
Зебопарастӣ доим,
Маро кор.
Аз ин рӯ ман ин гулро,
Парастор.
Намемонам ягон кас,
Барад даст.
Ё қадру қимати он,
Занад паст.

Валекин худ фукашро,
Бурда монд.
Гӯё, ки надониста,
Хӯрда монд.

**МАГАС ВА ФИЛ**

Магас бо фил хеле ҳам қарин буд,
Ба мисли гӯшту нохун ҳамнишин буд.
Валекин шуғли ӯ буд фитнакорӣ,
Ба хартуми дарози фил саворӣ.
Фақат иғвогарӣ гардида кораш,
Ғуруру ман-манӣ бинмуд шиораш.
Фил аз ин фитнаи ӯ гашта безор,
Ба шер онро намуд таърихи бисёр.
Ки то аз он халосу шод гардад,
Зи найранги магас озод гардад.
Ба вай гуфто: магас ҷону дили ман,
Чароғи шӯълапош манзили ман.
Надорам ман аз ӯ ҳаргиз ҷудоӣ,
Ҳама ҳарфу ҳиҷояш мумиёӣ.
Шунида шер ин мадҳу ситоиш,
Зи фили гӯшкалон бинмуд хоҳиш.
Магасро то диҳад дар ихтиёраш,
Шавад то пешраву арзанда кораш.
Намуда фил гӯё камтарак фикр,
Ду гӯши хеш ҷунбонда намуд зикр.
Бигуфто пас ба шери бешазорон,
Манам розӣ, бидиҳам амру фармон.
Аз ин пас аз магас ҷонаш раҳо шуд,
Шаҳи беша ба ғамҳо мубтало шуд.

* * *

Магасҳо дар ҳаёти мо фаровон,
Бибояд, ки кунем мо маҳви онон.

## АЛОШАҚШАҚА

Алошақшақа аз шохе ба шохе,
Парида доимо мекард қар-қар.
Бубинед уштурак дорад ду кӯҳон,
Ки пур аз равғани чун ширу шаккар.

Чаро чуғзе ба зоғе ҳаст монанд,
Ки ҳатто хонаи сангпушт чу пӯлод.
Дароз аз чӣ бувад поҳои лаклак,
Ба булбул чаҳ-чаҳи форам худодод.

Ба ин паррандагон гардида ҳайрон,
Бигуфтандаш чунин ғайбат чӣ даркор?
Ҳазор афсӯс, баъзан дар ҳаёт мо,
Ки дорем бо алошақшаққаҳо кор.

## АККА ВА ЛАКЛАК

Акка рӯзе ба кино,
Меҳмон шуд.
Курсиҳоро дида банд,
Ҳайрон шуд.

Шақ-шақ карда ба лаклак,
Гуфто без.
Чаро шиштӣ бепарво,
Аз ҷо хез.

Вагарна менамоям,
Туро соз.
Фаҳмида мон нағзакак,
Подароз.

Лаклак хандида гуфто,
Безорӣ.
Чаро тухми ҷанҷолро
Мекорӣ?

## БУЗИ АЙБҶӮЙ

Гӯсфанде ногаҳон аз ҷӯйбор,
Париду шуд думбааш камтар баланд.
Дида инро таъна зад буз бо ғурур,
Гуфт, ки танбал ҳастию хеле лаванд.
Гарчи доим думи буз сих бувад,
Медиҳад аммо ба гӯсфанд боз панд.

## БЕЛ ВА ТРАКТОР

Бел ба булдозер гуфто:
Кӯҳро мекунам талқон.
Ҳатто бародарам ҳам,
Ба ин мешавад ҳайрон.

Кӣ ҳаст бародари ту,
Булдозер пурсид аз он,
Бел хандида ҷавоб дод,
Трактори паҳлавон.

## БАҚҚА ВА МУРҒОБӢ

Бақќа аз лойдон,
Гуфт мурғобиҷон.
Биё, мешавем,
Ҳарду меҳрубон.
Инҷо дур аз хавф
Кор мешавад кайф.
Рӯзе ғарқ мешӣ,
Ту надида нафъ
Мурғобӣ аз об,
Гуфто дар ҷавоб.
Аз мавҷи дарё,
Надорам парво.
Дар лойдон мурдан,
Ба ман нангу ор.

Ғарқ шудан дар баҳр
Беҳтар ҳазор бор.

## ГУЛ ВА КУРРА

Гуле рӯида дар паҳлӯи хоре,
Бизад лофу бигуфт бо ифтихоре.
Ба ту ҳамсоя гаштан ор бар ман,
Бигир худро каме аз ман каноре.
Маро бӯи хушу ранги аҷиб аст,
Ту хори хушку дур аз эътиборе.
Ҳамин вақт куррае, ки буд роҳӣ,
Бидид гулрову омад мисли море.
Фукашро карда ҳамчун гардани ғоз,
Дароз кард то гирад кораш бароре.
Гули бечора аз ин кард нолиш,
Маро расво бишуд гуфто, ки коре.
Дар ин вақт дида хорак нолаи гул,
Ба кура неш зад беихтиёре.
Думашро кура карда мисли хода,
Бизад чорхезаву рафт сӯи пода.

## ГУРГУ РӮБОҲ

Гургу рӯбоҳ дида шахси роҳгузар,
Баҳо бинмуданд байни ҳамдигар.
Гуфт ногаҳ рӯбаҳи маккори шум,
Гургҷӯра чашму рӯят шуд дигар.

Ё битарсидӣ, ки он мерганҷавон,
Мекашад аз ҷайби худ тиру камон.
Аввало вай мекунад бар ту ҳуҷум,
Пас бигирад ӯ маро ҳам бар нишон.

Гург гуфто дӯстам бинмо ту сабр,
Буд баски пӯстинаш аз пӯсти бабр.
Сӯхт бар марҳум дилам бисёрҳо,
Кардааст мерган ба бабр бисёр ҷабр.

Шуд аз ин рӯ ранги рӯи ман дигар,
Худ наметарсам ман ҳастам говчигар.

## ГУРБА ВА САГИ АЛОПАР

Ба гурба гуфт рӯзе саги алопар,
Чаро чӣ-чӣ мекунӣ чун калламуш.
Чӣ гап шуд, ки дода овозат тағйир,
Мяв-мяватро кардӣ фаромӯш?

Ба ҳасрат лаб кушода гурба дар чавоб,
Гуфто ин рӯзам бар сарат наояд.
Гар бар ту ҳам сардор мешуд калламуш,
Монанди ман рафтор мекардӣ шояд.

Вагарна ӯ мекард аз мансаб ронда,
Сад хел айбро ба гардани ту монда.

## ГЕЛОС ВА БЕД

Гелосу бед ҳарду буданд ҳамсоя,
Гул мекарданд, месабзиданд якчоя.
Рӯзе бедак бо ғуруру ман-манӣ,
Гуфто гелос нашъунамоят канӣ?
Ман хушбахтам қариб бо моҳ ҳамнафас,
Ҳар ки бинад маро мекунад ҳавас.
Гелос ҳарфе нагуфта шохаш кард паст,
Боғбон ногаҳ пайдо шуд теша дар даст,
Бедро бурид, бурду намуд остона,
Гелос метофт ба чашмҳо чун дурдона.

## ГУРГ

Аз даруни панчара,
Берун карда гург сара,
Мегуфто, ки ман ҳозир,
Сап-сафедам ҳамчу шир.

Зеро гуноҳ надорам,
Ҳаргиз зарар наорам.
Сар надода ҳоло ҳам,
Аз чӣ медиҳандам ғам?!

Агар гург шавад озод,
Гапаш меравад аз ёд.

## ГУРБАЧА ВА САГ

Дар гузари Охунон,
Дар таги беди калон.
Дар ҳавлии Мирамак,
Гурбачае буду саг.
Алопар буд номи саг,
Мошон буд номи пишак.
Буданд ҳардуяшон дӯст,
Дугонамағзи як пӯст.
Бо шавқу шодмонӣ
Доштанд зиндагонӣ.
Рӯзе амак аз айвон
Партофт як устухон.
Он устухонро дида,
Ҳарду омад давида:
– Ман мехӯрам, – гуфто саг,
– Ин аз ман! – гуфто пишак.
Дору гиру мағал шуд,
Кору гапи дағал шуд.
Гурба ба саг ҷанҷол кард,
Фуки сагро ханҷол кард.
Саг ғазабӣ шуд дучанд,
Саг думи гурбаро канд.
Ҳарду арозӣ гаштанд,
Аз дӯстӣ гузаштанд.

* * *

Гоҳе шавад, ки ёрон
Барои чизи арзон

Аз дӯстони дилсӯз
Маҳрум шаванд осон.
Афсӯс!

## ДУ ГУНҶИШКАК

Ду гунҷишкак ошиқи шайдо шуданд,
Тӯи калон гузашту якҷо шуданд.
Рӯзи дуюм ногоҳ сар шуд моҷаро,
Рӯзи сеюм чӣ шуд, ки ҷудо шуданд.
Беандеша баски шуданд хонадор,
Байни мардум оқибат расво шуданд.

## ДУ ТАБАР

Ду табаре буд,
Ба токи айвон.
Яке хушрӯю
Чу дарқ рахшон.
Дигар валекин
Пурзангу бенур.
Ҳам аз латофат,
Фарсангҳо дур.
Рӯзе зангзада,
Пурсид аз хушрӯ.
Ту чӣ сон ин хел,
Гаштаӣ дилҷӯ?!
Гуфто ба меҳнат,
Ман гаштаам ёр.
Ту бошӣ аз он
Намудаӣ ор.
Меҳнат ба инсон,
Сарчашмаи бахт.
З-ин рӯ ту бар вай
Дилро бубанд сахт.

## ДУ ЧӮҶАЧА

Дар лабаки ҷӯчача,
Истода ду чӯҷача.
Аз барои якто дон,
Якборагӣ байнашон.
Хархашаю ҷанг шуд,
Рӯйҳо зи хун ранг шуд.
Омада зоғи ало,
Зоғи алои бало.
Гирифта донро гурехт,
Чӯҷачаҳо ашк рехт.
Гашта пушаймону зор,
Шуданд равон ҳар канор.

## ДОСТОНИ ҲУДҲУДАК

Ҳудҳудак дар васфи тут,
Як достони тоза гуфт.
Се сол хуни дил шуда,
Гавҳару дурдона суфт.
Ба маҳфили адабӣ,
Пас ба муҳокима дод.
Котиб гирифт нахонду
Бурду ба шкаф ниҳод.
Сол гузашту дарак не,
Аз муҳокимаи он.
Ҳудҳудак гашта ғамгин,
Назди котиб шуд равон.
Баъди ту-тую ман-ман,
Эълонча шуд овезон.
Фалон рӯз, фалон соат,
Муҳокимаи достон.
Бояд ҳама дар вақташ,
Биёяду ҷамъ шавад.
Муҳокима мемонад,
Агар одам кам шавад.

Ҳама, ки шуд сафу ҷамъ,
Аввал гап зад хурӯсак:
Обаш бисёр, донаш кам,
Ҳатто надорад намак.

Баъди ӯ зоғи ало,
Ба минбар шуд намоён.
Эроди ман сар то по,
Гуфто ба тарзи баён.

Шақ-шақ карда пас акка,
Достон дароз гуфта монд.
Бум фикри ғалаташро,
Хуни дил шуда фаҳмонд.

Баъди хеле маш-маша,
Баъди бисёр лаққидан.
Дода достон ба Ҳудҳуд,
Ҳама қоҳ-қоҳ хандиданд.

Гуфтанд эроди моро,
Як ба як намо ислоҳ.
Муҳокима мекунем,
Баъди як солу се моҳ.

Нишаст аз Ҳудҳудак,
Боз назди мизи корӣ.
Серкор шуд, вақт нест,
Ҳатто барои сархорӣ.

Эродҳоро ислоҳ кард,
Боз достонро кард манзур.
Эълонро хонда рӯзе,
Хеле шуд шоду масрур.

Боз зоғу хурӯсу бум,
Акка аз нав шуданд ҷамъ.
Дилдорӣ дода гуфтанд,
Ҳой Ҳудҳудак махӯр ғам.

Ин достонатро бурда,
Бори дигар бикун кор.
Натарсида аз байнат,
Бобҳоро кун ихтисор.

Достон ба каф Ҳудҳудак,
Равон шуд сӯи хона.
Байту бобҳоро хат зад,
Аз ҳар ҷо бераҳмона.
Пас карда тозанавис,
Боз ба маҳфил шуд равон.
Баъди маслиҳати мӯл,
Муҳокима шуд эълон.
Боз фикрҳои нав гуфтанд,
Буму хурӯс, акка, зоғ.
Хеле сафсатта хонданд,
Гоҳ аз боғу гоҳ аз роғ.
Гуфтанд боз намо таҳрир,
Натарсида ҳудҳудак.
Ҷаҳонро нағз мебинӣ,
Ту-ку аз шохи тутак.
Ба баҳри зиндагонӣ,
Нохудо шав, шино кун.
Пас қоғазу қалам гир,
Ту арзи муддао кун.
Достон нағз мебарояд,
Мазмун мегардад олӣ.
Ҳозир бошад донаш кам,
Хирманат коҳи холӣ.
Ди дидам Ҳудҳудакро,
Достон дар каф ҳайрон аст.
Ба фикрам назди котиб
Аста-аста равон аст.
Шояд офтоби бахташ,
Ин дафъа шавад пурнур.
Достончаи Ҳудҳудак,
Ба мардум шавад манзур.
Баъзан муҳокимаҳо,
Бе мантиқу бе мазмун.
Манфиат намебахшад,
Касро мекунад маҳзун.

## ЗОҒИ ҲОФИЗ

Булбулеро ба қатл ҳукм карданд,
Чаҳ-чаҳаш чунки буд ба васфи гул.
Ҳокими беша шери бадхашмро
Гӯиё, ки шумурдаст ду пул.

Ҷои булбул зоғ шуд ҳофиз,
Ӯ на чаҳ-чаҳ, қар-қар мекард.
Лек зи курсии вазифаи нав ҳам,
Чашм ба захми сағрии хар мекард.

## ЗАНБӮРИ АСАЛ ВА МАГАС

Ба занбӯри асал рӯзе магас гуфт:
Чисон гаштӣ ту бар ҳурмат сазовор?
Ба ҳарҷо бо муҳаббат ном бурда,
Туро мардум бигӯянд ин ки пуркор.
Ба ту пӯшида онҳо хонаи соз,
Баранд ҳамроҳи худ бар боғу гулзор.
Ба ман аммо касе раҳме надорад,
Зи дидорам ҳама гардида безор.
Ҷавобаш дод ғингос карда занбӯр,
Ту гуфто муфтахорастию беор.
Аз ин рӯ одамон аз ту гурезанд.
Ва ё бинанд бикушанд дода озор.
Чу ман то ки туро созанд ҳурмат,
Ба меҳнат меҳри беандоза даркор.

## КАДУ ВА СЕБ

Кадуе ҳарзагӯю лофзан шуд,
Ҳамеша ман-манӣ андар даҳан шуд.
Ки: чун пурҳосилу пуршоху борам,
Кадуям ман, каду, ҳамто надорам.
Касе манро бубинад гашта ҳайрон,
Барад ангушти худро зери дандон.

Чу одат ӯ ба шохи себ маҳкам,
Бупечида ҳаме гуфто дамо-дам:
– Чаро ту ин қадар ҳам майда ҳастӣ!
Аз ин рӯ назди ман шарманда ҳастӣ!
Маро бин, ки ниҳоят ҳам калонам,
Ба ҳар ҷо фахр карда метавонам».
Шамоли тунду тезе тохт ногоҳ,
Рабуда хору хасро чун пари коҳ.
Кадуро реша аз бас буд ковок,
Фиканду сарнагун бинмуд бар хок.

* * *

Касе ки ман-манӣ карда занад дод,
Шавад чун он каду медор дар ёд.

## КАЛЗОҒ ВА БУЛБУЛ

Кайфуллоюю Шайдулло,
Ҳарду ҳам оқипадар.
Дар фиребу дар найранг,
Чун рӯбоҳи ҳиллагар.
Ҷо гашта корчаллонҳо,
Дар боргоҳи мӯътабар.
Калзоғ барин дар ҳар ҷо,
Доим мекунанд қар-қар.
Рӯзу шаб бо ман-манӣ,
Мелаққанд аз шӯру шар.
Гулбоғро карда помол,
Сӯхта чун ҳезуми тар.
Булбулро намемонанд,
Ҳатто шавад раҳгузар.
Садри бечора аммо,
Аз корашон бехабар.
Карда онҳоро оғӯш,
Мешуморад бародар.
Ки ба он чобулусон,
Дорад ҳамеша бовар.

Вале аз ҳилаашон,
Рӯзе меафтад ба ҷар.
Бо афсӯсу бо фиғон,
Муштро мезанад ба сар.

## ЛОЛАХАСАК

Лолахасак баромад,
Бар сари девор.
Ҳамчу алав дар гирифт,
Дар сари девор.
Лоф бизад ин ки ман,
Нури чароғам,
Пиру ҷавон доимо,
Ҳаст ба суроғам.
Гармии шамси мунир,
Намуда инкор.
Карда буд аз ёд дур,
Некии девор.
Шамолаке дар ин вақт,
Вазида ногоҳ.
Бурд ба бод лоларо
Ҳамчу пари коҳ.

## МАРКАБИ КОСАГУЛ

Қайд мекраданд дар ҷангал,
Зодрӯзи як хирсакро.
Таин карданд косагул,
Дар он давра пирсагро.
Аввало ӯ сухан дод,
Ба маркаби дарозгӯш.
Чунон ҳангос зад ки он,
Фил гуфто даҳонро пӯш.
Дили моро танг кардӣ,
Сарҳоро гаранг кардӣ.

## МУРҒАК

Мурғак ба мурғобӣ гуфт,
Аз ту ҳам ман устоям.
Дар об ҳам чун дар хушкӣ,
Ҳунарманди яктоям.

Сонӣ болаш кушода,
Бо ман-манӣ кард парвоз.
Вале афтод дар ҷӯйбор,
По бар лою даҳон боз.

## МАЙМУН ВА ХАРГӮШ

Маймун рӯзе аз бозор,
Харид костюму шалвор.
Вақте ки онро пӯшид,
Деги ғазабаш ҷӯшид.
Ба оина назар кард,
Гуфт афтамро дигар кард.
Ҳар кас бубинад акнун,
Ба ман мешавад мафтун.
Ногаҳ дараш тақ-тақ шуд,
Марҳамат гуфту кушуд.
Харгӯш чу ёри ҷонӣ,
Омад ба меҳмонӣ.
Диду ногаҳ ҳайрон шуд,
Гуфто дигараш набуд?!
Шалвор ниҳояти танг,
Ҳама ҷои костюм ранг.
Як пои шалвор дароз,
Дигараш гардани ғоз.
Як кисааш сарнишеб,
Як бари костюм уреб.
Тугмааш хурду калон,
Эй ҷӯраҷони нодон.

Инро бурда ба бозор,
Ба ҷояш дигараш ор.
Фурӯшандаи ҳиллагар,
То ба ту диҳад дигар.
Ҳар, ки бинад шавад шод,
Гӯяд маймун зинда бод!
Бояд, ки сару либос,
Ба худи кас бошад мос.
Ба маслиҳати харгӯш,
Маймун аввал намуд гӯш.
Пас ӯ бо шиму костюм,
Сӯи бозор бизад сум.
Ба дӯкондор марди пир,
Гуфто амак инро гир.
Рӯям кардӣ сиёҳ,
Шалвор дарозу кӯтоҳ.
Костюм пур нақшу нигор,
Ман аз ин хел мол безор.
Пуламро деҳ кор зарур,
Аз ин ҷо то шавам дур.
Фурӯшанда қоҳ-қоҳ зад,
Гавҳар ба зери коҳ зад.
Гуфто Маймуни содда,
Дил ба гумроҳӣ дода.
Бин чашм калон кушода,
Ҳозир ҳамин хел мода.
Тугмаҳояш ҷо ба ҷо,
Астараш хеле зебо.
Шалвор агарчи танг аст,
Ресмонаш аз фаранг аст.
Мондӣ қафо аз замон,
Рав ба роҳат шав равон.
Маймун гардида ҳайрон,
Аз рафтааш пушаймон.
Тозон ба хона омад,
Назди Харгӯш даромад.
Харгӯш хандид ба ин кор,
Ҳарфе назад дигар бор.

Гуфто мумкин рост бошад,
Рост бе каму кост бошад.
Маймун ангушт бо дандон
Газида, гардид ҳайрон.

Мода гуфта ҳой мардум,
Моро накунед саргун.

## МӮРЧА ВА МУШАК

Мӯрча дона мекашонд,
Сӯи хона мекашонд.
Мушак дида гуфто мӯр,
Беҳуда мезанӣ зӯр.
Мешиканад миёнат,
Намедонӣ зиёнат.
Мӯрча гуфто, як дӯстам,
Ки ӯ мағзу ман пӯстам.
Ногаҳ гаштаст бемор,
Дар роҳи ман интизор,
Азоб кашам ҳам бидон,
Ба ӯ мебарам ин дон.
Дӯстӣ гавҳари ноёб,
Меарзад ба ҳар азоб.

## МАЙМУН

Рӯзе дар як идора,
Ногаҳ Маймун сарвар шуд.
Ёвару мададгораш,
Рӯбоҳи ҳиллагар шуд.

Шербачаро намуд ӯ,
Аз вазифа сабукдӯш.
Ба ҳарфи оҳуи маст,
Ҳаргиз ӯ намедод гӯш.

Монанди мори афъӣ,
Ба тобеон мезад заҳр.
Баҳудаю беҳуда,
Ба ҳар чиз менамуд қаҳр.
Бо ман-манию ғурур,
Ҳамаро аз мансаб ронд.
Худаш бо маймунчаҳо
Дар идора танҳо монд.
Маймунчаҳоро охир,
Дар гирди худ намуд ҷамъ.
Онҳо гӯё парвона,
Худро эълон намуд шамъ.
Ҳама пас бо як мақом,
Маймунбозӣ сар карданд.
Қоҳ-қоҳ зада аз шодӣ,
Гӯши фалак кар карданд.
Ҳайгиру ҳаймонкунон,
Басе мезаданд ҷавлон.
Аз ин рафтори онҳо,
Одамон буданд ҳайрон.
Маймун, ки тушбераро,
Ҳоло мешуморад хом.
Боварӣ дорам рӯзе,
Охир меафтад ба дом.
Сарвати ҷамъ кардааш,
Меравад ба чанги бод.
Ангушти ҳайрат ба лаб,
Мезанад доду фарёд!

## МАРКАБИ ҲОФИЗ

Маркабро рӯзе дар тӯй,
Чун ҳофиз карда даъват.
Гуфтанд овозаш форам,
Чунки аз аҳли санъат.

Маркаб торро гирифта,
Нохун заду ар-ар кард.
Гӯши аҳли сӯҳбатро
Бо ҳангаси худ кар кард.

Тамом карда сурудаш,
Чашм дӯхт ба пешу пас.
Валекин аз ҳозирон,
Набуд дар тӯй ягон кас.

Танҳо як қӯчқори пир,
Менишаст бо гӯши кар.
Мегуфт, ки қоил кардӣ,
Маркабчаи нағмагар.

Пулҳои ҷамъшударо,
Ба кисаат хаста мон.
Ба оғилат бурда пас,
Бӯғча карда баста мон.

Ҳозир буҷулат олчӣ,
Кордат болон равған.
Корро мекунӣ иҷро,
Ту бо ҳавои даҳан.

Рафту ба пеши поят,
Ягон касе ғав шавад.
Ба ҷоят дар тӯй ҳофиз,
Гӯсолаю гав шавад.

Корат мешавад чатоқ,
Аз тӯй мешавӣ маҳрум.
Оби рӯят оби ҷӯ,
Мешаваду калла хум.

Гар ба даргоҳи санъат,
Маркабмиҷоз ёбад роҳ.
Гову гӯсолаҳо ҳам,
Дароянд ба ин даргоҳ.

Санъат ҳам мешавад хор,
Аз дасти санъатфурӯш.
Суруди бемаззаро
Касе намекунад гӯш.

То ки даргоҳи санъат,
Пок бошад чу чашмасор.
Пиру ҷавон, марду зан,
Бояд диҳем эътибор!

## МУШАКИ АЙЁР

Мудир гурбае овард,
Ба анбор.
Гуфто гандумро аз муш,
Нигаҳ дор.

Гурба аз баҳри хизмат,
Камар баст.
Хуб гуфту ба синааш
Бибурд даст.

Мушак гурбаро дида,
Шуд пинҳон.
Наметавонист гандум,
Барад он.

Гурба аз ин хизматаш,
Буд масрур.
Гуфто мудир мегӯяд,
Ташаккур.

Вале Барбос ном саги
Баймоқпой.
Ногоҳ роҳ ёфт ба анбор
Аз сарой.

Гурбаро диду гуфто,
Нохалаф.
Тез анборро холӣ кун,
Бишав дафъ.

Чаро таъзим накардӣ,
Бароям.
Аз ҷои худ нахестӣ,
Дароям.

Пӯстатро ман меканам,
Медонӣ.
Чун мош чашмро карда танг,
Мемонӣ.

Мушак дар вақти ҷанҷол,
Баромад.
Ба ҷуволи гандумдор
Даромад.

Гандумро мекашонид,
Беибо.
Ба хонаи худ бурда,
Мекард ҷо.

Саг гурбаро аз ғазаб,
Вале ронд.
Ба ҷои он дар анбор,
Худаш монд.

Мушро бинад мегардид,
Саг ҳайрон.
Чор сӯи анбор мегашт
Дав-давон.

Аз саг мушаки айёр,
Натарсид.
Гир-гирди саг давида
Мерақсид.

Саг ман кори гурбаро
Медонам.
Муш барояд бо тезӣ
Меронам.

Гуфту аммо анборро,
Дод барбод.
Мудир дид, ки гандум нест,
Кард фарёд.

Ҳар кас коре кунад, ки
Тавонад.
Бояд ба он аз хурдӣ,
Меҳр монад.

Касе шавад булҳавас,
Ин хато,
Мегардад байни мардум,
Зуд расво!

## МАРКАБ

Шоҳи ҷангал шери маст,
Рӯзе ҷамъомад орост.
Аз ҳамаи ҳайвонҳо,
Доношро фаҳмидан хост.
Филу рӯбоҳу маймун,
Гӯш ба қимор нишастанд.
Маркабу хирсу паланг,
Ба шер ду дида бастанд.
Ҷамъомадро кушода,
Шер ба онҳо савол дод.
Кадом ҳайвон дар дунё,
Боқуввати модарзод.
Аз ҳайвонҳо ягонтош,
Лаб накушод бар ҷавоб.
Гӯё гирифта буданд,
Ҳар яке дар даҳон об.
Вале якбора маркаб,
Ар-ар карда гап сар кард.
Аз ҳама зӯр ман гӯён,
Гӯши ҳамаро кар кард.
Илова кард аз нав шер,
Кадом ҳайвон дар дунё,
Хушрӯю хушфазилат,
Хушқомат асту зебо.
Худро ба нодонӣ зад,
Филу рӯбоҳи маккор.
Маймун бар паланг гуфто,
Забонатро нигоҳ дор.

Маркаб вале якбора,
Гуфт аз ҳама ман хушрӯ.
Ду гӯшам ду антенна,
Телевизор маро рӯ.

Аз ҷамъомад хулоса,
Бароварда пурсид шер,
Кӣ аз ҳама ахмоқ аст,
Гӯедам нокарда дер.

Бо ғуруру ман-манӣ,
Маркаб аз нав бизад дод.
Ман ахмоқ гуфт, ахмоқӣ
Ёдгорӣ аст аз авлод.

Аз ин рӯ ҳам маркабро,
Ҳама мегӯянд ахмоқ.
Боз хостам васфаш гӯям,
Ранги ручкам бишуд қоқ.

## НИҲОЛЧАҲОИ НАВБАР

Ниҳолчаҳои навбар,
Як рӯз дар сари қаҳр.
Рафта ба назди ар-ар,
Гуфтанд, ки арз дорем.

Ҳар субҳидам ба беша,
Боғбон ба даст теша.
Теша занад ба реша,
Ё ин ки қарз дорем.

Ар-ар гуфто худатон,
Соддамиҷоз будитон,
Аввал даста шудитон,
Акнун чӣ зарур ғавғо?!

## ОҲУ ВА ГУРГ

Аз қуллаи кӯҳ,
Оҳу бо виқор.
Дида гурги бӯр,
Гуфто ту хунхор.
Ба тухми чорво,
Қирон меорӣ.
Ҳатто ба мардум,
Раҳме надорӣ.
Ба ин лофу қоф,
Ханда карда гург,
Гуфто чигуна,
Гардидӣ бузург.
Гар набошад кӯҳ,
Корат буд тамом.
Мешудӣ бар ман,
Як луқмаи хом.

## ОСИЁБ

Бо ман-манӣ осиёб,
Рӯзе чунин кард хитоб:
Медонед-мӣ ҷӯи об,
Аз ман биёфт обутоб.
Дами ман чун нӯги корд,
Гандумро мекунам орд.

Аз хизмати об аммо,
Ҳаргиз надорад парво.

## ПО ВА ШИКАМ

По ба шикам бизад лоф,
Бовиқор.
Доим ту чун қаҷова,
Ба ман бор.

Шикам гуфт бар ту қувват
Аз куҷо?!
Забон газида гап зан,
Беибо!

* * *

Аз як каф ҳаргиз қарсак
Наояд.
Дӯстӣ гиреҳи ҳар кор,
Кушояд.

## РӮБОҲ ВА ХАРГӮШ

Рӯбоҳаки айёраке,
Айёраку маккораке.
Рӯзе баромад бар шикор,
Бинмуд шикори ӯ барор,
Харгӯшакеро ром кард,
Бо ҳилла андар дом кард.
Оварду онро дар қафас,
Ҷо карду гуфт ман додрас.
Он чи бихоҳӣ медиҳам,
Сабзӣ ва ҳам барги карам.
Ҳар гаҳ шавӣ фарбеҳ агар,
Танро ҷудо созам зи сар.
Баъд дар ҷиғилдон мезанам,
Хурсанду хандон мезанам.
Гӯён яке гулханда кард,
Худро ба шодӣ банда кард.
Аммо накарда руст қафас,
Баҳри саёҳат кард ҳавас.
Бикшода пас харгӯш дар,
Шуд аз қафас фавран бадар.
Рӯбоҳ бо дарду алам,
Инро бидиду хӯрд ғам.

Гуфто чӣ ҷои моҷаро,
Худ бар қафас гардам ҷо.
Харгӯш бигашта бохабар,
Омаду маҳкам кард дар.
Бар дарди бад гуфто даво,
Ин кори мо, ин кори мо.
Қоҳ-қоҳ заду пас ханда кард,
Рӯбоҳчаро шарманда кард.
Гуфто ҳар он ки чаҳ канад
Бар чоҳи худ рӯзе фитад.

## РӮБОҲИ СОҲИБМАНСАБ

Рӯбоҳ ба дӯкон шуд мудир,
Дӯконро бинмуд ҷазир.
Бардошта онро рӯи даст,
Гуфтанд калиди баз бигир.
Хуб гуфту ӯ бинмуд дуо,
Дар ҳаққи почояш вазир.

## РӮБОҲ ВА ШЕР

Рӯбаҳе аз ҷангали шерон гурехт,
То ки найрангаш нагардад ошкор.
Карда пинҳон ӯ гуноҳи хешро,
Ғоза бар рӯ карду бар мӯ рангубор.

Мебарояд ӯ кунун ҳар субҳу шом,
Бар «Ҷаҳоноро» ки то бидҳад сабақ.
Мезанад ҳарфи дурӯғи бефурӯғ,
Аз Худову аз Расулу аз малак.

Одамони сустмағзи бадниҳод,
Гӯшро бар ҳарфи ӯ най мекунанд.
Оқилу доно будасту бохирад,
Гуфта аз хурсандӣ бай-бай мекунанд.

Лек мардони хирадманди замон,
Мебаранд ангушти ҳайратро ба лаб.
Мекунанд нафрин ба он виҷдонфурӯш,
Пӯш даҳонатро бигуфта бо ғазаб.

Як сари мӯе надода эътибор,
Мешуморад хешро ӯ шери нар.
Мешиносам ман, ки он рӯбоҳи шум,
Доимо аз ӯ ҳамесозам ҳазар!

## СӮЗАН ВА РЕСМОН

Сӯзан ба ресмон,
Гуфто ҷӯраҷон.
Набошам агар,
Мешудӣ музтар.
Будӣ нодаркор,
Халқ аз ту безор.
Хандида ресмон,
Гуфто бедаҳон.
Аввал ту бе ман,
Якта қатим зан.
Либос дӯз канӣ,
Баъд кун ман-манӣ.

## СУДИИ ГӮСФАНД

Муфаттиш гашт рӯбаҳ, суд гӯсфанд,
Гунаҳкор гову чор по гашта дар банд.
Ҳамин ҳурд мурғро гап зад рӯбоҳ,
Ба чашми хеш дидам як саҳаргоҳ.
Ба ӯ бояд ҷазои сахт дода,
Намоем ҳабс, пояш нокушода.
Бишуд ҳайрону гов гуфто хато аст,
Ки дар ҳаққам чунин ҳукм нораво аст.
Ба гӯшт ҳаргиз надорам ман сару кор,
Зи сайру гашти ман чӯпон хабардор.

Агар бовар надоред рафта аз он,
Бипурсед, то нагардедаш пушаймон.
Вале гӯсфанд ба ин нанмуда парво,
Амал бинмуд зи рӯи гуфти рӯбоҳ.
Ба ҳар ҷое ки гӯсфанд гашт сардор,
Равад қайла зи мазза, мазза аз кор.

## САГУ ГУРБА

Сагу гурбача рӯзе,
Карда ҷанг.
Ба рӯҳои ҳамдигар,
Заданд чанг.
Думи гурбачаро саг,
Канда кард.
Гурба сагро кӯр карда,
Ханда кард.
Дӯстии ду ҷӯраҳо,
Вайрон шуд.
Саг аз карда пушаймон,
Гирён шуд.
Гурбача ҳам бо алам.
Сарсон шуд.
Намедонист чи кунад,
Ҳайрон буд.
Ҳар кас агар ба дӯстӣ,
Содиқ нест.
Ҳаргиз ба ҳарфи хуш ӯ,
Лоиқ нест.

## САНГИ ШАШПАР ВА ОИНА

Санги дар раҳ фитодаи шашпар,
Акси худро ба оина дидан хост.
Таърифу тавсифи зиёдеро
Дар ҳаққи худ ба гӯш шунидан хост.

Дида аммо афти худро кач,
Оташин гашта аз ғазаб ҷӯшид.
Зада оинаро намуд пора,
Ҷомаи ҷаҳлро сарнагун пӯшид.

Оре, ҳақ гуфтан дар ҳаёт баъзан,
Мекунад калларо ҷудо аз тан.

## СТАКАН

Стакан як рӯз дар дӯкони вино лоф зад,
Лоф бо кибру ғурур аз пушти кӯҳи Қоф зад.
Ман зи баҳру наҳр ҳам бовар кунед ёрон бузург,
Оре, оре, рост гуфт ин ҳарф аз инсоф зад.

Чунки дар он гаштаанд ғарқ одамон бисёртар,
Лек аз баҳри азим бар одамон камтар зарар.

## СОЯ ВА ОФТОБ

Соя рӯзе лоф зад,
Лоф зи кӯҳи Қоф зад.
Гуфто, ки ман ба инсон,
Дорам нафъи фаровон
Одамон шоду хуррам,
Нишаста мегиранд дам.
Табъашон мешавад шод,
Аз ғуссаву ғам озод.
Бо неруи зиёда,
Рӯ ба саҳро ниҳода.
Сермаҳсул мекунанд кор,
Корҳояшон бо барор.
Дар ҳамин вақт офтобак,
Оҳиста кард хитобак.
Гуфто дониста гап зан,
Ҳурматат аз паси ман.

## СИМОБ

Симобро як аҷоиб хислате ҳаст,
Ҳамеша касбу кораш беқарорӣ.
Агар онро гирӣ ногаҳ ба дастат,
Наистода ҳамегардад ҷорӣ.

* * *

Бале, дар ваъда баъзеҳо симобанд,
Зи иҷрояш вале доим қимобанд.

## ТӮТӢ ВА ШОИР

Дар хонаи як шоир,
Ҳар шому саҳар.
Тӯтӣ бо чунин мазмун,
Мекунад қар-қар:
Кай мегирад соҳибам,
Охир, гонорар?!
Донро то кунад сероб,
Гӯш накарда кар.

## ТӮТӢ

Тӯтӣ ҳарфи ҳар касро,
Мекард такрор.
Маймун аз ин сирри вай,
Гардид хабардор.

Гапи дигаронро гуфт:
Чаро инқадар,
Такрор мекунӣ охир,
Ҳар шому саҳар?!

Хандида дар ҷавобаш,
Тӯтӣ лаб кушод.
Ҳарфи тозаро гуфто,
Касе ёд надод.

Такрори фикри мардум,
Аз ин рӯ фақат.
Барои ман аз хурдӣ,
Гаштааст одат.

## ФОТИМАЧУМЧУҚ ВА ТӮТӢ

Фотимачумчуқ рӯзе,
Ба тӯтӣ гуфто:
– Як чиз бароям ҷӯра,
То ҳол муаммо.

Думи товус ин қадар,
Хушрӯю зебо?!
Вале ин қадар бенур,
Варо ҳарду по?!

Тӯтӣ андар ҷавобаш,
Гуфто намо гӯш.
Зеб дода думро, поро
Кардаст фаромӯш.

## ХУРӮС ВА БОЗ

Хурӯсе дида монд парвози бозе,
Бигуфто меравам ман аз паси он,
Варо аз қудратам месозам ҳайрон.

Намуда даҳрро ҳамроҳи ӯ сайр,
Ба мурғони дигар ман роз гӯям,
Худамро ҷӯра ман бо боз гӯям.

Ба ин андеша болашро кушода,
Намуд вай аз замин парвоз ногоҳ,
Валекин хаста шуд дар нимаи роҳ.

## ҲИРСИ ШУЛЛУК

Шуллуке хост аз бозор,
Харад як туфлии гулдор.
Бигуфт море, ки поят нест,
Ба ту туфлӣ чаро даркор?
Шуллук бикшод даҳони худ,
Бизад ҳарф аз ниҳони худ.
Надорад моли дунё гуфт,
Зарар, эй пӯш даҳони худ.

## ХУРӮС ВА МУРҒИ ЧИПОР

Хурӯс мурғи чипорро,
Нағз дида монд якбора.
Гуфто ишқи поки ту,
Дилро кард пора-пора.

Вале нағз дида буд ӯ,
Курку марҷонро пештар.
Мурғи чипор сейӯм буд,
Бинамоед бовар.

Ба онҳо ҳам ошиқ буд,
Дӯстдорам гуфта аз ҷон.
Вале бо чӯҷаҳошон,
Партофта шуд гурезон.

Нозанини дигарро,
Кӯча ба кӯча мекофт.
Ошиқи беқарор шуд,
Вақте ки чипорро ёфт.

## ХАРГӮШ ВА КОСАДУМ

Чаро гардидаӣ ғамгину сархам,
Ду гӯш афтодаву ду чашм пурнам.
Бипурсид косадум рӯзе зи харгӯш.

Бигуфт харгӯш шери пуртакаббур,
Маро кард аз мудири фермагӣ дур,
Намуда адлу инсофро фаромӯш.

Гуноҳат? Косадум бинмуд такрор,
Гуноҳам гӯиё бар шер-сардор,
Нигаҳ бинмудаам бо чашми нимпӯш.

## ХУРӮС ВА МОКИЁН

Хурӯс бо мокиён рӯзе намуд ҷанг,
Бизад он мокиён ҳам сӯи ӯ чанг,
Бигардид ҳолашон танг.
Ситода чӯҷаҳо аз ҳар канора,
Ҳамекарданд онҳоро назора.
Вале дар рӯзи дигар чӯҷаҳо низ,
Бигардиданд бо ҳам ногаҳон тез,
Ба по шуд шӯру ғавғо беканора.

## ҶАЗОИ ЧӮҶА

Ман мезанам ҷеғ,
Ҳар субҳгоҳон.
То ки барояд,
Хуршеди тобон.
Гуфта ҳамеша,
Чӯҷа ба ҳар ҷо.
Лофу қоф мезад,
Даҳон карда во.
Соҳиби чӯҷа,
Сер шуда аз ҷон.
Оқибат монд корд,
Ба гардани он.
Шӯрбочае пухт,
Аз гӯшти ширин.
Ҷазои лаққӣ,
Гуфто, ки ҳамин.

## ҶӮҶАИ МОДАРБЕЗОР

Ҷӯҷаро модараш,
Ба зери болу параш,
Гирифта мекард калон.

Фасли зимистон гузашт,
Ва барфу борон гузашт,
Ҷӯҷача шуд дав-давон.

Калон шуду мустақил,
Як гирифт ҷои дил,
Кушуд ба модар забон:

Хирасари бебасар,
Рав ту зи пеши назар,
Нест шав аз хонадон!

## ҶОМАДОН

Як марди сайёҳ,
Ҳамеша дар роҳ.
Ҷомадонашро
Мегирифт ҳамроҳ.

Гоҳе дар Теҳрон,
Дар Афғонистон.
Гоҳе дар Париж,
Мегашт меҳмон.

Вале ҷомадон,
Чи хел, ки буд монд.

## ШОИР ВА ҚОҒАЗ

Ба шоир гуфт қоғаз, эй ситамгар,
Ту бас бешафқату бераҳм будӣ.
Ба рӯи бехату холлам саросар,
Навиштӣ шеъру рангинам намудӣ.

Забон бикшод шоир дар ҷавобаш,
Ту худ бефикру беандеша, – гуфто.
Фузун шуд аз навиштам қимати ту,
Ҳамеша ҷовидон мондӣ ба дунё!

## ШАРОРА

Пора шарора рӯзе,
Рафту бар ҳезум нишаст.
Ҳезум аз ин гашт беғам,
Гуфт хурду ночиз аст.

Баъди чанде лек ҳезум,
Чун хасу хор даргирифт.
Соҳиби он гашт ҳайрон,
Мушти хокистар гирифт.

Аз хатои андак ҳам кун эҳтиёт,
То ки хокистар нагардӣ дар ҳаёт.

## ШАКАР ВА НАМАК

Шакар зад бар намак лоф,
Гуфто, ки ту беинсоф.
Маро намудаӣ хор,
Куҷо бошад ту тайёр,
Шарму ҳаё надорӣ.
Намак хандида гуфто:
Беандеша, беҳаё,
Ҳар кас аз рӯи ҳиммат,
Лоиқ ба қадру қимат.

## РӮБОҲ ВА ХУРӮС

Рӯбаҳе рӯзе бигуфто бар хурӯс,
Аз лабам бо нӯли тезат як бӯс.
То ба ҷони хастаам дармон шавад,
Дида инро кабки рав ҳайрон шавад.

Чунки пиру хастаҷону нотавон,
Гашта, маҳрумам ман аз пои равон.
Ҳар ду чашмонам бубин, ки хира аст,
Рӯзи равшан ҳамчу шоми тира аст.

Баски ҳаст овози ту бар ман шинос,
З-ин сабаб аз ту намудам илтимос.
Шод шуд аз ин хурӯсу парзанон,
Назди рӯбаҳ рафт диҳад ҷуръат нишон.

Дошта рӯбаҳ кард сараш аз тан ҷудо,
Гуфт, ки гӯшташ ҳаст бар дардам даво.

* * *

Бар фиреби душмани маккор ҳеҷ,
То тавонӣ, ҷони ширин, сар мапеч.

## ГУРБА ВА ГУНҶИШКАК

Рӯзе як гурбаи ланг,
Бо фиребу бо найранг.
Бечора гунҷишкакро
Ногоҳ даровард ба чанг.
Гуфто ҷоят аз ин пас,
Бувад даруни қафас.
Ба ту барои хӯрдан,
Намедиҳам ҳатто хас.
Аммо гурбаи нодон,
Қулф накарда дари он.
Худ ба шикори нав рафт,
Ба деҳаи Сангистон.
Гунҷишкак шоду хандон,
Гуфто корам шуд калон.
Баромада аз қафас,
Паси санге шуд пинҳон.

Гурба бо чашмони чор,
Биомада аз шикор.
Гунҷишкакро надида,
Бихӯрд ғуссаи бисёр.

Ба ҳар тараф даввон шуд,
Гунҷишкакро ҷӯён шуд.
Аз хатои кардааш,
Бисёрҳо пушаймон шуд.

Баски гашта буд хаста,
Кунҷи қафас нишаста.
Гунҷишкакро мепоид,
Чашмаш ба роҳаш баста.

Гунҷишкак гашта тозон,
Пӯшида сахт дари он.
Қулфашро маҳкам карда,
Аз он ҷо шуд гурезон.

Гуфто гурбаи маккор,
Фиребгари бадкирдор.
Акнун ҷазоятро бин,
Туӣ ба ин сазовор!

## РӮБОҲ ВА ГУРГ

Рӯбаҳ хурӯсро,
Мебурд дуздида.
Гургро рӯ ба рӯ,
Ҳайрон шуд дида.

Гург бо ғазаб гуфт
Рӯбаҳи маккор.
Аз куҷо инро,
Намудӣ шикор?!

Ҳозир медиҳам,
Ба ту ман ҷазо.
Пӯстат мешавад,
Аз гӯштат ҷудо.

Рӯбаҳ тарсида,
Гуфто гург ако.
Инро мебурдам,
Ба Шумо савғо.

Аз гапи рӯбоҳ,
Гург гардида шод.
Гуфто, ки рӯбаҳ,
Доим зинда бод!

## МАРКАБИ МАҒРУР

Як маркабе буд,
Мағруру худсар.
Мехонд сурудҳо,
Ҳар шому саҳар.

Рӯзе дар беша,
Як шери жаён.
Орост базме,
Байни ваҳушон.

Гуфто кӣ бошад,
Аз ҳама зебо?!
Ман гуфта мркаб,
Даҳон намуд во.

Савол дод аз нав,
Кӣ аз ҳама зӯр?
Ман гуфта дод за,
Маркаб бо ғурур.

Дар охири базм,
Шоҳи бешазор.
Саволи худро,
Аз нав кард такрор.

Кӣ дар байнатон,
Аз ҳама аблаҳ?
Фарқе насозад,
Донаро аз каҳ?!

Ман гуфт дар ҷавоб,
Маркаби нодон.
Аз ин ҷавобаш
Шер гардид ҳайрон.

Ҳайвонҳо бо завқ,
Қоҳ-қоҳ хандиданд.
Аз назди маркаб,
Ҳар сӯ давиданд.

Овози маркаб,
Якбора шуд гум.
Чун посӯхта мурғ,
Ҳар сӯ мезад сумм.

Аз овози ӯ,
Танҳо монд ар-ар.
Гӯшро аз ин рӯ,
Ӯ мекунад кар.

Хулоса аз ин,
Ҳар ки барорад.
Тухми таҳаммул,
Дар сина корад.

# СИМХОР

## ҚАЛАМ

Қаламе аз тозагӣ,
Доим ҳарҷо мезад лоф.
Лекин сияҳ карда монд,
Ӯ қоғази ҳамчу барф.

## ҚОЗ ВА ҒОЗ

Бар китоби қоз ғоз тақриз навишт,
Бар муҳаррир бурду дод.
Гуфт бе ҳеҷ тарсу ваҳм чопаш кунед,
Дастхатамро хонда Қоз имзо ниҳод.

## ПО ВА МӮЗА

Пои шахсе дард мекард баски буд вай дарди по,
Лек аз попӯши худ мекард шикоят ҳар куҷо.
Мӯзаам бисёр танг,
Чармҳояш мисли санг.

## МАҲФИЛЕ ОРОСТАМ

Зоғ гуфто, ин ки дар бӯстонсаро,
Маҳфиле оростам.
Булбулонро кардамаш танқид расо.
Табъашонро костам.

## ПАНҶАИ МУРҒОБӢ

Агар мурғобӣ аз обе барояд,
Ба чашми одамон хушк менамояд.
Вале рӯи заминро панҷаи он
Намояд доғдор дар чашми инсон.

## МУШИ ПАРРОН

Бубинад офтоби оламоро муши паррон,
Назар бинмуда натвонад, шавад бар торикӣ пинҳон.

## ПОЛОНИ ХАР

Бикшод даҳон полони хар,
Гуфт ман ба назди хар бақадр.
Доим ҳамегардам савор,
Ҳар гаҳ равад ӯ бар сафар.

## ТАНҚИДИ НОҲАҚ

Сангпуште баққаро танқид кард,
Роҳат ҳамвору ту аммо сустгард.

## КИРМИ ШАБТОБ

Кирми шабтоб лоф зад бар моҳтоб,
Аз ту ман равшантару ту хиратоб.

## ЛАКЛАК

Намуд Лаклак ба Уштурмурғ ҳикоят,
Ки ман пои дарозро бад мебинам.

## АККА

Акка собун хӯрда рӯзе ногаҳон,
Гуфт аҷаб бемаззаю фаҷ дӯстон.

* * *

Хайр, мухлисони ханда,
То дидори оянда.
Аз лабатон табассум,
Асло ин нагардад гум.
Доим бошед саломат,
Коратон кунад омад!

# МУНДАРИҶА

## ШУМГИЁҲ (Шеърҳо)

Ало, ало мегӯяд.................. 4
Тӯйи кори калон шуд ........ 5
Нафрат мекунад................. 6
Сардори беинсоф............... 6
Мӯйсафеди бедандон ........ 8
Ба наҳанги ҷамъият........... 8
Танҳо лаънат мехонад....... 9
Дар ғафлат намон............ 10
Даъвои мансаб мекунад.. 10
Синаи ман реш шуд......... 11
Санги таҳи дандон Қамар12
Эй нашъаманду эй нашъаҷаллоб ............... 13
Аз карда пушаймон шуд. 14
Ҳасрати булҳавас............ 14
Яллала доранд................. 15
Ба саррофони гавҳарношинос................ 16
Дар ошхона ..................... 17
Вой ба ҳолат ................... 17
Келин............................... 18
Кашфиёти тоза................ 19
Интизори мизоҷон........... 19
Классики қишлоқӣ .......... 20
Хиёнаткори виҷдон......... 22
Эҷод мекунам асар .......... 22
Майхора шудам............... 22
Номи ман ҳангихӯҷа ....... 23
Арзи моро гӯш кун .......... 24
Айнам шуд, ки ту дурӯя будӣ ................................ 24
Аз ҳақиқат чашм пӯшид . 25
Аввало инсон бишав........ 26
Арзи чорпо ба мудир....... 26
Ба забонбурида ................ 27
Булҳавасҳо ....................... 27
Ба як адабиётшинос......... 28
Беор мебинам туро.......... 28
Ба ҳаҷвнавис .................... 29
Бозӣ-бозӣ ......................... 29
Бузургтарош .................... 29
Ба носипос........................ 30
Ба шоиртарош.................. 30
Боди раҳгузар ҳастӣ......... 30
Ба назди ҷӯраҳо ҳурмат нигаҳ дор.......................... 31
Ба шеърбоф...................... 31
Ба шӯҳратпараст ............. 32
Ба адибтарош ................... 32
Ба мансабпараст.............. 33
Бифаҳмонад муаллиф...... 33
Ба бадбунёд...................... 34
Ба ҷавфурӯшони гандумнамо...................... 34
Ба мунақид....................... 34
Бенамак ........................... 35
Ба нохалаф....................... 35
Бадеҳаи зану шавҳар........ 35
Гирифта арзаҳоро пора мекард.............................. 36
Гули даст ба дастӣ........... 36
Гурбаро нагӯед пишт....... 37
Гуфто, ки хом................... 38
Ғайбатхола....................... 38
Дипломам......................... 40
Дар як идора.................... 41
Душман ӯ......................... 41

Дарди кампир .................. 41
Ду нимта гир илтимос ..... 42
Дар ғам гузорам ............... 42
Дар як меҳмонхона .......... 42
Дидед? На! ........................ 43
Далели шайъ .................... 43
Дар боғ аз худ монанд доғ43
Дӯстони ман аҷоиб .......... 45
Иззат кун .......................... 46
Ин чӣ сирру асрор аст? .... 47
Илҳоми шоиртарош ........ 47
Қалбаш чу санги хора ..... 48
Қадаҳе нӯш кунам ............ 48
Клуби беғамхор ................ 49
Қиссаи попӯш ................... 49
Китоби қимат ................... 50
Кай ба кино мебаред? ...... 50
Кош ин хел шеър сӯзад .... 51
Кайфуллои Шайдуллохӯҷа51
Кошки ёрон ба бедорӣ
бубинам хоби худ ............ 52
Коргурезу танбали
собиқ шудӣ ....................... 53
Кистонҳо .......................... 53
Лӯхтаки сурнайчӣ ............ 55
Лектор .............................. 55
Лаққиён сафсатта
мегӯянд аҷаб .................... 56
Монанди кирми пила
ба худ мезанӣ ту печ ......... 57
Маймуни найрангбоз ...... 57
Манбаи илҳом ................. 58
Майдонғарибихонашер . 59
Моири шеъртарош .......... 60
Муҳаррири бузбоз ........... 60
Мактуби кушод ба
дӯсти шоиртарошам ........ 61
Маслиҳати духтур ............ 61
Мансабпараст .................. 62
Майро бинад нахандад .... 62
Мулзамии мунаққид ........ 64
Мушак .............................. 64
Морбоз ............................. 64
Меҳмон ............................ 65
Майпарасти беор ............. 65
Мору каҷдум меборад ..... 66
Мӯлҷар ............................. 67
Майнаи ман адо шуд ....... 68
Меҳнатқарин шаву нанӯш68
Меҳнат мекунем моён ...... 69
Матои аз бозор монда ..... 70
Марди қаллобу
зани ҷаллоб ...................... 71
Ман рӯ ба майдон
мекунам ............................ 73
Ноодаму айёрам ............... 73
Нохалаф ............................ 74
Ниқоби дӯстӣ .................... 74
Номаш арақ ..................... 75
Нозири роҳ ва ронанда .... 75
Офтоби бахти Гулхумори
ман тофт ........................... 76
Охир пушаймон мешавӣ .. 77
Оқибати фитнагар ........... 77
Ошиқи ҷоми гулгун ......... 78
Ошиқи булҳавас .............. 79
Оқибати муфтхӯр ............ 79
Пулпараст ......................... 80
Пушаймонӣ ...................... 81
Пагоҳ наздам биёед .......... 81
Пушти сарат мехорӣ ........ 82
Посбон .............................. 83
Падар ва писар ................ 83
Ба кӣ кунам шикоят? ........ 84
Рӯи оина гард аст ............ 85
Радди мардум .................... 86
Салими садкора шудӣ ...... 86
Суруди ҳофизи дайду ....... 87

Санги таҳи дандон .......... 87
Сар хорид .......................... 88
Саги баднафс .................... 89
Садри ман бар дом меафтад ............................ 89
Сӯхтем аз ташнагӣ бо ҳалқи қоқ .......................... 90
Сарсон гардад .................. 91
Санги валқайроқ .............. 91
Сӯхбати хоса ................... 92
Суханчин .......................... 92
Суруди самбӯсафурӯш .... 93
Телефони мо дарди сар аст ............................... 93
Тақдири як ариза ............. 93
Тамошобини шилқин ...... 94
Танбалиро дур кун! ......... 95
Телефонии мо вайрон фақат ................................ 95
Туро ман нохалаф гӯям ... 96
Тӯб .................................... 97
То ки нарӯяд хори айб .... 98
Тамбалӣ касбу корам ...... 99
Устоди шайтон .............. 100
Ука ................................ 101
Фиребгари айёрам ......... 101
Фисфисаки мавизкӯбак . 102
Фитнагар ....................... 102
Фиребхалтаи Булҳавасхӯча 103
Фол ................................ 104
Фидои садтагӣ ............... 104
Хори гулзор ................... 105
Ҳайрон карду рафт ........ 105
Хандида мондам ............ 106
Ҳушёр шуда мекобам .... 106
Ҳасрати майзада ............ 107
Ҳарфи номавзун задӣ .... 107
Хасиси хирасар ............. 107
ҳофизи виҷдонфурӯш .... 108
Хушдоманам, хушдоманам ................... 108
Хандаи дандоннамо ....... 109
Ҳунарвари беҳунар ........ 110
Хирмани бедонаам ........ 110
Ҳасрати ҳамшаҳрчӣ ....... 111
Сафо хиррӣ .................... 111
Ҳақиқатро вале бегона ҳастӣ ............................... 112
Хиёнаткори таърих ........ 113
Ҳазар кун ....................... 114
Чити яхак мезанӣ ........... 115
Ҷӯраи забонӣ ................. 115
Ҷавоби мудир ................ 115
Чу тори анкабудон шеър мебофӣ ................... 116
Ҷому пиёла бошад ......... 117
Ҷавони боғурур ............. 117
Чун магас пар мезанад дар рӯи ош ...................... 118
Ҷавони олим .................. 118
Ҷавоби директории театр 119
Шоҳ ва Афандӣ ............. 119
Ҷавоби мансабпараст .... 120
Ҷавоби танбал ............... 120
Шофер ако ..................... 121
Шоири овозадор ............ 121
Шайдо манам ................ 122
Шамъи бефурӯғ ............. 122
Шоир биё, бар забон ..... 123
Шери нар ....................... 123
Шоир даврон ................. 124
Шоири бедарду бедил ... 124
Шеърҳои нотамом ......... 125
Эътиборам меравад ....... 126
Як лағмони кал дардор . 126
Эй арақ .......................... 126
Нашавед фаромӯшхотир 127
Қалби маро шикастӣ ..... 128

Мулло ва Мушфиқӣ ...... 129
Мушфиқӣ ва Сӯфӣ ......... 130
Бой ва Мушфиқӣ ........... 130
Махсумча ва Мушфиқӣ. 132
Донотарош домулло...... 132
Порахӯр ва Азроил ........ 133

**ЗАҲРПЕЧАК**
**(Эпиграммаҳо)**

Таклифи духтур.............. 138
Нони ҳалоле бихӯр ........ 138
Ихтирои илмӣ................ 138
Ҷавоби танпарвар.......... 138
Ба носкаш....................... 139
Маслиҳати муҳаррир..... 139
«Кӯчабоғ»-и бодапараст 139
Сияҳдил .......................... 140
Табрик ............................ 140
Кайф ............................... 140
Ғафлати дарвозабон ...... 140
Китоби бебаҳо ............... 141
Суруди носфурӯш .......... 141
Суруди Мастуллохӯча... 141
Вориси ҳорис ................. 142
Дуздро доред ................. 142
Хӯшаи бебор .................. 142
Дар як ошхона ................ 142
Булҳавас ......................... 143
«Устод»-и забардаст ...... 143
Ман-маниҳо мекунӣ ...... 143
Ба нокас.......................... 143
«Китобдӯст».................. 143
Писари бухгалтер.......... 143
Ба шоиртарош ............... 144
Дузабона ........................ 144
Гули хандон ................... 144
Баъзеҳо .......................... 144
Хона нав – одат кӯҳна.... 144
Алавмон.......................... 145
Тунду тез аст .................. 145
Хори гулбоғ .................... 145
Бе фазлу фарҳанг ........... 145
Дӯсти сохта .................... 145
Обрӯ гум мекунад.......... 145
Шабнам мефурӯшӣ ........ 146
Манфиатпараст ............. 146
Ҳофизи ношуд ............... 146
Ба мудири кулуб ............ 146
Майзада .......................... 146
Ба худхӯрам.................... 147
Ба мансабпараст ............ 147
Ба ҳарис .......................... 147
Ба пулпараст .................. 147
Хушомадхӯча................. 147
Меҳмони иззатталаб ...... 147
Олимтарош .................... 148
Шӯхратпараст................ 148
Дилат аз ях бувад .......... 148
Чизеро намедонад .......... 148
Чити фаранг аст............. 148
Сӯҳбати хоса .................. 149
Китобат дар даст ........... 149
Мардаки лаққинамо ...... 149
Камоли ҳамнишин ......... 149
Бовар.............................. 150
Ба масти мекашад.......... 150
Лайлӣ ва Маҷнун .......... 150
Дил додам ба ҷоми май . 150
Даво шуд ....................... 150
Кисаро мекунад пур ....... 150
Гузар дорӣ...................... 151
Гирё наст ....................... 151
Исрофкор ....................... 151
Касофати арақ ............... 151
Кисабур ......................... 151
Чашмам дар пул ............ 152

Қайчи кардӣ .................. 152
Бешараф......................... 152
Дар бозор....................... 152
Сарбор аст ..................... 152
Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад..... 152
Шӯрбояш чун гӯлунгоб 153
Пулро чу оби ҷӯй кард.. 153
Вазифаи хонагӣ............. 153
Беамал ............................ 153
Сертараддуд .................. 153
Шӯру мағал .................... 154
Бе пул тасаддуқ ............. 154
Ба бешафқат .................. 154
Ба нохалаф..................... 154
Шӯҳратпараст ............... 154
Ба бехирад ..................... 154
Ба булҳавас.................... 155
Ба шоиртарон................ 155
Ба шоири шеърҳои фаҷ. 155
Мудири анбор ............... 155
Мубтало аст................... 155
Ба заҳрзабон.................. 155
Иғвогар ......................... 155
Бевиҷдон ........................ 156
Тахтагардан................... 156
Парво надорам.............. 156
Роҳ чун пушти шутур .... 156
Дидагирён шуд.............. 156
Олими беамал................ 156
Ҷонам ба танг омад....... 156
Виҷдонфурӯш................ 156
Савори аспи мансаб ...... 157
Муаллифи модарнома .. 157
Якрав............................. 157
Дамсози ман .................. 157
Бо ханда ҳамдам ........... 157
Фитнаҳо сар мекунанд.. 157
Сигор............................. 157
Аҷаб аст ......................... 158
Таманно карда мехонӣ .. 158
Лофзан........................... 158
Олуфта........................... 158
Муҳоботчӣ..................... 158

## ХОКБӮРОН
## (Масалҳо)

Рӯбоҳ ва мудири ферма . 160
Куррачаи зебоипараст... 160
Магас ва фил................. 161
Алошақшақа.................. 162
Акка ва лаклак .............. 162
Бузи айбҷӯй................... 163
Бел ва трактор ............... 163
Баққа ва мурғобӣ .......... 163
Гул ва кура .................... 164
Гургу рӯбоҳ................... 164
Гурба ва саги алопар ..... 165
Гелос ва бед................... 165
Гург................................ 165
Гурбача ва саг................ 166
Ду гунҷишкак ............... 167
Ду табар ........................ 167
Ду чӯҷача ...................... 168
Достони ҳудҳудак ......... 168
Зоғи ҳофиз..................... 171
Занбӯри асал ва магас.... 171
Каду ва себ ..................... 171
Калзоғ ва булбул ........... 172
Лолахасак...................... 173
Маркаби косагул........... 173
Мурғак........................... 174
Маймун ва харгӯш ........ 174
Мӯрча ва мушак ............ 176
Маймун ......................... 176
Маркаби ҳофиз............. 177
Мор................................ 177
Мушаки айёр ................ 179

Маркаб ............................ 181
Ниҳолчаҳои навбар ....... 182
Оҳу ва гург ...................... 183
Осиёб ............................... 183
По ва шкам ..................... 183
Рӯбоҳ ва харгӯш ............. 184
Рӯбоҳи соҳибмансаб ...... 185
Рӯбоҳ ва шер ................... 185
Сӯзан ва ресмон.............. 186
Судии гӯсфанд ................ 186
Сагу гурба ....................... 187
Санги шашпар ва оина .. 187
Стакан ............................. 188
Соя ва офтоб ................... 188
Симоб .............................. 189
Тӯтӣ ва шоир .................. 189
Тӯтӣ ................................ 189
Фотимачумчуқ ва тӯтӣ .. 190
Хурӯс ва боз .................... 190
Хирси шуллук ................. 191
Хурӯс ва мурғи чипор.... 191
Харгӯш ва косадум ........ 191
Хурӯс ва мокиён............. 192
Ҷазои чӯҷа ...................... 192
Чӯҷаи модарбезор .......... 193
Ҷомадон .......................... 193
Шоир ва қоғаз ................ 193
Шаррора.......................... 194
Шакар ва намак.............. 194
Рӯбоҳ ва хурӯс................. 194
Гурба ва гунҷишкак ....... 195
Рӯбоҳ ва гург................... 196
Маркаби мағрур ............. 197

**СИМХОР**

Қалам ............................... 200
Қоз ва ғоз......................... 200
По ва мӯза ....................... 200
Маҳфиле оростам ........... 200
Панҷаи мурғобӣ ............. 200
Полони хар...................... 201
Муши паррон.................. 201
Танқиди ноҳақ ................ 201
Кирми шабтоб ................ 201
Лаклак ............................. 201
Акка ................................ 201

**Наимҷон Назирӣ**

**ШОХҶӮРОБ**

*(Маҷмӯаи шеърҳои ҳаҷвӣ)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчини компютерӣ *Дилафрӯз Ҳайдарова*

Ба матбаа 23.01.2012 супурда шуд. Чопаш 26.01.2012 ба имзо расид. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 84x108 1/32. Ҷузъи чопӣ 6,5. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а